

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ (аз чап) ва Абӯ Исҳоқ.
Расми Ҳиндустонӣ. Асри XVII.

Ҳайати таҳририя

Н. А. МАЪСУМӢ, Р. ҲОДИЗОДА, РАҲИМ ҲОШИМ,
М. ШУКУРОВ

[redacted]

Муҳаррири масъул А. АБДУЛЛОЕВ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ҶАШННОМАИ ҲОФИЗ

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината. 234

НАШРИЁТИ «ДОНИШ»
ДУШАНБЕ, 1971

Номи Ҳофизи Шерозӣ — шоири забардасти адабиёти гузаштаи форсу тоҷик қарнҳо инҷониб шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда дар шарқу ғарб машҳур шудааст. Моҳи марти соли ҷорӣ аҳли тараққипарвари ҷаҳон 650-солагии рӯзи таваллуди ин шоири барҷастаро ҷашн мегиранд. Аҳли маданияти республикаи мо ба ин ҷашни мӯътабар тайёрии махсус дида, барои хуб қайд кардани он фаъолият нишон дода истодаанд.

Аз ҷумла ба муносибати ин воқеа Академияи фанҳои республика бо ҳамроҳии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ махсус тайёрӣ дида, дар хусуси шоири бузург ин маҷмӯаро иборат аз сензадаҳ мақола чоп намуд. Маҷмӯа бо пешгуфтори олими мӯҳтарам Р. Ҳодизода оғоз шудааст.

Дар маҷмӯа аз хусуси ҳаёту фаъолият, мазмуни ашъор, шӯҳрату маҳорат, таъсири Ҳофиз ва баробари ин муносибати ӯ бо адабиёти асрҳои пешина муфассал сухан рафтааст. Муаллифон кӯшидаанд, ки баробари омӯхтани ин масъалаҳо як дараҷа чигунагии мундариҷаи эҷодиёти шоири бузург ва робитаи ӯро бо адабиёти гузашта маълум созанд.

Маълум, ки дар адабиётшиносии тоҷик оид ба ин устоди забардаст корҳои тадқиқӣ хеле кам анҷом ёфтааст. Ба ин ҷиҳат ин маҷмӯа дар ин бобат аҳамияти калон дорад. Ҳарчанд ки вай кори фундаменталӣ дар бораи Ҳофиз нест, вале барои дурусттар ва амиқтар фаҳмидани эҷодиёти устод, аз наздик шинос шудан бо мазмуни ашъори рангини ӯ, маҳорату таъсираш, алоқаи эҷодиаш ба хонанда ва аҳли илм кӯмаки калон мерасонад ва ба ин муносибат дар айни замон кори ҷиддии тадқиқӣ оид ба ин симои бузург ҳисоб мешавад.

Умед аст, ки ин маҷмӯа мувофиқи табъи хонандагону муаллимон, тадқиқотчиёни адабиёт ва дӯстдорони эҷодиёти Ҳофиз хоҳад буд.

234

ИНВ-84

## ПЕШГУФТОР

Имсол ҷаҳони мутамаддин 650-солагии таваллуди яке аз бузургтарин устодони каломи бадеӣ, шоири инсонпарвар Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозиро ҷашн мегиранд. Дар зумраи намояндагони умдаи санъату адабиёти ҷаҳонӣ эҷодиёти Ҳофиз дар саҳифаҳои тамаддуни башарият мақоми баарзише дорад ва аз ин ҷост, ки ёдбуди шоирро имрӯз дар қитъаҳои гуногуни дунъё, ба забонҳои мухталиф ба эҳтирому муҳаббати бузург пос медоранд.

Шӯҳрати Ҳофиз ҳанӯз дар замони ҳаёташ дар саросари кишварҳои машриқзамин интишор ёфт, ашъори ӯро мардум мехонданд, яке ӯро чун шоири бузурги беҳамто дӯст медошт, дигаре таъсири сухани ӯро ба эъҷози паямбарӣ баробар мекард; ҳукмронҳои номдор мехостанд, ки чунин шоире мисоли Ҳофиз дар рикоби онҳо бошад, мӯъҷизакориҳои каломи бадеашро ба васфу ситоиши шукӯҳу таҷаммули давлату сарвати онҳо вақф кунад. Аммо Ҳофиз то охири умр ба қувваи тавоно ва озодонаи сухани худ, ба мардуми меҳнатие, ки худи ӯ аз байни онҳо нашъу намо ёфта буд, ба зодгоҳаш, ки аз қадимулайём маъвои санъату адабиёт буд, вафодор монд. Ӯ озодиву одамиятро тараннум кард, зулму ситам ва беадолатиро маҳкуму мазаммат намуд.

Шӯҳрати ҷаҳонии Ҳофиз пас аз маргаш боз ҳам васеътар доман паҳн кард. Садою оҳанги ашъори мӯъҷизаосои вай аз Осиё ба кишварҳои Аврупо танинандоз гардид. Ва аз аввалин афроди бузурге, ки маъниҳои бикр ва санъати олии сухани Ҳофизро ҳатто дар тарҷимаҳои ин назм дарьёфт кард, Гёте буд. Гёте даҳою зако ва нодиракориҳои санъати сухани шавқангез ва дилошӯби Ҳофизро ба воситаи назми матин ва мафтункунандааш барои хонандаи мағриб-

замин кашф намуд. Аз асри XVIII назми Ҳофиз ба забонҳои франсавию англисӣ, испанию италиявӣ, русиву польякӣ тарҷума шуд ва зуд ба дили хонандаи умум роҳ ёфт.

Сабаби чунин шӯҳрати оламшумул ва нуфузи байналмилалии Ҳофиз дар он буд, ки ашъори ӯ рӯҳи бузурги халқӣ ва миллӣ дошт: решаҳои он бо меҳру муҳаббати мардуме, ки чунин шахсро ба ҷаҳон дода буд, бо шираҳои забони миллии мардуми Эрону тоҷик нашъунамо ёфта буд. Ҳофиз баробари он ки шоири ҷаҳоншумул буд, пеш аз ҳама фарзанди мардуми форсзабон — ворисони бевоситаи адабиёти ин забон — эрониёну тоҷикон буд.

Чи тавре ки зодагони диёри тоҷикон Рӯдакиву Носири Хусрав, Сайфи Исфарангу Асири Ахсикатӣ дар замини Эрон шӯҳрат доранд ва шоири миллии мардуми эрониёнд, Ҳофиз низ — зодаи форси қадими Эрон — ҳамчун шоири миллии халқи тоҷик ифтихори маданияту адабиёти ӯст. Аз Ҷомии бузург то Шоҳини асри XIX шоирони тоҷик дар Осиёи Миёна мухлису мӯътақиди Ҳофиз буданд, аз сухани ӯ таассур мегирифтанд, аз маъниҳои баландаш илҳом касб менамуданд. Ашъори Ҳофизро дар мактабҳои тоҷикӣ аз айёми туфулият то давраи камолоти донишу фазл мехонданд; мардуми заҳматкаш байтҳои обдори ӯро ба оҳангҳои мақомот ва таронаву бадеҳаҳои худ андохта месуруд.

Имрӯз ҳам Ҳофиз дар ҳаёту маданияти мо мақоми басазое дорад. Аз устодони назми мо — Айнию Лоҳутӣ ва Пайраву Турсунзода то насли ҷавони адибонамон аз мероси манзуми ин шоири бузург баҳра мегиранд, ба байтҳои шойгони ӯ тазмину назира, тахмису ҷавоб менависанд. Девони ашъори ӯ борҳо ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷик ба табъ расида, аз китобҳои дилчасптарини хонандагон шудааст. Аз ин ҷост, ки халқи тоҷик ёдбуди 650-солагии таваллуди Ҳофизро ҳамчун воқеаи бузурги ҳаёти мадании худ истиқбол намуд ва нисбат ба хотираи шоири маҳбуби худ эҳтироми бепоён ва сипосгузории бениҳояе иброз доштааст.

Ба муносибати ҷашни шоир дар республикаи мо Комитети ҷашнгирӣ бо раёсати шоири шаҳири тоҷик — Мирзо Турсунзода ва муовинии адабиётшиноси маъруф Носирҷон Маъсумӣ таъсис шуда, корҳои бисьёреро аз рӯи тайёрии ҷашн ба ӯҳдаи худ гирифтааст. Ба шарафи ҷашн мунтахаби ғазалиёти Ҳофиз аз нав ба табъ расид, чилу се ғазали шоир аз нусхаи қадимтарин ба нашр ҳозир шуд, дар маҷал-

лаву рӯзнома, радиою телевизион барномаҳои махсусе ба хотираи Ҳофиз баргузор гардид. Шоирон ба ёдбуди шоир шеъру тарона, оҳангсозон суруду навоҳои тоза офариданд.

Маҷмӯае, ки ҳоло дар даст доред, армуғонест аз олимони тоҷик ба истиқболи ҷашни ин шоири бузург. Ҳофизшиносӣ риштаи пурдоманаест дар илм, ки шомили масъалаҳои бисьёри пураҳамият аст. Дар тадқиқ ва таҳқиқи ин масъалаҳо чандин китобҳои илмӣ бояд таълиф гардад. Табиист, ки дар чунин маҷмӯае, ки мо ба хонандагон тӯҳфа кардаем, ҳамаи ин масъалаҳоро дар бар гирифтан амри маҳол буд. Бо вуҷуди ин чанд нуктаи муҳимме аз ҳаёту эҷодиёти шоир ба тарзи эҷозу иҷмол дар мақолаҳои олимони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар мақолаи аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон Н. Маъсумӣ мазмуни ғоявӣ ва ҷиҳатҳои муҳимтарини санъати олии сухани Ҳофиз баҳс шудааст. Адабиётшиноси кӯҳансоли тоҷик Т. Зеҳнӣ дар мақолаи худ шеъри Ҳофизро аз назари истеъмоли синооти маънавию лафзӣ дар назми шоир таҳқиқ намудааст. Масъалаи таркиби луғавии ашъори Ҳофиз, ки ба масъалаҳои санъати Ҳофиз марбут аст, дар мақолаи В. Қапранов аз назари дақиқбинонаи муаллиф гузаронида шудааст. Олими ҷавони тоҷик А. Қодиров мақолаи худро ба инъикоси нуктаҳои фалсафӣ дар шеъри Ҳофиз тахсис намудааст. Мақолаҳои А. Абдуллоев ва А. Бобоев ба ҷиҳатҳои ҷудогонаи назми Ҳофиз — ба хусусиятҳои қасидаҳои шоир ва мавзӯи тасвири табиат дар ашъори Ҳофиз бахшида шудааст.

Эҷодиёти Ҳофиз ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати шакл давоми анъанаҳои адабиёти пешина буд ва ӯ бо назми худ бо эҷодиёти гузаштагони назми порсизабон марбут буд. Дар мақолаҳои Қ. Айнӣ, И. Ҳидоятов ва А. Афсаҳов ин масъала дар таҳлили робитаҳои эҷодии Ҳофиз бо Асириддини Ахсикатӣ, Саъдии Шерозӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ нишон дода мешавад. Масъалаи мактаби ғазалсароии асри XIV ва алоқаҳои эҷодии Ҳофиз бо муосирони худ дар мақолаҳои рафиқон Р. Ҳошим ва Н. Сайфиев мухтасаран таҳқиқ гардидааст. Дар мақолаи А. Афсаҳзод «Ҳофиз ва Ҷомӣ» хонанда мебинад, ки таъсири Ҳофиз дар байни шоирони асрҳои минбаъда ва махсусан дар эҷодиёти бузургтарин шоири тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ то чӣ андоза пурқувват ва самарабахш будааст.

Оҳангу каломи ашъори Ҳофиз аз асрҳои пеш бо суруду мусиқӣ сахт марбут буд. Ин иртиботи шеъри ӯ бо мусиқӣ, махсусан дар маҷмӯи оҳангҳои классикии тоҷик «Шашмақом», хеле равшан намудор аст, ки ин масъаларо олими ҷавон Т. Шаҳобов дар мақолаи охирини ин маҷмӯа иҷмолан аз назари таҳқиқ гузаронидааст.

Ҳаҷму гунҷоиши маҷмӯа ва мақолоти он имкон надошт, ки ҳамаи масъалаҳое, ки дар ин ҷо ба миён гузошта шудааст, ба тафсили том ва диққати амиқ таҳлил гардад. Умед аст, ки омӯхтани Ҳофиз дар адабиётшиносии мо минбаъд тавсиа хоҳад ёфт ва ба қалами олимони тоҷик роҷеъ ба аҳвол ва осори ин шоири бузург тадқиқот ва таҳқиқоти пурарзише ба миён хоҳад омад.

Р. Ҳодизода



Расми рассом Султон Муҳаммад барои девони Ҳофиз. Асри XVI.

## ГАНҶИНАИ ФИКРУ ҲИС

Шамсиддин Муҳаммад Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз ҷумлаи адибон ва мутафаккирони бузургу ҷаҳоншумулест, ки ба туфайли назми баландсанъат, мазмуну маъниҳои бикри ҳаётӣ ва фалсафӣ ва ширинсухании устодонааш олами тамаддуни Шарқу Ғарб кайҳост, ки ӯро мешиносад. Ғазалиёти ин устоди назм ҳанӯз дар айёми зиндагии худи ӯ, дар асри XIV, аз зодгоҳаш Шероз берун рафта, дастраси хонандагони бисьёр шаҳру кишварҳои Шарқ гардидааст. Гуфтаҳои зерини Ҳофиз низ далели он аст, ки ашъори ӯ дар ҳамон замонҳо дили аҳли фазлу адаб ва ҳаводорони бешумори шеъри дариро фаро гирифта, фараҳфазоӣ мекардааст:

Зи шеъри Ҳофизи Шероз мегӯянду мерақсанд
Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.

* * *

Ироқу порс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ҳофиз,
Биё, ки навбати Бағдоду вақти Табрез аст.

Афзоиши шӯҳрати баъдинаи Ҳофиз пайваста ба интишори минбаъдаи эҷодиёти ӯ воқеъ шудааст.

Албатта, меъёри эътибори ҳар адиб эҷодиёти ӯст. Куллиёти ашъори Ҳофиз, ки қариб 500 ғазал, чанд қасида, соқинома, як миқдор рубоӣ ва шеърҳои дигарро дар бар мегирад, дар воқеъ хизонаи маъниҳои баланд, фикрҳои тару тоза ва каломи рангин мебошад. Хонандаи ғазалиёти Ҳофиз дуньёи қадим, замони шоир, асрҳои минбаъда ва ояндаи

дурахшони башариятро сайр карда, дар баҳри фикру андешаҳои шоир ғӯта мезанад, завқ мебарад, ба ҷӯшу хурӯш меояд.

Лирикаи Ҳофиз сермавзӯъ ва домани ҳар мавзӯъ басе фарох аст. Мутаассифона, дар ин баёноти хеле кӯтоҳ фақат баъзе аз он масъалаҳоро номбар кардан имконпазир асту халос.

Дар лирикаи шоир авзои замони пурошӯб, зиддиятҳои ҷамъиятӣ, мубоpизаи аҳлу ноаҳл, ақлу ҷаҳл, илму дин, некию бадӣ ва шодию андӯҳ дар шаклу услуби хоси Ҳофиз акс ёфтаанд. Албатта, хонанда дар мавҷу авҷи баёни ин масъалаҳои мураккаб зиддиятҳои фикрӣ ва маҳдудияти таърихии шоирро низ равшан ҳис мекунад. Вале пеш аз ҳама дар назари кас Ҳофизи инсонпарвар, ватанпараст ва эътирозкору озодфикр қомат афрохта амал менамояд.

Дар бисьёр ғазалҳои шоир чунин шӯридахотирӣ ва афкори зиддизамонавӣ бо таъбирот ва кинояҳои серmаънии тунду тези нишонрас ифода меёбанд. Дар баробари ин, ғазалҳое низ ҳастанд, ки вазъи нохуши замони шоир ва кирдорҳои хунини замонадоронро ошкоро ифода менамоянд. Масалан, ҳамин ки ғазалҳои «Агарчи бода фараҳбахш...», «Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст», «Биё, то гул барафшонем...», «Ин чӣ шӯрест...» ва амсоли инҳо ба мутолиа расиданд, мазмуни зиддизамонавӣ ва эътирози фаъоли шоири инсонпарвару ҳаётдӯст ба осонӣ дарк мешавад. Чунин аст фошгӯии Ҳофиз дар ҳаққи айёми бесару сомон, бераҳму шафқат ва пуршӯру шарри феодалии асри XIV:

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.
Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабад аз айём,
Мушкил он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам.
Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,
Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам.

Ғаму андӯҳи мардуми ситамкаш, фикри беҳрӯзию оромии зиндагӣ шоири оташинсуханро ба изтироб меандозад. Вай барои дафъи ғаму ғусса, барои давомат ва таровати хушҳолӣ маънан худро ба маю майкада мезанад, бо пири муғон, соғару соқӣ дӯстиву ҳамдардӣ меварзад ва риндона садои эътироз баланд мекунад:

Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст,
Ба бонги чанг махӯр май, ки мӯҳтасиб тез аст!
Дар остини мураққаъ пиёла пинҳон кун,
Ки ҳамчу чашми сурохӣ замона хунрез аст!

Шоир таҷассуми амалиёт ва мубориза фаъолонаи фикрии қаҳрамони лирикист. Вай дар изтироб аст, вале навмедӣ надорад, бо орзуи тарҳи нави зиндагӣ мехурӯшад ва мекӯшад, аммо роҳу тариқи буньёди онро намефаҳмад. Ба ҳар ҳол якҷоя бо маю соқӣ ба лашкари ғам ҳуҷум меоварад ва роҳи шодию сурурро пеш мегирад.

Ҳофиз изҳори умеду боварии комил мекунад, ки номуродиву нокомӣ ва беадолативу ҷаври гардуни дун беинтиҳо нест; гардиши айём рӯзе ҳаёти бофароғату роҳатро насиби орзумандон хоҳад сохт. Барои ифодаи ин фикр дар матлаи як ғазал қисмати Юсуфи Канъониро ёдоварӣ мекунад, ки мазмуни байтҳои дигари ин ғазал бо матлаъ сахт вобаста аст:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!
Ин дили ғамдида ҳолаш беҳ шавад, дил бад макун,
В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон, ғам махӯр!
Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,
Доимо як сон намонад ҳоли даврон, ғам махӯр!

Асли мақсаду мароми Ҳофиз ғояи адлу инсоф ва ғалабаи он дар зиндагӣ мебошад. Ҳар чанд ки шоир дар роҳи зафар ба ҷои талошу мубориза сабру собириро талқин медиҳад, вай дар баёни ақидаи адолатхоҳӣ ва боварӣ ба фардои ҳаловатбахши башарият устувор аст. Воқеан, чӣ фикру ҳисси баланди зиндадилонаву ҳаётҷӯёнае дар ғазали ӯ ифода ёфтааст, ки дар он ғуссаю шодӣ, ёру ағьёр, деву фаришта, зулмати шаби ялдо ва нури хуршед, арбоби бемурувват ва аҳли карам ба ҳам муқобил гузошта мешаванду ҷавҳари маънӣ дар ин сатрҳо баён мегардад:

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд...
Булбули ошиқ, ту умр хоҳ, ки охир
Боғ шавад сабзу сурхгул бадар ояд.
Сабру зафар ҳар ду дӯстони қадиманд,
Бар асари сабр навбати зафар ояд.

Ҳофиз тафовути вазъияти зиндагии мунъиму муфлис ва зиддияти иҷтимоии ин ду гурӯҳи ҷамъиятро, аз нуқтаи назари синфӣ набошад ҳам, аз назари адлу инсоф, одамият ва халқпарварӣ нағз медонист ва дарк мекард. Вай ҳамчун шахси пурдону пурдида мушоҳида мебурд ва мефаҳмид, ки кирдори шуми «забардастони зердастозор» ба сари мардуми бебизоату бечора бисьёр бадбахтиҳо меоварад. Аз ин рӯ манфиати аҳли заҳматро тарафдорӣ карда, компрони маҳсули бозуи худ буданро айни мақсад мешуморад, ки як шиор ва мояи ифтихори ӯ ҳамчун марди инсонпарвар ҳамин аст:

Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам.

Дар давоми асрҳо бисьёр касон ба шарҳу тафсири эҷодиёт, калимаю истилоҳот ва иборaҳои шоиронаи Ҳофиз машғул шуда, китоб-китоб шарҳномаҳо ба вуҷуд овардаанд. Дар он шарҳиёт Ҳофизи Шерозӣ ҳамчун ифодакунандаю талқиндиҳандаи мазмунҳои илоҳӣ ва сӯфии гузаро тасвиру тавсиф меёбад.

Ба ақидаи он шарҳдиҳандагон ва баъзе муҳаққиқони гузаштаву муосир Ҳофиз шоири лисонулғайбест, ки гӯё сурудаҳои ӯ бо нуктаҳо ва ишораҳои муҳимми «Қуръон» ва шариат мувофиқат мекунад. Вобаста ба ин калимаҳои **ошиқ, маъшуқ, санам, ёр** ҳамчунин **оғӯш, бода, бӯса, чашм, ҳусн, бунафша** ва ғайра, иборaҳои **оби равон, хами зулф, ҷоми Ҷам** ва амсоли ин, хулоса қариб ҳамаи шаклҳои ифодаи шоир ба маънию мафҳумҳои муҷаррaду рамзии динӣ-тасаввуфӣ шарҳ меёбанд. Ҳамин тариқа, ашъори Ҳофизро саршори мазмунҳои ирфонӣ шуморида, аз мазмунҳои ҳаётӣ ва эътирозҳои иҷтимоии ӯ қатъи назар мекунанд.

Албатта, Ҳофиз шахси бедин набуд. Дар ғазалу шеърҳои ӯ ҷо-ҷо ишораҳо ва мазмунҳои динӣ-тасаввуфӣ кам нестанд. Ҳатто баъзе аз истилоҳоти ашъори ӯ ба ду тобиши маъноӣ низ фаҳмида мешаванд. Вале аслу асоси эҷодиёти ӯ ташвиқу тарғиби дину динпарастӣ, талқину тақвияти ҳаёти мавҳуми замони «зинда гардонидани баъд аз миронидан» ва афсонаҳои бофтаи мутааллиқ ба он намебошад!

Баръакс. Ҳофиз кирдорҳои мунофиқонаи шайху зоҳид, дурӯғу фитнаҳои муфтиву мӯҳтасиб ва гуфтори бефоидаи

воизони беамалро фош мекунад. Вай ҳаёти заминиро ҳамчун аслу моҳияти ҳастии одам гаштаву баргашта тараннум намуда, парда аз рӯи дасисаҳои тақвою тақводорӣ, зӯҳду зӯҳдфурӯшӣ ва риёкорию авомфиребии зумраи ҷоҳилон мебардорад. Шоир назарфиребию ҳарзагӯии он носеҳони ғайримутанассеҳро фошофош қайд карда, хитоб мекунад, ки «Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?!» ва бар хилофи гуфтаҳои сари минбар «он кори дигар мекунанд!».

Ба ҳамин тариқ, Ҳофиз иқрор мекунад, ки маҳз ҳаёти заминии одам «биҳишти накд» аст, ба он меҳр бояд баст ва зӯҳдфурӯшӣ дар бораи фардои қиёмат қобили боварӣ нест:

Ман, ки имрӯзам биҳишти накд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам!

Ҳофиз сароянддаи ҳамин «биҳишти накди» инсон ва кайфияти такрорнашавандаи он мебошад. Аз ин рӯ вай чун душмани кирдори авомфиребона сухан меронад:

Ҳофизо, май хӯру риндӣ куну хуш бош, вале
Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро!

Ҳофизи Шерозӣ таронасарои бузурги ишқу ҷавонӣ, ишқу зебоӣ, табиати дилрабо ва хушдилию хушҳолии одами поктинат мебошад. Ӯ дар ин бобат ошиқи гузарост ва ба гуфти худаш, ба ишқ варзидан шӯҳрат дорад.

Маълум аст, ки ин ҷо дар бораи ошиқи «биҳишти накд» ва нозу неъмати он сухан меравад. Монанди «Гул бе рухи ёр хуш набошад», «Ман дӯстдори рӯи хушу мӯи дилкашам», «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро»..., «Дили мо ба даври рӯят зи чаман фароғ дорад» ва ғайра даҳҳо, балки садҳо ғазали Ҳофизро мутолиа мекунед ва мебинед, ки ин шоири сеҳрбаён бо чӣ табъи равону оҳанги хуш ғазал мегӯяд, чӣ лавҳаҳои рангин меорояд ва онҳоро бо ҷавоҳироти маънӣ хотамкорӣ мекунад. Баҳои чунин санъати олии шоирро танҳо бо гуфтаи худи ӯ ифода кардан мумкин мешавад:

Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак икди Сурайёро.

Дар воқеъ, аз равонӣ, хушоҳангии мусиқӣ, соддагии забон ва самимияти ғазалҳои ошиқонаи Ҳофиз, мисли ғазали зерин, кас беандоза кайфияту ҳаловат мебарад ва мафтуни зебоии ҳаёт мегардад:

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами гул намешавад, ёди суман намекунад?
Дӣ гилае зи туррааш кардаму аз сари фусӯс
Гуфт, ки ин сиёҳи кач гӯш ба ман намекунад!
То дили ҳарзагарди ман рафт ба чини зулфи ӯ,
З-он сафари дарози худ азми ватан намекунад.

Чашми ҷаҳонбин, ақли расо ва дили ҳассоси шоир эҳсосоти бепоёну саршори муҳаббати одамиро ифода карда, фикри касро ба дуруст дарк намудани моҳияти дуньёи моддию маънавии одамизод ва зебоии одам мутаваҷҷеҳ месозад. Барои исботи ин иддао далел аз Ҳофиз бисьёр аст. Вале мо ҳоло чун намуна баёни ҳамин як байти лирикии шоирро дар назар дорем, ки ин шакли соддаи ифода чӣ андоза санъат, нафосат ва маънии зарифу латиф дорад:

Ҳар кас, ки дид рӯи ту, бӯсид чашми ман,
Қоре, ки кард дидаи ман, беназар накард.

Дар назми Ҳофиз тасвири классикии манзараи табиат ва лавҳанигории мухтасари айёми баҳорон ва вазъиятҳои гуногун дорои мавқеъ ва аҳамияти махсус мебошад. Дар тасвири шоир табиат ва одам мӯнису ҳамдами якдигаранд. Аз ин рӯ гулу лола, сарву суман, сабо ва насими шамол, булбулу қумрӣ, гулгашти Мусалло ва ҷӯи Рукнобод — ҳама ба одам, ба ошиқу маъшуқ наздиканд ва аксарияташон ҳамчун образҳои ташхисӣ барои робитаи қаҳрамонҳои лирикӣ хизмат мекунанд.

Баъзан ин гуна мавҷудоти зебои табиат ҳамроҳи шоир ҳама чун қаҳрамони лирикӣ ҷилвагар мешаванд. Чунончи, дар ин порча, ки ишқу ҷавонӣ тараннум меёбад, чунин хусусиятро дидан мумкин аст:

Равнақи аҳди шубоб аст дигар бӯстонро,
Мерасад муждаи гул булбули хушилҳонро.
Эй сабо, гар ба ҷавонони чаман бозрасӣ,
Хидмати мо бирасон сарву гулу райҳонро!

Чунин образҳои ташхисдодашуда ҳамчун рамзи дӯстӣ низ ба назар мерасанд, чунки Ҳофиз «гавҳари ишқ»-ро ҷустуҷӯ ва кайфияти ишқу ҳаётро тараннум карда, онро бе дӯст ва дӯстӣ тасаввур намекунад. Беҳуда нест, ки ӯ як силсила шеърҳои худро дар мавзӯи дӯстию рафоқат гуфтааст ва дар бисьёр ғазали худ маҳбубаро ҳамчун дӯсту рафиқ тасвир мекунад ва дӯст меномад. Ба ақидаи шоир, эътибори дӯст ва дӯстӣ бағоят баланд аст. Шоир онро аз муқаддасоти бофтаву афсонавӣ болотар мешуморад, чунки он мавҳуму бефоида асту ин маълуму судбахш:

Боғи биҳиштгу сояи тӯбию қасри хур
Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам.

Азбаски Ҳофиз дар натиҷаи низоу нифоқ, рӯй додани парокандагӣ, нохушӣ ва зиддияту носозкориҳоро дар ҷамъияти замони худ бисьёр дидааст, беҳтарин салоҳи корро дар иттифоқу дӯстии мардумон дида, ривоҷу равнақ додани дӯстӣ ва барҳам задани буньёди душманиро талқин мекунад. Дар ин бобат ҳукму шиори шоир ин аст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад!

Чунон ки дидем, Ҳофиз ҳамчун устоди назм, яке аз бузургтарин ва бонуфузтарин адибони мутафаккиру инсонпарвари адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Баёни он ҳама шӯридахотирӣ ва эътирозҳои иҷтимоӣ, талқини ҳаёту баҳори умри одамӣ ва радди мавҳумотфурӯшии ҷоҳилона, тарғиби дӯстию рафоқат ва тараннуми диловези ишқу зебоӣ, ки дар эҷодиёти ӯ дида мешавад, маҳз зуҳуроти гуманизми ҳаётбахши ӯст. Қувваю салосати оҳангу мазмуни гражданини лирикаи Ҳофиз маҳз дар ҳамин аст. Ин ошиқи зиндагӣ ва таронасарои муҳаббат безаволии худро дар ҳамин ишқи ҳаётӣ мебинад, чунон ки мегӯяд:

Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо!

---



Расм аз девони Ҳофиз, чопи Теҳрон.

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
...педко... ...нита.

## БАДЕИЁТИ АШЪОРИ ҲОФИЗ

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе шавад огоҳ,
Ки лутфи табъу сухангуфтани дарӣ донад.

Мувофиқи мазмуни байти боло он кас ба сухани Ҳофиз сарфаҳм меравад, ки лутфи табъ ва суханронии дарӣ — тоҷикиро аз худ карда бошад. Аз ин рӯ, касе, ки лутфи табъ ва забони маъмули даври Ҳофизро намедонад, наметавонад шеър фаҳмад. Ҳофиз ба ин қаноат накарда таъкид намудааст, ки дар шоирӣ ақлу фаҳму дониш низ лозим аст. Баъд аз ҳосил шудани ин воситаҳо шоир метавонад дар майдони балоғат гӯи сабқат рабояд:

Ба ақлу фаҳму дониш доди сухан тавон дод,
Чун ҷамъ шуд маонӣ, гӯи баён тавон дод.

Ҳофиз дар замони худ рақибони нотавонбин низ дошт. Яке аз ин душманони забардасти рӯзгори ӯ Шоҳшуҷоъ ба ҳисоб мерафт. Талмеҳан байти зерин ҳамчун тири заҳрдор равона ба ҳадафи хасми нобакор буд. Ҳофиз бо ин байташ ифода мекард, ки зӯран шоир шудан намешояд. Барои шоири ҳақиқӣ шудан дорои лутфи сухандонии модарзод будан лозим аст, ки то қабули хотири умум гардад:

Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз?!
Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.

Санъат намаки калом аст, вале санъат бояд содда, равон, фаҳмо, бетакаллуф ва аз ғайри ирода ба зуҳур ояд.

Шоирони пешина ашъори худро бо перояи санъат чун арӯс мееростанд. Вале аз шоирони пешина касоне буданд, ки қасидаҳои санъаткоронаи сар то по мурассаъ ё муталаввин, ё мурассаи бо таҷнис ва ё бо санъати тафсиру табъин ё ки зуқофиятайн, илтизом, баргардониш ва ғайра меоростанд. Аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Рашиди Ватвот, Анварӣ, Маншурии Самарқандӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Қивомии Мутарризӣ, Абулмафохири Розӣ, Зулфиқори Шервонӣ, Шамси Фахрӣ, Қатрони Табризӣ, Салмони Соваҷӣ ва дигарҳо буданд.

Дар назди ин шоирон тумтароқи алфоз, санъатҳои соминавозу мусиқадори шаклӣ дар мадди аввал меистод. Пеш аз ба мақсади аслӣ омадан бояд гуфт, ки Ҳофиз аз он зумра шоирон нест, ки мансуб ба дарборе ва маддоҳи ягон подшоҳ ва ё ягон вазиру давлатманде бошад. Фақат аз рӯи илтимос, на ба умеди сила, сарфи назар аз якчанд қасидааш, баъзе ғазалҳо суруда, барои ҳақгузорӣ ва миннатдорӣ талмеҳан бо байте ишорате кардааст, ки ин равиш ҳам хоси ӯст. Вале ин қасида ва ғазалҳо монанди қасидаҳои сар то по маснӯи шоирони дарборӣ аз мадҳу сано иборат набуда, балки содда, равон, софу барҷаста ва бо як ҷӯши баён мумтоз аст.

Ширинӣ ва латофати сухани Ҳофиз, махсусан санъати каломи дилкашу масарратбахши ӯ воқеӣ ва шомили ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва воқеаҳои рӯзмарраи ҳаёт мебошад. Қисми аъзами осораш, ба талху ширин ва пасту баланди даврaҳои мухталифи умраш вобаста буда, онҳоро ба як забони дилчасп ва тасвири зебо меорояд. Аз ин рӯ, аҳли дину шариат лисонулғайбаш меноманд, ки гӯё ӯ аз ғайб хабар медода бошад. Ва ҳол он ки ашъораш бинобар шомили риштаҳои таҷрибаи ҳаёт будан, аксар дар вақти аз девонаш фол кушодан аз рӯи тасодуф байтҳое вомехӯранд, ки ба ягон лаҳзаи ҳаёти хонанда рост меояд[1]. Якчанд байти Ҳофизро, ки воқеӣ ва роҷеъ ба ҳаёти моддӣ ва таҷрибавӣ буда, латиф, содда, шӯх ва бо қатъияти баёни риндона гуфта шудааст, мисол меорем:

Шоҳидон дар ҷилваю ман шармсори кисаам,
Эй фалак, ин шармсорӣ то ба кай бояд кашид.

Гуфт: худ додӣ ба мо дил, Ҳофизо,
Мо муҳассил[2] бар касе нагмоштем.

Гарчи пирам, ту шабе танг дар оғӯшам гир,
То саҳаргаҳ зи канори ту ҷавон бархезам.

Рақс бар шеъри тару нолаи най хуш бошад,
Хоса рақсе, ки дар ӯ дасти нигоре гиранд.

Ишрати шабгир кун, май нӯш, к-андар роҳи ишқ,
Шабравонро ошноиҳост бо мири асас[3].

Дар ин байт киноаи сахт низ ҳаст нисбат ба доираи ҳукуматӣ ва амалдориаш.

Қанди омехта бо гул на илоҷи дили мост,
Бӯсае чанд биёмез ба дашноме чанд?

Дар ин байт санъати тақсим низ дида мешавад.

Зи роҳи майкада, ёрон, инон бигардонед,
Чаро ки Ҳофиз аз ин роҳ рафту муфлис шуд.

Саҳаргаҳ раҳраве дар сарзамине
Ҳамегуфт ин муаммо бо қарине,
Ки эй сӯфӣ, шароб онгаҳ, шавад соф,
Ки дар шиша барорад арбаине.[4]

Дар ин байт нисбат ба сӯфӣ киноаи беамон ҳаст.

Чунонки дар боло зикр ёфт, санъати Ҳофиз ба ғоят табиӣ буда, бисьёртар аз ғайри қасд ва ирода тазоҳур кардааст. Чунончи дар вақти мутолиа хонанда аз латофат ва ширинии сухани Ҳофиз мафтун шуда, аз санъатҳои нозуку латифи ӯ бехабар мемонад.

Ғазалиёти Ҳофиз ду мазияти ба худ хос дорад: салосату фасоҳати забон ва мавзунияти мусиқидорӣ.

Дуйӯмӣ дар сурати нозук ва зариф ҷогир шудани саноеи лафзӣ ва маънавии он аст. Дар натиҷаи ҷамъ омадани назокати берунӣ ва балоғати дохилӣ ҳар як ғазали Ҳофиз намунаи адаби ирфонӣ мебошад. Чунончи худ месарояд:

Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,
Офарин бар нафаси дилкашу табъи суханаш.

Бинобар ин аксарияти ғазалҳои Ҳофизро саҳли мумтанеъ шуморидан мумкин аст. Бисьёрии шоирони пешина тақлиди сабки Ҳофиз карда бошанд ҳам, ба дараҷаи ӯ расида натавонистаанд. Саъдӣ дар ғазал асос гузошта бошад, Хусрав ва Ҳасан онро тараққӣ додаанд. Вале Ҳофиз ғазалро ба нуқтаи аъло расонидааст. Агарчи Ҳофиз дар аввал тақлиди ғазалсароии Салмон ва Хоҷуро карда бошад ҳам, баъдҳо гӯи сабқат аз онҳо рабудааст.

Ҳофиз шоири бетакаллуф, содданавис ва дар айни замон санъаткори гуногунмазмун аст. Ӯ дар эҷоди мазмунҳо ва бадеаҳои санъат устод аст. Хулоса Ҳофиз шоири ошиқ ва дили ӯ бо ҳиссиёти амиқи ишқу муҳаббати инсонӣ пурҷӯшу хурӯш, ҳар як ғазалаш маҷмӯаи латофату балоғати шеърӣ буда, дар камоли рақсонӣ, шӯхоҳангӣ бо латифа ва нуктаҳои ҳикматомези халқӣ ифода ёфтааст.

Аз ин рӯ, осору афкори ӯ номурданист. Чунонки мегӯяд:

> Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
> Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

Ҳофиз дар ашъораш аз ҳама бештар ва пештар таносуби каломро риоя мекунад. Ягон калимаи бе муносиб ва ноҷоя вуҷуд надорад. Таносуби калом ба маҳорат, устодӣ вобастагӣ дорад. Агар ҷои ягон калима тағьир ёбад, латофату балоғати Ҳофиз мешиканад. Аз ҷумла ғазали зерини Ҳофиз барои риояи таносуби каломи ӯ басанда аст. Илова бар ин ин ғазал воқиабанд буда, байтҳо мутаммими байти гузашта мебошад:

> Саҳар ба бӯи гулистон ҳамешудам дар боғ,
> Ки то чу булбули бедил кунам илоҷи димоғ.
> Ба чеҳраи гули сурӣ нигоҳ мекардам,
> Ки буд дар шаби торӣ ба равшанӣ чу чароғ.
> Кушода наргиси раъно ба ҳасрат об зи чашм,
> Ниҳода лолаи ҳумро ба ҷону дил сад доғ.
> Забон кашида ба теғе ба сарзаниш савсан,
> Даҳон кушода шақоиқ чу мардуми айғоғ.
> Яке чу бодапарастон сурохӣ андар даст,
> Яке чу соқии мастон ба каф гирифта аёғ.
> Чунон ба ҳусни ҷавонии хештан мағрур,

Ки дошт аз дили булбул ҳазоргуна фароғ,
Нашоту айшу ҷавонӣ чу гул ғанимат дон,
Ки Ҳофизо, набувад бар расул ғайри балоғ.

Илова ба таносуби калом Ҳофиз калимаҳоро паси ҳам чунон мечинад, ки аксаран дар аввали калимаҳо ҳарфҳои ҳаммахраҷ зикр меёбанд. Ин навъ аз санъати илтизом ба шумор рафта, баъзан ба санъати иштиқоқ низ монандӣ дорад. Ба қавли Парвези Нотили Хонларӣ «нағмаи ҳуруф» низ номидан мумкин аст.

Парвези Нотили Хонларӣ дар мақолаи ба унвони «Забони шеър» дар шумораи 6-ўми давраи 18-и маҷаллаи «Суxан» навишта аст:

«Ғазалсароёни бузурги мо ғолибан калимоти шеъри худро ба тарике интихоб мекарданд, ки миёнаи асвот (овозҳо)-и онҳо як мушобиҳат ё ваҳдате бошад ва ё ба ин васила шеърро ҷудо аз маонӣ, ба як нағмаи мусиқӣ табдил мекарданд».

Ҳофиз дар ин фан устоди забардаст ва мўъҷизакорест. Инак ба ин нағмаи ў гўш бидиҳем:

Ба сари сабзи ту, эй сарв, ки гар хок шавам,
Ноз аз сар биниҳу соя бар ин хок андоз.

Ё ин байт:

Бар остони ҷонон гар сар тавон ниҳодан,
Гулбонги сарбаландӣ бар осмон тавон зад.

Ё ин байти Саъдӣ:

Хабарат хароботар кард, ки ҷароҳати ҷудоӣ,
Чу хаёли оби равшан, ки ба ташнагон намоӣ.

Ҳарчанд фикри Парвези Нотили Хонларӣ дар ҳаққи баъзе аз шоирони пешина дуруст ояд ҳам, дар ашъори Ҳофиз дуруст нест. Хонандаи дақиқназари ашъори Ҳофиз нодурустии ин мулоҳизаро дар шеърҳои ў зуд дарк менамояд. Худи Парвези Нотили Хонларӣ дар поёнтар бар зидди ин фикраш ҳамоҳангии калимаро тақвия карда мегўяд: «...Шоир дар интихоби алфоз метавонад сифот ва хасоиси ҳарфҳоро мавриди назар қарор бидиҳад ва бар ҳасаби манзу-

ре, ки дорад, калимоти муносибтареро барои илқо ва ҳолоти нафсонии худ ба шунаванда баргузинад. Филмасал агар чанд калима ба як маънӣ ё маонии бисьёр наздик ба якдигар дар забоне вуҷуд дошта бошад, интихоби яке аз онҳо бар ҳасби ҳол ва мақсуди шоир муносибтар хоҳад буд».

Боз дар поёнтаре ба ҷои мисол гуфтааст:

«Наметавон гумон бурд, ки Манучеҳрӣ дар мусаммати маъруфи худ бо таваҷҷӯҳ ё бе таваҷҷӯҳ калимоте ба кор бурда, ки ин робитаи миёни тасаввури хазон ва овозҳои баргҳои хушкро дар зеҳни шунаванда бедор кунад:

Хезеду хаз оред, ки айёми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.
Он барги резон аст, ки бар шохи разон аст,
Гӯё ба масал пираҳани рангризон аст...»

Охиран, ҳамчун хулоса фикрҳои ӯро нақл кунем:

«Эҳсоси ҳамоҳангии миёни асвот низ барои ҳама лаззатбахш аст ва шояд бузургон ва латифтабъон ба ин нукта бештар таваҷҷӯҳ доштаанд. Қофия худ навъе аз ҳамин ҳамоҳангии савтҳост ва лаззате, ки ба шунаванда мебахшад, аз ин ҷост».

Маълум мешавад, ки дар ашъори Ҳофиз ҳамоҳангии калимаҳо ва ҳамҷинсии баъзе овози калимаҳо, инчунин қофия ва радиф низ дорои аҳамияти бузург аст. Ҳофиз килки худро ба шохи наботи шакарафшон ташбеҳ карда гуфтааст:

Килки Ҳофиз шакарин шохи набот аст, бичин,
Ки дар ин боғ набинӣ самаре беҳтар аз ин.

Ҳофиз дар байти дигаре байраки ифтихорро боз баландтар бардошта ва килки шакарҳои худро ба тӯтии хушлаҳҷа ва нӯли онро ба оби ҳаёти балоғатбор ташбеҳ кардааст:

Оби ҳайвонаш зи минқори балоғат мечакад,
Тӯтии хушлаҳҷа, яъне килки шаккархои ту.

Ҳоло диққати шуморо ба мутолиаи мисолҳои зерин кашида, латофати шакл ва балоғати маънавӣ ва махсусан хушоҳангӣ, мусиқидории ин мисолҳоро ба завқи шумо ҳавола мекунем:

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами гул намешавад, ёди суман намекунад?

Надонам аз чӣ сабаб ранги ошноӣ нест
Саҳикадони сиёҳчашму моҳсиморо?

На ман сабӯкаши ин дайри риндсӯзаму бас,
Басо саре, ки дар ин остона сангу сабӯст.

Сарам бирафту замоне ба сар нарафт ин кор,
Дилам гирифту набудат сари гирифторӣ.

Бо сабо ҳамроҳ бифрист аз рухат гулдастае,
Бӯ, ки бӯе бишнавем аз хоки айвони шумо.

Ҳеҷ аст он даҳону надидам аз ӯ нишон,
Мӯест он миёну надонам, ки он чӣ мӯст?

Сабзаст сарат, бода аз он дур мадор,
Май бар сари сабза хуш бувад нӯшидан.

Рӯзҳо рафт, ки дасти мани мискин нагирифт
Соқи шамшодқаде, соиди симандоме.

Расидани гулу насрин ба хайру хубӣ бод,
Бунафша шоду хуш омад, суман сафо овард.

Зи зарат кашид зевар, ба зарат кашид дар бар,
Мани бенавои музтар чӣ кунам, ки зар надорам.

**Таҷниси лафзӣ** Таҷниси лафзӣ ин аст, ки дар мисрае ё байте калимаҳои ҳамшакли мухталифмаъно такрор воқеъ мешаванд.

Дар калимаи **барбод додан:**

Зулф бар бод мадеҳ, то надиҳӣ барбодам,
Ноз бунёд макун, то наканӣ бунёдам.

**Дар калимаи бод додан:**

Дӯш огаҳӣ зи ёри сафаркарда дод бод,
Ман низ дил ба бод диҳам, ҳар чӣ бод, бод.

Ин байт дар айни ҳол зуқофиятайн аст.

Дар калимаи **меҳр** (офтоб, муҳаббат):

Дар ба моҳу меҳр барбандад ба ҳусн,
Моҳи бемеҳрам чу бикшояд ниқоб.

Дар калимаи **кай,** ки ба маънои подшоҳ ва ё ба маънои «кадом вақт» меояд:

Бидеҳ ҷоми майу аз Ҷам макун ёд,
Кӣ медонад, ки Ҷам кай буду Қай кай?

Дар калимаи **бозидан:**

Гар даст диҳад дар хами зулфайни ту бозам,
Чун гӯй чи сарҳо, ки ба чавгони ту бозам.

Дар калимаи «ғариб» (аҷиб, мусофир):

Бас ғариб афтодааст он мӯри хат гирди рухат,
Гарчи набвад дар нигористони хат мискин ғариб.

Дар калимаи «дида»:

Эй, аз фурӯғи рӯят равшан чароғи дида,
Монанди чашми мастат чашми ҷаҳон надида.

Дар калимаи «доро»:

... Ки Доро, ки дорои офоқ буд,
Ба дорандагӣ дар ҷаҳон тоқ буд.

**Дорои** аввал номи подшоҳ ва дорои сонӣ ба маънои соҳиб буда, дар айни замон дар ин байт илтизоми ҳарф низ вуҷуд дорад.

Дар калимаи «қабо» (ҷома, чок кардан):

Бар дигарон нигори қабопӯш бигзарад,
Мо низ ҷомаҳои сабурӣ қабо кунем.

Дар калимаи «равон» (зуд, ҷорӣ):

Равон дардеҳ, он май чу оби равон,
На оби равон, к-офтоби равон.

Дар калимаи «канор» (оғӯш, дур):

То рафтай аз канорам, эй дӯст,
Як бора зи хеш бар канорам.

Дар ин байт санъати баргардониш низ вуҷуд дорад.
Дар калимаи **«биҳишт»** (ҷаннат ва бигзошт):

На ман аз хонаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт.

Дар калимаи **«танҳо»** (якка, чанд кас):

Магар Хизри муборакпай расонад,
Ки ин танҳо ба он танҳо расонад.

Дар калимаи «тай»:

Дардеҳ ба ёди Ҳотами Тай ҷоми якманӣ,
То номаи сиёҳи бахилон кунем тай.

**Таҷниси мураккаб.**
Дар калимаи **дастгир** ва **даст гир**:

Қасеро, ки дастат расад, даст гир,
Ки фардо ҳамон бошадат дастгир.

Дар калимаи **тобанда** ва **то банда**:

Ту бадрию шамс туро банда шудаст,
То бандаи ту шудаст, тобанда шудаст,
З-он рӯй, ки аз шуои шамси рухи ту
Хуршед муниру моҳ тобанда шудаст.

**Таҷниси хат.** Дар калимаи **маскан** ва **машкан**:
Ин таҷнис дар алифбои арабӣ махсус буда, миёни «с» ва

«ш» ( ش -‘س) фарқ танҳо дар нуқта аст:

Дилам шуд бар сари зулфи ту маскан,
Бад-ин сонаш фурӯ магзору машкан.

Навъи дигари таҷниси хат ҳамҷинс омадани яке аз ҳамсадоҳои охири калима мебошад:

Солу фолу молу ҳолу аслу наслу тахту бахт
Бодат андар ҳар ду гетӣ бар қарору бар давом:
Соли хуррам, фоли неку, моли вофир, ҳоли хуш,
Асли собит, насли боқӣ, тахти олӣ, бахти ром.

Дар мисраи аввали ин қитъа ҳашт исм қатор омадааст, ки охирин ҳарфашон ҳамҷинс буда, мисоли таҷниси хат аст. Вале дар байти дуввӯмӣ ҳамин исмҳо бо сифати муносибе эзоҳ ёфтааст, ки мисоли барҷастае барои санъати тафсир аст.

**Таҷниси ноқис**. Яке аз садонокҳои ду калимаи ҳамҷинс мухолифи ҳам меоянд.

Дар калимаи **«инъом»** ва **«анъом»**:

Эй гадоёни харобот, худо ёри шумост,
Чашми инъом мадоред зи анъоме чанд!

Дар калимаи нуқл (газак) ва нақл (ҳикоя):

Бодаи гулранги талху азби хушхори сабук,
Нуқл аз лаъли нигору нақл аз ёқути хом.

Дар калимаи **навиштан** ва **наваштан** (ғундоштан як сӯ мондан, гардондан):

Он ғолияхат гар сӯи мо нома навиштӣ,
Гардун вараҷи ҳастии мо дарнанаваштӣ.

Дар калимаи **турк** ва **тарк**:

Турки ман гар мекунад риндию мастӣ, ҷони ман,
Тарки мастурию[5] зӯҳдат кард бояд аввало.

**Таҷниси зоид.** Таҷниси зоид он ки аз ду калимаи ҳамшакли дигармаъно як садоноки зиёд дорад.

Дар калимаи **паймон** ва **паймона**:

Ҳофизи хилватнишин дӯш ба майхона шуд,
Аз сари паймон гузашт, бар сари паймона шуд.

Дар калимаи **нол** ва **нола**:

Хуни андӯҳи фироқат ба чӣ ҳолат бошад,
Ҳофизи хаста, ки аз нола танаш чун нол аст.

**Таҷниси маънавӣ.** Як калима дар байте ё ҷумлае ду маъно ва ё зиёда аз онро ифода менамояд, ки инро дар забоншиносӣ омоним меноманд.

Дар калимаи **ҳофиз** (нигоҳдоранда ва тахаллус):

Ман агар риндам, агар шайх, чӣ корам бо кас,
Ҳофизи рози худу орифи вақти хешам.

Дар калимаи **мудом** (шароб, ҳамеша):

Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,
Эй, бехабар зи лаззати шурби мудоми мо.

Дар калимаи **ширин** (лазиз ва номи маъшуқаи Хусраву Фарҳод):

Гарчи Фарҳодам, ба талхӣ ҷон барояд, ҳайф нест,
Бо ҳикоятҳои ширин боз мемонад зи ман.

Дар калимаи **Маҳмуд** (сутуда, бахтиёр ва номи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ):

Маҳмуд бувад оқибати кор дар ин роҳ,
В-ар сар биравад дар сари савдои ту бозам.

Дар ин байт санъати талмеҳ ва иштиқоқ низ мавҷуд аст.

**Иҳом.** Ба фикри мо, санъати иҳомро Ҳофиз дар сурати латиф ва дар камоли равонӣ, содда ва ҳамчун саҳли мумтанеъ эҷод кардааст.

Дар калимаи **он** (ситорагармӣ ва ишоратҷонишин):

Ин ки мегӯянд он беҳтар зи ҳусн,
Ёри ман ин дораду он низ ҳам.

Дар иҳом лаҳзаи муҳим дар ғалат афтодани хонанда аст, зеро мақсади аслии шоир маънои дур аст ва хонанда дар мадди аввал маънои наздикро мефаҳмад ва аз дарки маънои дур боз мемонад. Дар мисоли боло хонанда маънои наздик — ишоратҷонишини «ин» ва «он»-ро мефаҳмад ва ҳол он ки маънои аслӣ маънои дур аст, ки иборат аз ситорагармист.

Дар ин байт санъати тақсим низ вуҷуд дорад:

Лаби лаълу хати мушкин чу онаш ҳасту инаш низ,
Бинозам дилбари худро, ки ҳуснаш ону ин дорад.

Аз рӯи нишондоди ситорашиносони қадим дар бурҷи Ақраб мондани моҳ наҳсро ифода мекунад ва ҳол он ки мақсади аслии шоир дар байти зерин маънои дур — ба маънои рӯй омадани «моҳ» ва ба маънои зулф омадани «ақраб» (каждум) аст:

Дӣ дар миёни зулф бидидам рухи нигор
Бар ҳайате, ки абр муҳити қамар шавад.
Гуфтам, ки ибтидо кунам аз бӯса? Гуфт: не,
Бигзор то ки моҳ зи ақраб бадар шавад.

Дар калимаи **сафо** (соф, оштӣ):

Нағз гуфт он бути тарсобачаи бодафурӯш:
Софии рӯи касе ҷӯ, ки сафое дорад.

Дар ин ҷо калимаи «сафо» ба ҷуз маънои аслӣ ба маънои тариву тозагӣ ва софият, маҷозан ба маънои сулҳу оштӣ омадааст. Чунончи ин байт фикри моро тақвия менамояд:

Он ки бе ҷурм биранҷиду ба теғам заду рафт,
Бозаш оред, худоро, ки сафое бикунем.

Зеро калимаи «сафо» муқобили кудурат, тирагӣ, ғилу ғиш буда, маҷозан муродифи оштӣ меояд.

**Санъати «сифатчинӣ»** (тансиқуссифот). Дар ашъори Ҳофиз ба ин санъат низ мисолҳои зебо ёфт мешавад:

Дилам рабудаи лӯливашест шӯрангез:
Дурӯғваъдаву қаттолвазъу рангомез.

Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.

Дар хубию дилбарӣ бути ман тоқ аст,
Бечора дилам ба васли ӯ муштоқ аст.
Нозукбадану лоларуху сангиндил,
Ширинсухану зарифу симинсоқ аст.

Хусраво, додгаро, баҳркафо, шердило,
Эй ҷалоли ту ба анвои ҳунар арзонӣ.

Ман арчи ошиқаму ринду номасиёҳ,
Ҳазор шукр, ки ёрони шаҳр бегунаҳанд?!

Дар байти охир нисбат ба уламо ва аҳли зӯҳду риё истеҳзо кардааст.

**Санъати тазод**. Ҳофиз дар роҳи тазод низ устод аст. Тазод дар аксари байтҳои ғазалаш ҳамчун таносуби калом зикр меёбад:

Болобаланд ишвагаре сарви нози ман
Қӯтоҳ кард қиссаи зӯҳди дарози ман.

Дар остони ҷонон аз осмон бияндеш,
Қ-аз авҷи сарбаландӣ афтӣ ба хоки пастӣ.

Хоҳӣ, ки сахту сусти ҷаҳон бар ту бигзарад,
Бигзар зи аҳди сусту суханҳои сахти хеш.

Дило, зи ҳаҷр макун нола, дон, ки дар олам
Ғам асту шодию хору гулу нишебу фароз.

**Қиноя ва табриз**. Ҳофиз киноҳои обдор дорад, ки зоҳидон, шайху мӯҳтасибу асас (миршаб)-ро дучори тири мазаммат намудааст:

Зӯҳд вақти гул чӣ савдоест, Ҳофиз, ҳуш дор!
То «аузе» гӯяму андешаи дигар кунам.

Дигар фақеҳ насиҳат кунад, ки май нахӯред,
Пиёлае бидиҳаш, к-эй димоғро тар кун.

Сӯфии шаҳр бин, ки чун луқмаи шубҳа махӯрад,
Пордумаш дароз бод ин ҳайвони хушалаф.

Бода бо мӯҳтасиби шаҳр нанӯшӣ, Ҳофиз,
Ки хӯрад бодаат у санг ба ҷом андозад.

Бигӯямат сухани хуш: биёву бода бинӯш,
Ки зоҳид аз бари мо рафту майфурӯш омад,
Чӣ ҷои сӯҳбати номаҳрам аст маҷлиси унс,
Сари пиёла бипӯшон, ки хирқапӯш омад.

**Санъати тафсир.** Ҳофиз дар ин санъат низ мисолҳои дилчаспе дорад:

Шароби лаъли мураввақ ба ҷом гуфт, ки ман
Чаҳор гавҳарам андар чаҳор ҷой мудом:
Зумуррадам ба бари току ақиқ дар шиша,
Суҳайл дар хумаму офтоб андар ҷом.
Маро ҳаром кӣ гӯяд, ки вақти хӯрдани ман
Ҳалолзода падид ояд аз нитоҷи ҳаром.

Беҳтарин мисоли ин санъат он қитъаест, ки мо дар боло барои санъати таҷниси хат овардем.

**Санъати тақсим.** Ин санъат айни санъати лаффу нашри мураттаб буда, баъзе намунаҳои латифи Ҳофизро нақл кунем:

Офтоб асту моҳ — бодаву ҷом,
Дар миёни маҳ офтоб биё!

Шоир гуфтааст: офтоб — май, ҷом — моҳ аст, ту дар миёни ҷом, ки моҳ аст, монанди офтоб, ки май аст, дурахшон шуда ворид шав. Яъне якӯмӣ ба якӯмӣ, дуюмӣ ба дуюмӣ мансуб аст. Чанд мисоли дигар:

Ҷон бе ҷамоли ҷонон майли ҷаҳон надорад,
Ҳар кас ки ин надорад, ҳаққо, ки он надорад.

Май хӯру гулафшон кун, аз даҳр чӣ меҷӯӣ?
Ин гуфт саҳаргаҳ гул: булбул, ту чӣ мегӯӣ?
Маснад ба гулистон бар, то шоҳиду соқиро
Лаб гирию рух бӯсӣ, май нӯшию гул бӯӣ.

**Санъати шумур (сиёқулаъдод).** Ин санъат низ дар ашъори Ҳофиз ҷо-ҷо мушоҳида меравад:

Зулфат ҳазор дил ба яке мӯ бибаст,
Роҳи ҳазор чорагар аз чор сӯ бибаст.

Баҳори умр хоҳ, эй дил, вагарна ин чаман ҳар сол
Чу ширин сад гул орад бор, чун булбул ҳазор[6] орад.

Таййи макон бибину замони сулуки шеър,
К-ин тифли якшаба раҳи яксола меравад.

«Тифли якшаба» истиора буда, киноя аз ғазалест, ки ин байт аз он аст.

**Санъати суолу ҷавоб.** Ин санъат дар ғазалиёти Ҳофиз баъзан дар тамоми ғазал, баъзан танҳо дар як байт, ҳатто гоҳо дар як мисраъ низ риоя мешавад:

Гуфтам: Ғами ту дорам, Гуфто: Ғамат сар ояд,
Гуфтам: ки моҳи ман шав. Гуфто: Агар барояд
Гуфтам: замони ишрат дидӣ, ки чун баромад?
Гуфто: Хамӯш Ҳофиз, к-ин ғусса ҳам сар ояд.

Дар мисраи дуюми байти якӯм таҷнис мавҷуд аст.

**Санъати тааҷҷуб.** Дар ашъори Ҳофиз роҷеъ ба санъати тааҷҷуб мисолҳои барҷаста мавҷуд бошад ҳам, бо зикри матлаи ғазале, ки сар то по ифодаи тааҷҷуб ва ҳайрат менамояд, қаноат меварзем;

Моҳи ман, парда барандохтаӣ, яъне чӣ?
Маст аз хона бурун тохтаӣ, яъне чӣ?

**Таҷоҳули ориф.** Агар касе, ки асли воқеаро донаду худро ба нодонӣ зада пурсад, ин кори ӯро гулпурсӣ мегӯянд:

Эй, дар чамани хубӣ рӯят чу гули худрӯ,
Чини шикани зулфат чун нофаи Чин хушбӯ.

Макун зи ғусса шикоят, ки дар тариқи адаб
Ба роҳате нарасид он, ки заҳмате накашид.

Сели соришки мо зи дилаш, к-ин бадар нарафт,
Дар санги хора қатраи борон асар накард.

Бар остони ту ғавғои ошиқон, чӣ аҷаб?
Ки ҳар куҷо шакаристон бувад, магас бошад.

Ишқи ту дар вуҷудаму меҳри ту дар дилам
Бо шир андарун шуда бо ҷон бадар шавад.

Чунонки дар боло гузашт, ирсоли масали Ҳофиз ҳаётив вокеӣ буда, аз ирсоли масалҳои шоирони сабки ҳиндӣ фар дорад. Онҳо бештар дар ашъорашон барои тақвияи фикр андеша масалҳои хаёлӣ, ғайриҳаётӣ ва сохта зикр мекунан Аз ҷумла:

Ҳар сари маҳ бо қади хамгашта мегӯяд ҳилол:
Кулфати айём моро дар ҷавонӣ пир кард[7].

**Тазмин**. Дар соҳаи тазмин низ Ҳофиз мисолҳои зебое до рад. Дар шеъри зер Ҳофиз як мисраи аввали қасидаи вата нияти Рӯдакиро аз ғайри зикри номи шоир накл кардааст

Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме!
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, худоро, ҳамдаме!
Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш «бӯи ҷӯи мӯлён ояд ҳаме».

Дар ин мисол байти аввал барои нидо низ мисоли ба ҷаста мебошад.

Ҳофиз як байти Камоли Исмоилро низ бисёр дилчас тазмин кардааст:

Гар боварат намешавад аз банда ин сухан,
Аз гуфтаи Камол ҳадисе биёварам:
«Гар барканам дил аз туву бардорам аз ту меҳр,
Ин меҳр бар кӣ афганам, ин дил куҷо ниҳам».

Ҳофиз дар Соқиномааш низ се байти Низомиро тазми кардааст:

Зи назми Низомӣ, ки чархи куҳан
Надорад чу ӯ ҳеҷ доносухан,
Биёрам ба тазмин се байти матин,
Ки назди хирад беҳ зи дурри самин;
«Аз он пештар, к-оварӣ дар замир,
Вилоятситон бошу офоқгир
Замон то замон аз сипеҳри баланд
Ба фатҳи дигар бош фирӯзманд.
Аз он май, ки ҷондоруи хуш бод,
Аз он шарбате шоҳро нӯш бод».

**Санъати тарсеъ.** Дар осори пурқимати Ҳофиз доир ба санъати тарсеъ низ байтҳои ҷудогонаи равони табиӣ мавҷуд аст:

Қас надонад гуфт шеъре з-ин намат,
Қас наёрад суфт дурре з-ин қабил.

Ҳам чархи ҷалолро ту меҳрӣ,
Ҳам бурҷи ҷамолро ту моҳӣ,

**Санъати илтизом.** Барои ин санъат мисоли зерин зебанда аст:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба **холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.**

Дар ин байт зикри се кишвар илтизом шудааст:

Шакаршикан шаванд ҳама тӯтиёни **Ҳинд,**
З-ин қанди **порсӣ,** ки ба **Бангола** меравад.

Дар ин байт чаҳор шаҳру кишвар зикр ёфтааст:

**Ироку Форс** гирифтӣ ба шеъри худ, Ҳофиз,
Биё, ки навбати Бағдоду вақти **Табрез** аст.

**Санъати такрир.** Ин санъат навъҳои бисьёре дорад, ки қисман зимни санъатҳои дигар зикр ёфта, ин ҷо танҳо ду қисми онро зикр мекунем:

Қисми I.

**Номи** ман рафтаст рӯзе бар лаби ҷонон ба саҳв,
Аҳли дилро бӯи ҷон меояд аз **номам** ҳанӯз:

Дар ин чаман, ки бутон **дасти** ошиқон гиранд,
Гарат зи **даст** барояд, нигори ман бошӣ.

Гар ба **девони** ғазал садрнишинам, чӣ шавад,
Солҳо бандагии соҳиби **девон** кардам.

Дар байти боло таҷниси лафзӣ низ ҳаст.

Қисми II.

**Дилу динам, дилу динам** бибурдаст
**Бару дӯшаш, бару дӯшаш, бару дӯш.**
**Давои ту, давои туст, Ҳофиз,**
**Лаби нӯшаш, лаби нӯшаш, лаби нӯш.**

Гар зи дасти хатти мушкинат хатое **рафт, рафт,**
В-ар зи Ҳиндуи шумо бар мо ҷафое рафт, рафт.

Равшан аз партави рӯят назаре **нест, ки нест,**
Мушти хоки дари ту бар басаре **нест, ки нест.**

**Санъати баргардониш.** Баргардониш яке аз санъати такрир буда, дар ашъори Ҳофиз баъзе санъат ба назар вомехӯрад:

**Салоҳу** тавбаву тақво зи ман чӣ меҷуӣ?
Зи ринду ошиқу маҷнун касе наҷуст **салоҳ.**

**Чордаҳсола** буте чобуку ширин дорам,
Ки ба ҷон ҳалқа ба гӯш аст маҳи **чордаҳаш.**

Гуфтам, ки **қарини** бадат афганд бад-ин рӯз?
Гуфто, ки маро бахти бади хеш **қарин** буд.

Ҳамаи матлаъҳои мураддаф ба яке аз навъҳо дониш дохил мегардад:

Хезу дар коса аз он оби тарабнок андоз,
Пеш аз он дам, ки шавад косаи сар хокандоз.

Дар айни ҳол дар ин байт санъати такрир низ ҳаст.

**Санъати акс.** Ин санъат навъе аз такрир буда, хушояндатарини санъатҳост. Як ғазали Ҳофиз саропо шомили ин санъат буда, зикри матлаи он ғазалро басанда мешуморем:

Дилбари ҷонони ман бурд дилу ҷони ман,
Бурд дилу ҷони ман дилбари ҷонони ман...

Ин байт низ мисоли ин санъат аст:

Завқе чунон надорад бедӯст зиндагонӣ,
Бедӯст зиндагонӣ завқе чунон надорад.

**Эънот.** Эънот аз навъҳои илтизом буда, мушкилписандӣ дар қофия мебошад. Дар қофия пеш аз ҳарфи равӣ такроран зикри айни ҳарферо лозим шумурдан аст. Ҳофиз дар ин соҳа низ ғазалҳо дорад, ки қофияҳо дар онҳо бо санъати эънот ба таври табиӣ воқеъ шудаанд. Мо ин ҷо чанд байте аз ғазалҳои ӯ зикр мекунем:

Ҳар нуктае, ки гуфтам дар васфи он шамойил,
Ҳар к-ӯ шунид, гуфто: «лиллоҳу дурру қойил».
Эй дӯст, дасти Ҳофиз таъвизи чашмзахм аст,
Ё раб, бибинам ӯро дар гарданат ҳамойил.

... Ҷавонӣ боз меояд ба ёдам,
Самоу чангу нӯшонӯши соқӣ...
Биё, эй мутриби хушқавлу хушхон,
Ба савти форсӣ шеъри ироқӣ.

**Зуқофиятайн.** Дар ашъори Ҳофиз баъзе ғазалҳои дуқофия низ дида мешавад:

Хушхабар бод, эй насими шамол,
Ки ба мо мерасад шамими висол.

**Санъати мусаҷҷаъ.** Дар ашъори Ҳофиз дар байтҳои ҷудогона ин санъат низ дида мешавад, ки дар камоли содда-

гӣ воқеъ шудааст. Байте, ки дар он саҷъ дида мешавад, байти мусаҷҷаъ ном мегирад:

Тоби бунафша медиҳад турраи мушксои ту,
Пардаи ғунча медарад хандаи дилкушои ту.
Меҳри рухат сиришти ман, хоки дарат биҳишти ман.
Ишқи ту сарнавишти ман, роҳати ман ризои ту.

Байти якӯм барои тарсеъ ҳам мисол шуда метавонад.

Ало, эй пири фарзона, макун манъам зи майхона,
Ки ман дар тарки паймона дили паймоншикан дорам.

Дар айни замон дар ин байт дар калимаҳои «паймон» ва «паймона» таҷниси ноқис мавҷуд аст.

**Санъати иштиқоқ.** Маънои луғавии «иштиқоқ» шикастан аст, вале дар истилоҳи бадеъ чанд шакле, ки аз як реша гирифта шуда, ё баъзе ҳарфҳошон ҳаммахраҷ мебошад, иштиқоқ ном дорад. Ин қисман ба ҳамоҳангии ҳарфҳо (нағмаи ҳуруф) монанд аст:

Сӯфӣ, биё, ки оина соф аст ҷомро,
То бингарӣ сафои маи лаълфомро.

Биё, соқӣ, он роҳи райҳоннасим,
Ба ман деҳ, ки на зар бимонад на сим.

Муғаннӣ, биё, удро соз кун,
Навоин навои нав оғоз кун.

Раво мадор, худоё, ки дар ҳарими висол
Рақиб маҳраму ҳирмон насиби мо бошад.

Чун ду зулфат кард саргардон маро
Гардиши гардуни гардон, алғиёс!

Ҳофиз ба кӯи майкада доим ба сидқи дил
Чун сӯфиён ба суффаи доруссафо равад.

**Истиора, муболиға ва ташбеҳ.** Мо дар бораи воситаҳои тасвирот, аз ҷумла истиора, муболиға, ташбеҳ ва ғайра сӯҳбат намекунем, зеро дар ҳама навъҳои санъат, ки дар боло

зикр ёфт, воситаҳои тасвирот вуҷуд дорад. Бо ҳамаи ин, зикри мисолҳои беҳтарини зерин аз фоида холӣ нест:

Барои муболиға ва иғроқ:

Ҳофизо, шояд агар дар талаби гавҳари васл
Дида дарьё кунам аз ашку дар ӯ ғӯта занам.

Гирьяе Ҳофиз чу созад пеши истиғнои дӯст,
Қ-андар ин тӯфон намояд ҳафт дарьё шабнаме.

**Барои истиора:**

Шакарфурӯш, ки умраш дароз бод, чаро
Тафаққуде накунад тӯтии шакархоро?

Шакарфурӯш — киноя аз маҳбуба, тӯтии шакархо — киноя аз Ҳофиз аст.

Ҷамоли духтари раз нури чашми мост магар,
Ки дар ниқоби зуҷоҷию пардаи инабӣ.

Духтари раз — шароб, ниқоби зуҷоҷӣ, пардаи инабӣ — пӯсти ғуҷуми ангур.

Ёқути ҷонфазояш аз оби лутф зода,
Шамшоди хушхиромаш аз ноз парварида.

Ёқути ҷонфазо — лаб, аз оби лутф зодан — ташхис, шамшоди хушхиром — қомат, аз ноз парварид — ташхис аст.

Арӯси дилкашӣ, эй духтари раз,
Вале гаҳ-гаҳ сазовори талоқӣ.

Духтари раз — май буда, дар ин байт санъати ташхис ҳам вуҷуд дорад.

**Ташбеҳи бартарӣ (тафзилӣ).** Ҳофиз дар ғазали зерин миёни ташбеҳкунанда ва ташбеҳшаванда муқоиса мебарад, бартар будани ташбеҳшавандаро аз ташбеҳкунанда ба тариқи ташхис ва нидо исбот менамояд:

Эй бод, насими ёр дорӣ,
З-он нафҳаи мушкбор дорӣ.

Зинҳор макун дарозданстӣ,
Бо турраи ӯ чӣ кор дорӣ?
Эй гул, ту куҷову рӯи зебош?
Ӯ мушки тару ту хор дорӣ.
Райҳон, ту куҷову хатти сабзаш?
Ӯ тозаву ту ғубор дорӣ?
Наргис, ту куҷову чашми масташ?
Ӯ сархушу ту хумор дорӣ!
Эй сарв, бари қади баландаш
Дар боғ чӣ эътибор дорӣ?!
Эй ақл, ту бо вуҷуди ишқаш
Дар даст чӣ эътибор дорӣ?!
Рӯзе бирасӣ ба васл, Ҳофиз,
Гар тоқати интизор дорӣ.

Мумкин аст, ки дар ашъори Ҳофизи мӯҷизсухан боз бисьёр бисьёр санъатҳои бадеии нозук чун арӯси зебо зери парда хафо хобида бошад, зеро ҳар боре, ки девони ӯро варақ ме занем, ба таври тасодуф навъе аз санъатҳои бадеӣ ва воси таҳои тасвироти нозуке ба чашм во меҳӯрад.

Тафсили хубӣ ва зебоии суханони Ҳофиз аз доираи та ин ва ифода берун аст. Чунонки зикр ёфт, дар баъзе байт ҳо на яке, балки чандин санъат вуҷуд дорад.

Ғайр аз ин фасоҳат, балоғат, равшании маъно, равони ифода, шӯху рақсонӣ ва дар айни замон қатъият ва ҷӯш хурӯш дар баён, инчунин бо зарбулмасалу таъбир ва ибора ҳои халқӣ ороста будани суханони Ҳофиз хонандаро маф тун накарда намемонад. Алҳақ, худи ӯ дуруст гуфтааст.

Қас надонад гуфт шеъре з-ин намат,
Қас наёрад суфт дурре з-ин қабил.

---

[1] Дар соли 1936 дар Самарқанд корам барор накард. Ба Ӯротеп рафтам. Рӯзе девони Ҳофизро кушодам, ки тасодуфан байти зерин б ромад:

Мо ба ин дар на паи ҳашмату чоҳ омадаем,
Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем.

[2] Муҳассил — хироҷу андоз ғункунанда.
[3] Асас — миршаб.
[4] Арбаин — чилла.
[5] Мастурӣ дар ашъори Ҳофиз муқобили мастӣ ва риндӣ меояд.
[6] Мақсади шоир аз ҳазор кӯтоҳи ҳазордастон набуда, балки ху шумораи оддист.
[7] Аз Сайидо.

*А. ҚОДИРОВ*

## БАЪЗЕ НУКТАҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ

Ақидаҳои пантеистӣ, скептикӣ ва риндӣ аз муҳимтарин масъалаҳои фалсафӣ ба шумор меравaнд ва ин нуктаҳо дар эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ба тарзи махсус зуҳур кардаанд. Албатта, Ҳофиз дар ҳалли масъалаи асосии фалсафа, яъне масъалаи ин, ки оё оламро худо офаридааст, ё олам аз азал вуҷуд дошт, аз назарияи материалистӣ ба куллӣ дур аст. Вале дар ин ҷо ин тарафи таърифоти ӯ бештар қобили диққат аст, ки мутафаккир худои ҳалкунандаи тақдирҳои коинот, худои шабиҳаи диниро аз табиат барҳам зада, онро ба мантиқи ҷамеи ашьёи олам махлут менамояд. Яъне ӯ таърифоти тавқиди ҳақиқӣ будани фаҳмиши пантеистиро дастгирӣ менамояд. Мафҳуми пантеизм ба маънои худои ҳамаро фарогиранда буда, аз бисьёр ҷиҳат ба дин зид меистад. Ҳофизи Шерозӣ ҳамчун мутафаккири озодфикри замонаш дар пояи ғояҳои пантеистӣ истода, худоро ба маънои мавҷудоти модда ё ба махлуқ (одам), ки рӯҳу шуур, моҳият ва ҳолати дохилии он аст, махлут мекунад. Аз рӯи пиндошти ӯ тамоми мавҷудоти олам моҳияти ягонаи илоҳӣ дорад. Мазмуни шеъри зерини вай, ки ҳамчун ҷамъбасти осори пантеистии ӯст, мисоли ин даъвост:

Солҳо дил талаби Ҷоми Ҷам аз мо мекард,
Он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард.
Гавҳаре, к-аз садафи кавну макон берун буд,
Талаб аз гумшудагони лаби дарьё мекард.
Бедиле дар ҳама аҳвол худо бо ӯ буд,
Ӯ намедидашу аз дур худоё мекард[1].

Ҳофизи Шерозӣ ҳамчун пантеист тасаввурҳои бемантиқ ро аз донишҳои боэътимод, ҳақиқатро аз иштибоҳ комила фарқ карда, беасосии таълимоти фанопазирии ҷаҳон ва ҳамин қабил нуктаҳои дигари диниро маҳкум кардааст. Ҳофиз ақидаи беинтиҳои дуньёи воқеиро дастгирӣ карда, онро «ба калимаҳои буд, ҳаст ва мебошад тавсиф мекард»[2]. Дар осори пантеистии Ҳофиз талқини абадияти олам ба он талаботе, ки аз ҷовидонии худо сар мезад, мувофиқат мекард. Ҳангоме, ки худои ҷовидонӣ ба тамоми мавҷудоти олам махлуқ карда мешавад, пас тасаввуроти динӣ роҷеъ ба фанопазирии ҷаҳон ба бод рафта, ҷои онро ғояи абадияти модда мегирад. Аз ин нуқтаи назар дар осори пантеистии Ҳофиз ягонагии худою табиат ва абадияти яздону олам ба ҳам печидаанд ва мавҷудияти онҳо фанонопазиру бепоён аст. Дар силсилаи афкори фалсафии Ҳофиз ғояи абадияти олам аз идеяи ҷовидонии худо ҷудо нест. Эътирофи абадияти олам, албатта, нуктаи баланди фикри пешқадами замони Ҳофиз ба шумор мерафт. Ин тавр мазмуни баланд пайдо карда ни фикри безаволии олам, бешубҳа, ба тараққии ҳаёти материалии одамон сахт вобаста буда, манфиати моддию маънавии қувваҳои пешқадами онвақтаро дастгирӣ мекард ва бо худи ҳамин ба муборизаҳои озодихоҳонаи халқ бар муқобили асорати феодалӣ кӯмак мерасонд. Ҳофиз ҳамчун ифодакунандаи ҷаҳонбинии табақаҳои меҳнатӣ фикри абадияти оламро эътироф ва тарафдорӣ мекард. Ғояи безаволии олам дар афкори фалсафии вай борҳо таъкид карда мешавад. Аз ҷумла байтҳои зерин мисоли равшани он аст:

Ту гар хоҳӣ, ки ҷовидон ҷаҳон як сар биёроӣ,
Саборо гӯ, ки бардорад замоне burқаъ аз рӯят[3].

Ҷаҳон пирест бебуньёд, аз ин фарҳодкуш фарьёд,
Ки кард афсуну найрангаш малул аз ҷони ширинам[4].

Мо дар фалсафаи назми Ҳофиз на танҳо фикри пантеистиро дар бораи восили оламу одам будани худо, дар бораи безаволию беинтиҳои ҷаҳон мебинем, балки тазоҳури он тарзи тафаккурро дар масъалаи таъин намудани ҷаҳони мутаҳаррик низ дида метавонем. Эътирофи ҷовидонии ҷаҳон ва дар ҳаракати доимӣ будани он барои пурқувват кардани моҳияти аслии афкори пантеистӣ ва барҷастатар нишон додани тамоилҳои зиддисломии Ҳофиз халал нара-

сондааст, балки баръакс чуҷ омили муҳимме хизмат кардааст. Аз ҳамин сабаб эътирофи идеяи ҷаҳони ҳаракаткунанда ҳам яке аз муҳимтарин унсурҳоест, ки силсилаи афкори пантеистии Ҳофизро устувортару қавитар кардааст. Ҳарчанд, ки тарафдорӣ кардани ғояи олами мутаҳаррик бархилофи тасаввуротҳои ислом аст, вале ин ақидаҳои ӯ ба монанди дигар андешаҳояш аз нақши таълимоти идеалистӣ холӣ нестанд. Хусусан дар силсилаи абьёти зерин оҳангҳои зиддиисломии Ҳофиз хеле пурқувват аст. Ӯ хилофи он ақидаи ислом, ки гӯё худо оламро ба монанди қолини беҳаракат офарида будааст, рафтор менамояд. Ба гуфтаи ӯ табиат бо тамоми гуногуншаклии ҳодисаҳояш ҳамеша дар ҳаракати абадист. Аз нуқтаи назари Ҳофиз шабу рӯз ва дигар ҳодисаҳои коинот аз ҳаракати муттасили ҷаҳон ба вуҷуд меоянд:

Шаби сӯҳбат ғанимат дону доди хушдилӣ бистон,
Басе гардиш кунад гардун, басе лайлу наҳор орад[5].

Эътимоде нест бар кори ҷаҳон,
Балки бар гардуни гардон низ ҳам![6]

Чун ду зулфат кард саргардон маро,
Гардиши гардуни гардон алғиёс[7].

Махсусан ин нукта хеле шоёни диққат аст, ки Ҳофиз ҳаракати муттасили оламро ба таври оддӣ такрор шудани худи ҳамон як чиз не, балки дар тағйирот ва дигаргуншавии чизҳо мефаҳмад. Масъалаи ҷаҳони ҳаракаткунанда дар фалсафаи назми Ҳофиз ҳамчун масъалаи асосӣ система надошта бошад ҳам, вале ӯ ба тарзи пароканда сухан ронда, тасдиқ мекунад, ки пеши ҳаракати пайдарпаи олами ҳаракаткунандаро ягон қуввае гирифта наметавонад:

Ҳаме монам аз даври гардун шигифт,
Вале нест дар вай маҷоли гирифт[8].

Ин фикри Ҳофиз, бешубҳа, ба он ақидаи диние, ки оламро фанопазир маънидод менамуд, тамоман муқобил меистад, бинобар он, барои баҳо додан ба афкори пентеистии Ҳофиз ин гуфтаи Ф. Энгельс ба аҳамияти бузурги илмӣ

молик аст: «Системаи идеалистон ҳам, баҳамзиддии рӯҳ ва материяро ба таври пантеистӣ оштӣ доданӣ шуда, тарафи бештар ба мазмуни материалистӣ пур мешуданд»[9].

Ҳофиз на фақат ҳақиқатро аз дурӯғ ва ақлро аз зӯҳд боло гузошта хеле шаккокӣ кардааст, балки ба чунин тасаввуроти исломӣ, нобоварона муносибат намудааст. Масалан, байтҳои зерини барҷастатарин скептик ва ринди ҳассос—Ҳофиз хеле мантиқи мустаҳкам ва маънии чуқури бидъаткоронае доранд:

Ман, ки имрӯзам биҳишти накд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам[10].

Фардо агар на равзаи ризвон ба мо диҳанд,
Ғилмон зи ғурфаи ҳур зи ҷаннат ба дар кашем[11].

Миннати садраву тӯбӣ зи паи соя макаш,
Ки чу хуш бингарӣ, эй сарви равон, ин ҳама нест[12].

Эй дил, ар ишрати имрӯз ба фардо фиканӣ,
Мояи накди бақоро, ки зимон хоҳад шуд[13].

Ҳофизи Шерозӣ, ки ҳар доим аз ҳавои маънавии фалсафаи скептикию риндӣ нафас гирифта меистод, дар масъалаи таъин намудани дуньёи охират, биҳишту дӯзах ба аркону ашрофи ислом рӯ ба рӯ мешуд ва барҳақ мегуфт:

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифрӯхт,
Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам[14].

Қатъи назар аз он ки нуктаи ибтидоии назариёти Ҳофизро идеализм ташкил менамояд ва бисьёр гуфтаҳои пешқадами ӯ дар ниқоби ирфонӣ зоҳир мегардид, вале ӯ монанди мутафаккирони гузашта, чунин фикру андешаҳое, ки ақидаҳои фалсафаи амалӣ, назарӣ ва майлҳои хилофи аҳкомҳои муайяни исломи расмиро ифода мекарданд, пеш рондааст. Аз ин ҷост, ки гуфтану фош кардани дуньёи охират ва ваъдаҳои хоми уқбо аз назари Ҳофиз берун намондааст.

Масъалаи дигаре, ки дар силсилаи афкори фалсафии Ҳофиз ҷои намоёнро ишғол кардааст, ин ҳамоно масъалаи

ихлос надоштан ба рӯзи эҳьё ва ба орзӯҳои хоми охират, хаёлҳои ширини кайфу роҳати биҳишт ва азобу озорҳои дӯзахи афсонавӣ мебошад. Мана мехонем:

Туву тӯбиву мову қомати ёр,
Фикри ҳар кас ба қадру қимати ӯст[15].

Маънии оби зиндагию равзаи Ирам,
Ҷуз тарфи ҷӯйбору маи хушгувор чист?[16]

Боғи биҳишту сояи тӯбиву қасри хулд,
Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам[17].

Зоҳид, агар ба ҳуру қусур аст, умедвор,
Моро шаробхона қусур аст, ёр ҳур[18].

Ба хулдам, зоҳидо, даъват мафармо,
Ки ин себи занахдон з-он бӯстон беҳ[19].

Чу тифлон то ба кай, зоҳид, фиребӣ,
Ба себи бӯстону шаҳду ширам[20].

Воиз, макун насиҳати шӯридагон, ки мо,
Бо хоки кӯи дӯст ба фирдавс нангарем[21].

Биё, эй шайх, дар хумхонаи мо,
Шаробе хӯр, ки дар кавсар набошад[22].

Зотан, ин қабил афкори фалсафии Ҳофизи Шерозӣ сирати атеистӣ, инсонпарварӣ ва махсусан ғояҳои ҳаётдӯстона дошт. Вай қисми зиёди афкори фалсафӣ ва адабиашро барои танқиди шароити тоқатфарсои иҷтимоию сиёсӣ ва истибдоди феодалӣ, барои беҳбудии аҳволи мазлумон ва барои аз ҳама нӯшу неъматҳои ҳаёти моддӣ ҳаловат кардани он сафарбар карда буд.

Дар силсилаи афкори фалсафии Ҳофиз нуктаи асосӣ масъалаи ҳаётдӯстӣ ва гуфтан мумкин аст, ки бодагусорӣ мебошад. Ҳофиз ҳамчун ринд неъматҳои ҳаётро тавсиф менамояд ва ин ба ҷиҳати прогрессивии афкори фалсафии ӯ мансуб аст:

Бидеҳ соқӣ маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгушти Мусаллоро.[23]

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пои хумат яксар ба ҳавзи Қавсар андозем[24].

Дар ин шеърҳо тамоилҳои хилофи исломии Ҳофиз бештар равшан аст. Вале гарчанде ки мутафаккир дар ин шеърҳо ба талқини ҳаётдӯстӣ аҳамияти калон додааст, дар марказн диққати ӯ пеш аз ҳама манзараҳои дилкаши табиати иҳотакардаи атроф не, балки лаззату ҳаловатҳои дуньёи кайфу нишоти бодагусорӣ меистад.

Шоири ринд ҳамеша аз воситаҳои гуногуни нашъаи зиндагӣ ва нозу неъматҳои он, ки одамро хушнуд мегардонд, истифода менамуд.

Дуруст аст, ки мафҳуми май дар замони Ҳофиз ду маъно дошт. Яке маънои мастии беҳушшавӣ аз ишқи илоҳӣ ва дигар маънои маи табиӣ — маи ангурӣ мебошад. Дар осори риндонаи Ҳофиз бештар талқини маи ангурӣ ба назар мерасад ва инак худи ӯ гуфтааст:

На ба ҳафт об, ки рангаш ба сад оташ наравад,
Он чӣ бо хирқаи зоҳид маи ангурӣ кард[25].

Сӯфӣ биё, ки оина соф аст ҷомро,
То бингарӣ сафои маи лаълфомро.
Рози даруни парда зи риндони маст пурс,
Қ-ин ҳол нест сӯфии олимақомро[26].

Май дар назариёти риндонаи Ҳофиз пеш аз ҳама ва равшантар аз ҳама оҳангҳои оптимистона ва ҳаётдӯстона дорад. Ҳофизи зиндадил на танҳо ҳиссиёти ботинии инсон ва манзараҳои зебои ҳаёту табиатро дар меросаш бисьёр санъаткорона тасвир мекард, балки доир ба ҳаёти социалии давронаш фикрҳои муфиде гуфта, дар айни замон меъёри истеъмоли маи табииро ҳам ба миён мегузорад. Талқини андозаи бодаи табиӣ, бешак, одамро ба майхӯрии аз ҳад зиёд ва майзадагаштан намемонад. Ба ин сабаб Ҳофизи Шерозӣ андозаи истифодаи майи ангурро, ки барои лаззату ҳаловатҳои ҳаёт амалан фоиданок буд, дастгирӣ мекард. Инак, дар ин маънӣ ӯ гӯяд:

Ба мастӣ дари порсоӣ зинӣ,
Дами хисравӣ дар гадоӣ занӣ[27].

Ақидаи майгусорӣ ва истеъмоли оқилонаи он афкори фалсафии Ҳофизро мазмунан хеле васеъ ва чуқур намуда, дар тарбияи деҳқонони қишлоқу ҳунармандони шаҳр ва тараққии панду насиҳатҳои қиматбаҳо роли калон бозидааст:

Намегӯямат, ки ҳамасола майпарастӣ кун,
Се моҳ май хӯру нӯҳ моҳ порсо мебош[28].

Ин далелҳо шоҳиди онанд, ки Ҳофиз мисли озодфикрони дигар мардумро аз ақидаҳои ғалат, аз хаёлҳои хоми динӣ халос карданӣ шудааст. Хизмати бузурги таърихии бидъати риндӣ низ аз он иборат буд, ки инсонро аз тамоилҳои зӯҳдпарастӣ озод кунад.

Масъалаи дигари шоёни диққате, ки дар мероси фалсафии Ҳофиз ҷой дорад, масъалаи қазову қадар мебошад. Чи тавре ки мебинем, ислом на танҳо тамоми кирдору рафтор ва фаъолияти амалии инсонро ба иродаи худо вобаста мекунад, балки пайдокунандаю несткунанда ҳам олотаоло будааст. Бегап нест, ки хулосаи мантиқии ин таълимоти Қуръон табақаҳои тараққипарвари ҷамъиятиро гирифтори азобу озорҳои бешумор карда буд. Ҳофиз баъзан аз ақидаҳои прогрессивии замонаш дур шуда бошад ҳам, вале бо вуҷуди ин вай аз ҷиҳати назариявӣ бемантиқиҳои таълимоти қазову қадарро чуқур ҳис карда буд. Вай дуруст тасаввур карда буд, ки ин хаёли дини мусулмонӣ низ сабаби асосии ба бадбахтию беҳуқуқӣ гирифтор гардидани оммаҳои мазлумон мешуд. Аз ин ҷост, ки ӯ беибо ва бетарсу бим бар зидди таълимоти созгории ислом исьён бардошта, гуфтааст:

Пири мо гуфт хато бар қалами сунъ нарафт,
Офарин бар назари поки хатопӯшаш бод[29].

Аммо яқин аст, ки роҳу равиши ақидаҳои зиддисломии Ҳофиз басе мураккаб ва печдарпеч аст. Силсилаи афкори фалсафии Ҳофиз монанди дигар ҷиҳатҳои эҷодиёташ аз зиддиятҳои идеявӣ холӣ нест. Аммо боиси хурсандист, ки дар

ин ҳампечии ақидаҳо афкори пешқадами Ҳофиз боло истода он андешаҳо дар айни муборизаҳои сахт ва зиддиятҳои антогонистии байни қувваҳои реакционӣ ва прогрессивии формацияи феодалӣ ба аҳамияти калон молик буд. Зеро фаъолияти хилофи исломии Ҳофиз ба вазифаҳои амалии истеҳсолӣ, муваффақиятҳои табиатшиносӣ, муборизаҳои синфӣ ва ҳаракатҳои озодихоҳонаи замони ӯ алоқаи ҷудонашаванда дошт.

Аммо аз ақоиди фалсафии боло ба чунин хулоса омадан тамоман нодуруст мебуд, ки гӯё ҳамаи афкори фалсафӣ ва осори адабии Ҳофиз характери зиддиисломӣ дошта бошад. Агарчи Ҳофиз баъзе аҳкомҳои беасоси қуръонро рад карда, ба сӯи атеизм раҳсупор гардад ҳам, дар назар бояд дошт, ки вай ба монанди дигар мутафаккирони гузашта марди диндор буд ва ба худо эътиқод дошт. Маҳз аз барои ҳамин буд, ки Ҳофиз ба мисли аксарияти озодфикрони ондавраи тоҷик гоҳ дар мавқеи ғояҳои пешқадами исломтаҳқиркунӣ ва атеистии соддадилона истода, гоҳ мекалавид ва аксар вақт бо қайду шартҳои динӣ-идеалистӣ ба майдон мебаромад. Ба ин гапҳо, ки мо зиддияти идеявии афкор меномем, ин суханони В. И. Ленин тааллуқ доранд: «Мо дар муҳокимарониҳои онҳо, — қайд менамояд В. И. Ленин, — хеле бисьёр вақт ба зиддиятҳои бағоят бешубҳа ва зоҳиран, бағоят ошкоре дучор меоем, фактҳое, ки аз афти кор, дар маънои тамоман материалистӣ таъбир карда мешуданд, баногоҳ эзоҳи тамоман идеалистӣ пайдо мекунанд, ва баръакс, дар эзоҳи идеалистӣ аксар вақт мулоҳизаҳои ба куллӣ материалистӣ дида мешаванд»[30].

---

[1] Ҳофизи Шерозӣ. Девон. Ҳинд, 1896, саҳ. 133—134.

[2] М. Н. Болтаев. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн-Сины и его школы. Душанбе, 1965, стр. 298.

[3] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон. Сталинобод, 1957, саҳ. 121.

[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 358.

[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 491.

[6] Ҳамон ҷо, саҳ. 372.

[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 127.

[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 215.

[9] Ф. Энгельс. Людвиг Фейербах ва хотима ёфтани философияи классикии немис. Сталинобод, 1958, саҳ. 21.

[10] Ҳофизи Шерозӣ. Девон, саҳ. 285.

[11] Ҳамон ҷо, саҳ. 267.

12 Ҳамон ҷо, саҳ. 56.
13 Ҳамон ҷо, саҳ. 169.
14 Ҳамон ҷо, саҳ. 272.
15 Ҳамон ҷо, саҳ. 22.
16 Ҳамон ҷо, саҳ. 36.
17 Ҳамон ҷо, саҳ. 283.
18 Ҳамон ҷо, саҳ. 184.
19 Ҳамон ҷо, саҳ. 327.
20 Ҳамон ҷо, саҳ. 281.
21 Ҳамон ҷо, саҳ. 244.
22 Ҳамон ҷо, саҳ. 106.
23 Ҳ о ф и з и Ш е р о з ӣ. Мунтахаби девон, саҳ. 33.
24 Ҳамон ҷо, саҳ. 180.
25 Ҳамон ҷо, саҳ. 191.
26 Ҳамон ҷо, саҳ. 37.
27 Ҳамон ҷо, саҳ. 186.
28 Ҳамон ҷо, саҳ. 208.
29 Ҳамон ҷо, саҳ. 145.
30 В. И. Л е н и н. Асарҳо, ҷ. 38, Душанбе, 1963, саҳ. 562.

---



*В. КАПРАНОВ*

## СУХАНИ ҲОФИЗ ДАР ФАРҲАНГҲОИ ФОРСУ ТОҶИК

Лексикаи девони Ҳофиз диққати луғатшиносонро хеле барвақт ба худ кашидааст. Маълум аст, ки «Шарафномаи Аҳмади Муньярӣ», ки «Фарҳанги Иброҳимӣ» низ меноманд, аз луғатҳои тафсирии (фарҳангҳои) нисбатан қадимтари забони тоҷикӣ-форсӣ мебошад. Ин луғат, ки ҳоло нашр нашудааст, соли 1466 дар Ҳиндустон аз тарафи Иброҳим Қавоми Форуқӣ тартиб дода шудааст. Аз нусхаи ин луғат, ки мо истифода кардем[1], ёфтани 66 калима бо мисол муяссар шуд, ки ба ашъори Ҳофиз тааллуқ дорад.

Зиёда аз нисфи калимаҳои дар «Шарафнома» тафсиршудаи девони Ҳофиз исмҳо мебошанд. Аз ҷумлаи инҳо номҳои предметҳои конкретро зикр кардан мумкин аст, ки як қисми онҳо дар ҷои таълифи луғат — Ҳиндустон зоҳиран чандон маълум набудаанд. Масалан, **кабк** (саҳ. 425), **муραққаъ** (либоси аз пораҳои матоъ дӯхташуда, саҳ. 475), **танабӣ** («ҳуҷрае, ки мутаввал бувад», саҳ. 358), **чарда, чарза** (пӯст, дар шеър: сиёҳчарда, саҳ. 196), **аёғ** (коса, саҳ. 42), **анбон** (халтаи чармин, саҳ. 61), **ҷом** («шиша», саҳ. 179), **парвозан** (элак, саҳ. 138), **шарб** (як навъ матоъ, саҳ. 322) ва ғайра.

Дар «Шарафнома» инчунин як қатор номҳои ашхос, асар ва мавқеъҳои ҷуғрофӣ низ дида мешаванд:

Салмо — номи маъшуқаест аз араб (саҳ. 321), **Шифо** — номи китоби Абӯалӣ Сино, (саҳ. 322). **Порс** — «номи вилояте дар ғояти шӯҳрат ва он чаҳор шаҳр аст: Шероз, Сипоҳон, Қирмон ва Язд» (саҳ. 131), **Оллоҳу акбар** — «кӯҳест дар Шероз, аз ӯ чашма берун омада, дар канори Рукнобод ҷорист» (саҳ. 34), **Арас** — «номи рӯде, ки аз канори Тифлис ҷо-

рист» (саҳ. 38), **Рукнӣ** — «...Рукнободро гӯянд» (саҳ. 268), Ардибиҳишт[2] — «муддати мондани офтоб дар бурҷи Савр» (саҳ. 19).

Дар луғат шарҳ ёфтани маънои маҷозии як қатор калимаҳоро, ки дар ашъори Ҳофиз истифода шудаанд, низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан:

**Бӯй** — умед, ишқ, кӯшиш (122), **бедор** — аҳли дил (122). Баъзан калимаҳои мураккаб ҳам ба назар мерасанд: **солхӯрда** (313), **ҳуққабоз** (199), бодапаймо (74), ангуштнамой (14). Ғайр аз ин баъзе ибора ва таъбирҳои муайянкунандадори изофиро дучор меоем: **оби рӯ** «маъруф» (63), **ҷони мову ҷони шумо** («яъне савганд ба ҷони ману ҷони шумо», 171), **Шубони водии Аймон** (Мусо, 336), **мурғи чаман** (булбул, 475), **сангу сабӯ** (шарҳ надорад, саҳ. 313), **ба ҷоми адл бидоҳ** — «яъне андак ва кам мадеҳ». Хоҷа Ҳофиз:

Соқӣ, ба ҷоми адл бидеҳ бода, то гадо
Ғайрат наёварад, ки ҷаҳон пур бало кунад (114).

Ибораи зерин ва байти ба сифати мисол ҷо додашудаи Ҳофизро дар нусхаҳои ба мо дастраси девони ӯ ва инчунин фарҳангҳо пайдо карда натавонистем.

**«Ситора баст сайёра** — яъне Зӯҳра рубоби ситорaро (сетораро) соз дарсохт навохтанро. Ҳофиз:

Гаҳи вилодаташ арвоҳ хонд сураи нур,
Ситора баст са(й)ёра, симоъ кард само (314).

Инчунин миқдори каме аз сифатҳо эзоҳ шудаанд: **озод** (берун аз қайд; ҷудо..., 24) **зуҷоҷӣ** (яке аз пардаҳои ҳафтгонаи чашм, 283), **арғ-вонӣ** (сурх, 72), **ғоибона** (ин калима ҳамчун истилоҳи ифодакунандаи тарзи махсуси донаронӣ дар шоҳмот зикр меёбад, саҳ. 378).

Илова бар ин тафсири баъзе ҷонишинҳо ва инчунин калимаҳои ёридиҳанда аз қабили ҳиссачаҳо низ аз аҳмият холӣ нест: **он** — ... «ишорат ба сӯи ҳиссе (ҳусне?) аст, ки дар гуфт наёяд ва аз тақрир ва баён мустасно ва мумтоз бувад» (56). **Мисол аз Ҳофиз:**

Эй ки мегӯянд он хуштар зи ҳусн,
Ёри мо он дораду ин низ ҳам.

**Чанд** (микдорест камтар аз даҳ 196), **аш** — ӯ (40), **коҷ**— кош (кошки, 408), оё («ба маънии таманно ояд», 11).

Ҷолиби диққат аст, ки дар «Шарафнома» ҳамчун истилоҳи махсуси тасаввуф тафсир шудани лексикаи ашъори Ҳофиз дучор намеояд. Ҳатто калимаи «ринд» ҳам ба тарзи муқаррарӣ тафсир шудааст: **«Ринд** — мункире, ки инкори ӯ аз зиракӣ ва киёсат бувад, на аз сари ҷаҳл ва ҳамоқат. Ҳофиз:...» (255).

Ҳамин гуна тафсир тақрибан дар ҳамаи луғатҳои тафсирии минбаъда, ки бо «Ғиёс-ул-луғот» ва «Фарҳанги Онандроҷ» хотима меёбанд, айнан дучор мешавад.

Тарзи тафсири тасаввуфии маънои калимаҳоро дар ҳамаи фарҳангҳои давраҳои минбаъда, аз асри XV сар карда, то асри XX, дучор намекунем. Ҳатто дар эзоҳи калимаҳои «рух», «зулф», «май», «майкада», «ошиқ» низ тафсири маънои хоси тасаввуфӣ дида намешавад.

Бамаврид аст, ки «Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот»-и Аҳмади Сур Биҳориро (асри XVI) дар ин ҷо махсус қайд намоем. Дар ин фарҳанг ба истилоҳот, аз ҷумла ба истилоҳоти тасаввуф, аҳмияти махсус дода мешавад. Вале муаллифи ин луғат, то дараҷае, ки мо мушоҳида кардем, дар қатори маънои луғавии муқаррарии калимаҳо, инчунин маънои истилоҳии онҳоро зикр намояд ҳам, ба тарзи мисол ба ашъори Ҳофиз истинод намекунад. Соҳиби фарҳанг барои таъини маънои истилоҳии тасаввуфии калимаҳо аксар аз ашъори Румӣ, Аттор ва ғайра иқтибос меоварад.

Дар фарҳанги «Баҳори Аҷам», ки низ ҷои таълифаш Ҳиндустон аст (асри XVIII), байтҳои Ҳофиз байни ашъори сершумори шоирони дигар ба дараҷае нопадид шудааст ва муаллифи фарҳанг ҳарчанд ӯро бо эҳтироми махсус «Хоҷа Ҳофиз» ва «Хоҷаи Шероз» гуфта ном барад ҳам, ашъори истифодашудаи Ҳофиз дар ин фарҳанг нисбатан хеле кам аст. Барои таъини маънои калима ва ибораҳое монанди «шаҳрошӯб» ва «лаъли шакархо», ки ба назар аз девони Ҳофиз ба фарҳанг роҳ ёфтаанд, мисолҳо аз шоироне оварда мешавад, ки хеле баъдтар аз Ҳофиз умр ба сар бурдаанд.

Шубҳа нест дар фарҳангҳо маънои он истилоҳоти сӯфия низ инъикос ёфтаанд, ки дар девони Ҳофиз каму беш ҷой доранд, вале маъноҳое, ки ба онҳо дода мешавад, ҷанбаи

хориҷӣ доранд, гӯё ба Ҳофиз дахл накарда мегузаранд. Ҳофиз дар ғазалиёти худ одатан аз паҳлуи ин қабил истилоҳоти сӯфия гӯё ба онҳо фақат андаке расида, онҳоро қисман ба садо даровarda мегузарад ва ҷилваҳои услубии манфӣ медиҳад. Ин фикрро бо мисоли тафсире, ки дар «Баҳори Аҷам» ба истилоҳоти «томот» ( طامات ) дода шудааст, таъкид кардан мумкин аст.

«Томот» — дар Рашидӣ суханҳои баланд, ки сӯфиён барои изҳори каромат ва шарафи рутбат гӯянд ва боиси пиндори нафс ва суъи эътиқоди мардум шавад ва ин ҷамъи томма (ба ташдиди мим аст), ки ба маънии воҳия ва ҳодисаи азим аст, ва форсиён ба тахфиф (яъне бе ташдид) бо лафзи хондан ва бофтан истеъмол кунанд.

Хоҷа Ҳофиз:

Яке аз ақл мелофад, дигар томот мебофад,
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем.

Қамоли Хуҷанд:

То чанд бар ту хондан томоти зӯҳду тақво,
Тӯмори зулф бикшо, то қисса дарнавардем.[3]

Дар худи сӯфиҳо «томот» калимае буд, дар ҳолати ваҷд суханронӣ карданро ифода менамуд ва ба қавли онҳо гӯё ин илҳоми «ғайбӣ» буд.

Чунон ки мебинем, калимаи «томот»-ро ҳам Ҳофиз ва ҳам Қамоли Хуҷандӣ ба маънои пуррaи тасаввуфии он истеъмол накарда, ба ин калима аз дур наздик шуда, ба тарзи худ истифода кардаанд. Онҳо ин калимаро ба маънии берун аз доираи истеъмолии тасаввуфиаш қабул карда, тақрибан ба ҳамин мазмун кор фармудаанд: «Қалимаҳои берабт ва ҷоғ заданҳои беҳуда дар иддаои чизе...). Аз ин ҷост, ки маҳз ҳамин тобиши маъноии манфии услубии ин калима дар фарҳангҳо бештар инъикос ёфтааст. Масалан, дар «Ғиёс-ул-луғот» ин калима нисбат ба маънии истилоҳиаш хеле заиф ва камнур шуда наздиктар ба маънии «беҳудагӯӣ, беҳуда лаққидан, сафсатаву ҳарзагӯӣ» тафсир шудааст:

«Томот»-лоф ва гизофи сӯфиён дар боби изҳори кашф ва кароматӣ худ, ҳарзагӯӣ, — аз «Рашидӣ» ва «Кашф» ва «Бурҳон» ва «Баҳори Аҷам» ва «Муайид (-ул-фузало»)[4]....

Акнун гирем навъи дигари луғатҳо, луғатҳои муаллифони ҷудогонаро, ки лексикаи девони Ҳофизро шарҳ медиҳанд. Яке аз ин гуна луғатҳо, ки «Ҳалл-ул-луғот» ном дорад[5] ва дастраси мо будааст, тарзи дигари махсуси шарҳу тафсири лексикаи девони Ҳофизро пеш мегирад.

Муаллиф дар муқаддимаи мухтасари китоб чунин қайд дорад: «...Баъдуҳу ин китобест дар луғоти Хоҷа Ҳофизи Шероз алайҳи раҳмат ва-л-ифроз ( والافراز ) ва ҳар ҷо ки луғоти сахт бошад, умед, ки ба дидани ин китоб осон гардад. **Боб-ул-алиф. Ошӯб** — шӯру **ғавғо. Афсона** — ҳикоятҳои гузашта...».

Аз рӯи он, ки дар қатори баъзе калимаҳо муродифи ҳиндии онҳо оварда мешаванд, ҳукм кардан мумкин аст, ки луғат дар Ҳиндустон тартиб ёфтааст. Луғат зиёда аз ду ҳазор моддаи луғавӣ дорад. Дар дохили моддаҳои луғавӣ баъзан фарҳангҳои истифодашуда зикр карда мешавад: «Одоб-ул-фузало» (ба ҷои «Адот-ул-фузало»?), «Истилоҳ-уш-шуаро» (моддаи луғавии «об», саҳ. 3), «Тоҷ» («Тоҷ-ул-масодир»?, таҳти «иқбол», саҳ. 5), «Шарафномаи Муньярӣ (таҳти моддаи луғавии «Искандар», саҳ. 7).

Луғат инчунин шаклҳои (калимаҳои) арабиро, ки аз иқтибосҳои арабӣ дар девони Ҳофиз гирифта шудаанд, низ дарбар кардааст. Масалан, **«валлайа** ولی — ба ташдид — волӣ гардонид моро, ай (яъне) соҳибихтиёр гардонид моро» (саҳ. 98).

Истилоҳоти сӯфия дар ин луғат чӣ тавр инъикос шудааст ё мувофиқи фаҳмиши соҳиби фарҳанг чигуна тафсир ёфтааст? Калимаи «томот»-ро аз назар мегузаронем. Шарҳи ин калима хеле мухтасар аст: «Суханони аз чапу рост» (саҳ. 63). Инчунин калимаи «рух»-ро мебинем, ки ин тавр эзоҳ шудааст: «рухсора, ки онро адим низ гӯянд ва низ номи подшоҳи Бандабҳ», (саҳ. 39). Яъне маънои истилоҳии тасаввуфӣ дида намешавад.

Зиёда аз ин дар ин луғат баъзе калимаҳо (масалан, калимаи «ринд») дида намешаванд.

Аз рӯи он, ки дар ин луғат баъзе калимаҳо дида намешаванд ва аз доираи назари муаллиф берун мондани қисми

дигари калимаҳо аз қабили «ринд», ки аз калимоти хосси ба тафсир мӯҳтоҷи Ҳофизанд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муаллифи номаълуми ин луғат маънои истилоҳии тасаввуфии калимаҳоро дар девони Ҳофиз ба эътибор нагирифтааст. Дар луғат худи калимаи «ринд» набошад ҳам, шакли муштақи он — «риндӣ» мавҷуд аст: «риндӣ — қатъи назарро гӯянд, ки аз муқтазаёти аҳвол бошад» (саҳ. 39). Ин гуна тафсир хеле умумӣ буда, пайдост, ки маънои калимаи «риндӣ»-ро кушода намедиҳад.

Дар луғат калимаи «зулф» низ дучор намешавад. Бо вуҷуди ин дар баёни баъзе аз калима ва ибораҳои на чандон характернок ба ҳар ҳол шарҳи истилоҳи сӯфия роҳ ёфтааст. Масалан «рӯи моҳ — таҷаллиёти илоҳиро гӯянд, ки дар модда бошад ва дар хилват соликро воқеъ шавад» (саҳ. 39).

Бояд қайд намоем, ки дар ин асари мавриди баҳс баъзе калима ва маъноҳо дучор мешаванд, ки мавҷуд будани онҳо дар девони Ҳофиз шубҳаоваранд. Масалан: «Илз-г-р (الزگر) — билкасра, бо кофи форсӣ номи подшоҳи Эронзамин» (саҳ. 5). «Озӯз (آروز) — бо вови форсӣ, пайдо кун ва ҷамъ кун» (саҳ. 4). **«Оз-р-т** (آزرت) — номи яке аз хутути ҷоми ҷаҳоннамо, ки онро ҷоми Ҷам гӯянд» (саҳ. 5).

Мумкин аст вайрон карда шудани навишти ин қабил калимаҳо онҳоро ба дараҷаи шинохтанашавандае расонида бошад ва дар зимни онҳо ба ҳар ҳол калимаҳои дигари машҳур пинҳонанд. Баробари ин қабил калимаҳои номафҳум маъноҳое низ зикр мешаванд, ки мавҷудияти онҳо дар девони Ҳофиз шубҳаовар аст.

**«Оҳу** — ҷонвари даштӣ дар ғоят шӯҳрат ёфта ва **низ ба маънии муҳаббат»** (саҳ. 8).

**«Ошно** — (бо шини мавқуф) **ошно кардан дар об** (яъне — шино) ва зидди бегона» (саҳ. 5).

«**Оганда** — бо кофи форсӣ) анбошта ва пур карда ва низ ҷои **бастани аспон**» (саҳ. 8).

Бо вуҷуди ҳамаи ин камбудиҳо ин фарҳанги марбут ба девони Ҳофиз дар тафсири лексикаи ӯ равияи асосиро зоҳир кардааст, яъне муаллифи фарҳанг лексикаи девони Ҳофизро ба маънои ҳаётии муқаррарии он шарҳ медиҳад. Вай калимаҳоро шарҳ медиҳад ва ҳеҷ гоҳ аз рӯи ягон мақсад ва рӯҳия маънидоди субъективӣ (таъвил) намекунад. Ба ҳар

ҳол, дар шарҳу тафсир оҳанги тасаввуфӣ қариб дида намешавад.

Аҳамияти ин луғат барои мо дар ин ҷост, ки вай ба шеърҳои Ҳофиз шарҳу тафсири сӯфиёна не, балки оддии ҳаётӣ додааст ва ин луғат намояндаи он усулест, ки аз аввали асри XV сар карда, ба лексикографияи форс-тоҷик дар Ҳиндустон хос мебошад.

Акнун ба китобҳои шурӯҳ, яъне ба шарҳҳои девони Ҳофиз муроҷиат мекунем. Дар ин маврид низ аз миқдори хеле зиёди онҳо сарфи назар карда, фақат ҳамонро ба эътибор мегирем, ки дар байни онҳо чӣ чиз муҳим аст ва чӣ чиз барои онҳо умумӣ аст. Умумияти онҳо гуфта мавҷудияти ҷиҳати сӯфиёнаи ғазалҳои Ҳофизро дар назар дорем.

Яке аз шарҳҳои қадимтарин ва мӯътабартарини ашъори Ҳофиз шарҳи Судӣ (сокини вилояти Босния дар Югославия, соли таваллудаш 1591) аст, ки дар нимаи аввали асри XVII дар Туркия таълиф ёфтааст[6]. Ин шарҳ дар фаро гирифтан ва тафсири истилоҳоти тасаввуф ҳадди эътидолро ба хубӣ нигоҳ доштааст[7]. Ин ҷиҳат хусусан ҳангоми муқоиса бо шарҳҳои баъдина ва нисбатан нав, ки баъзе аз онҳо ҳеҷ як ҳадду ҳудудро риоя накардаанд ва ба ҳамаи номҳои муқаррарии ашьё ва воқеият беистисно ҷомаи тасаввуф пӯшондаанд, боз ҳам равшантар ҷилвагар мегардад.

«Бадр-уш-шурӯҳ»-и Бадриддин намунаи чунин шарҳи мағз андар мағз тасаввуфӣ мебошад[8].

Масалан, калимаи «соқӣ» дар ин шарҳ дар байтҳои зиёди Ҳофиз паиҳам тафсир ёфтааст. Ин калима аксаран чун ифодакунандаи рамзии муршид — мураббии ҳақиқӣ-маънавӣ, роҳбари маънавӣ дар тасаввуф маънидод шудааст. Баъзан ба ду маъно чун «маҳбуби ҳақиқӣ» ва чун «муршид» шарҳ дода шудааст. Қалимаи «соқӣ» баъзан бе ҳеч қайду шарҳ оварда мешавад. Вале ҳарҷу марҷи тамом ва моҳиятан имконнопазирии зӯран бор кардани ягон маънои тасаввуфӣ бар дӯши ин калима ҳатто аз шарҳи байти аввали Девони Ҳофиз — «Ало ё айуҳа-с-соқӣ адир каъсан ва новилҳо...» равшан маълум шуда меистад.

Шореҳ менависад, ки калимаи «соқӣ» дар асл маънои «обдиҳанда, шахсе ки об медиҳад ва маҷозан ба маънои шаробдиҳанда низ мустаъмал». Баъд даст ба тарошидани шарҳи тасаввуфӣ аз байти мазкур ва умуман аз тамоми девон зада, менависад, ки «соқӣ» — ин ишора ба «худои тао-

ло аст, ки худ соқӣ гашта, шароб ба ошиқони худ менӯшонад ва эшон чун он шароб менӯшанд, маҳву фонӣ мегарданд ва аз кашокаш ва сахтиҳои ишқ халосӣ меёбанд». Ин ҷо маънои дуввӯми он истиоратан «муршиди комил» зикр мешавад. Баъд аз ин менависад, ки калимаи мазкур метавонад ба маънои раҳбари дини қавму қабилаи муайян — «ба ниёбати расул...» ҳам ояд ва ниҳоят илова мекунад, ки ба маънои «маъшуқ, ки шароби ҳусни маънавӣ аз ҷоми рӯи вай менӯшанд», низ омада метавонад[9].

Чи тавре ки қайд карда шуд, калимаи «соқӣ» ба чор маънӣ, яъне аз худо сар карда, то маъшуқи маънавӣ шарҳ ёфтааст. (Маънои аслии он, яъне «обдиҳанда», «шаробдиҳанда» аз тарафи шореҳ барои девони Ҳофиз ғайри мустаъмал шуморида мешавад).

Муаллифи шарҳи мазкур калимаи воқеии «соқӣ»-ро ба як навъ рамзи ифодакунандаи мафҳумҳои комилан мухталифи тасаввуфӣ табдил додааст, ки ин ҳолат аз пуч ва беасос будани тафсирҳои тарошидаи ӯ гувоҳӣ медиҳад. Чунин муносибати густохона бо лексика ва маънои муайян ва комилан воқеии калимаҳо, аз ҷумла бо калимаи «соқӣ», ки маънои «ҷавони шаробдиҳанда дар майкада»-ро дорад, возеҳӣ ва сароҳати ашъори Ҳофизро аз байн мебарад. Дар натиҷаи чунин муносибат ҳар кас метавонад шеъри Ҳофизро ба таври худ шарҳ диҳад ва ин шарҳҳоро бо мафҳумҳои тасаввуфӣ ва категорияҳои он як навъ вобаста кунад. Ин қабил шореҳон ашъори Ҳофизро ба маҷмӯаи маъноҳои бесару нӯг табдил медиҳанд.

Шореҳони мутасаввифи ашъори Ҳофиз инчунин бо мақсади ба калимаҳо додани мазмун ва мафҳумҳои сӯфиёна кӯшиш мекарданд, ки лексикаи девони Ҳофизро ба як система ва тартиби муайян дароранд. Чунин ҳолат бо лексикаи марбут ба шароб, аз ҷумла бо номҳои зарфҳои шароб ва ҳатто харобот рӯй додааст. Яке аз ин гуна «мураттабсозӣ» силсилаи маротиби маъноҳост, ки ба зарфҳои шароб нисбат медоданд.

Модоме ки **шароб** дар мафҳуми тасаввуф киноя аз ишқи илоҳист, пас зарфҳо аз қабили **пиёла, ҷом, соғар** бояд дили мурид ва ҷӯяндагони маърифатро ифода кунанд (ба эътибори он, ки шароб мундариҷа, мазмун аст ва зарф ғунҷоишгоҳи ин мазмун). Зарфҳои калонтари шароб — **сабӯ, сурохӣ, ратли гарон** гӯё бояд дили пиру муршидҳоро ифо-

да намоянд. Зарфҳои аз ин ҳам калонтар ва бисьёр азими шароб: **қароба, машк** ва **хум** барои ифодаи муҷтаҳидони тариқат, ки ба қуллаҳои баланди тасаввуф расидаанд, хизмат мекунанд. Ҷои нигаҳдошти ҳамаи ин зарфҳо, яъне майкада, харобот, бояд дили анбиёву расулро, ки онҳо маъхазу макони пайдоиши ишқу маърифати ҳақиқӣ ҳастанд, ифода кунанд[10].

Вале ихтилофот, зиддиятҳои фоҳиш ва дарҳам—барҳамие, ки дар ин қабил шарҳҳо ба девони Ҳофиз[11] ҳукмфармост, дар кори ба як силсилаи мавзуни истилоҳоти тасаввуфӣ даровардани калимаҳои Ҳофиз оҷизии ин шореҳонро нишон медиҳад. Зеро ки аз тарафи Ҳофиз дар маънои воқеӣ кор фармуда шудани калима ва истилоҳот ба маънидодҳои тасаввуфии онҳо асосе намедиҳад ва шарҳу таъвилоти онҳоро рад мекунад[12]. Ҳамаи ҳилаю найранги аз Ҳофиз сӯфӣ сохтани онҳо барор намегирад.

Бо вуҷуди ин ҳоло ҳам баҳсу мунозира дар атрофи тасаввуф ва ё дараҷаи тасаввуфи Ҳофиз қатъ нашудааст. Дар асарҳои олимони эронӣ доир ба муносибати Ҳофиз ба тасаввуф нуқтаи назарҳои мухталиф изҳор мешаванд. Баъзе мӯътақиди онанд, ки гӯё Ҳофиз асосгузори мактаби «риндӣ» («Ирфони ошиқонаи риндона») аст, ки ин мактаб ба тасаввуф муқобил бошад ҳам[13], дар буньёди худ бо тасаввуф мувофиқ аст. Тарафдори ин ақида, Муртазавӣ, исбот мекунад, ки **лексикаи марбути риндӣ**: ринд, қаландар, харобот, дайри муғон, пири муғон, майхона ва ғ. дорои тобиши услубан мусбат (писандида!) мебошад. Дар айни замон лексикаи марбут ба тасаввуф **ҳамеша** тобиши услубан манфӣ (нописандидаи таҳқиромез) дорад. Ин хулоса барои характеристикаи Ҳофизи дур аз тасаввуф хеле муҳим аст.

Фикру мулоҳизаҳои Алии Даштӣ дар бораи Ҳофиз низ қобили қайданд. Ӯ Ҳофизро чун шоир — таскиндиҳандаи шӯрбахтон ба қалам медиҳад ва чунин мешуморад, ки ба услуб ва ақоиди ӯ Саъдӣ, Хайём ва Ҷалолиддини Румӣ таъсири бештар расондаанд. Алии Даштӣ чунин мешуморад, ки Ҳофиз аз эҷодиёти ин се шоир, ки ба якдигар монанд нестанд ва аксаран ба ҳам зидданд, тавонистааст хатти мобайнӣ («тариқи эътидол») — омезиши хоси унсурҳои услуб ва ҷаҳонбинии ононро дарьёбад[14].

Таълиф ва нашри ҷилди аввали фарҳанги Ҳофиз дар омӯхтани эҷодиёти Ҳофиз қадами муҳимме ба пеш мебошад.

Ин ҷилд бештар аз 40 истилоҳи тасаввуфро дар бар мегирад, ки ҷиддан ва ҳаматарафа таҳқиқ шудааст.[15]

Шарҳу тавзеҳ ва дарк кардани лексикаи ашъори Ҳофиз ва ҳамчунин дарк кардани моҳияти эҷодиёти ӯ ба муносибати вай ба тасаввуф сахт алоқаманд аст. Вобаста ба ин мазмуни лексика ва мундариҷаи девони Ҳофиз тағьир меёбад ва ба ин марбут аст характери фарҳанги Ҳофиз.

Дар мубоҳиса доир ба мундариҷаи эҷодиёти Ҳофиз саҳми лексикографҳои ҳиндустони тоҷикӣ-форсӣ (форсизабон) — мураттибони луғатҳои тафсирии умумӣ (фарҳангҳо) зиёд аст, зеро онҳо на Ҳофизи мутасаввиф, балки Ҳофизи реалист ва ҳақиқатнигорро эътироф кардаанд, ки аҳли тасаввуфро мазаммат кардааст.

Шарҳдиҳии сӯфиёнаи девони Ҳофиз ҳодисаи сунъие мебошад, ки баъдтар ривоҷ ёфтааст.[16]

Таҳқиқи материали лексикии девони Ҳофиз диққати олимонро беш аз пеш ба худ ҷалб мекунад. Вале ин таҳқиқот набояд шарҳдиҳии муғризона бошад. Тадқиқоти лексикии луғатнависони пешин ва таҳқиқоти нави олимони Эрон (хусусан таҳлили услубии лексикаи Ҳофиз, ки М. Муртазавӣ анҷом додааст), ки дастраси мо аст, нишон медиҳанд, ки Ҳофиз истилоҳоти тасаввуфро на аз нуқтаи назари аҳли тасаввуф, на «аз дохил», балки ҳамчун фарзанди асру замони худ, «аз хориҷ» истеъмол кардааст.

Таҳқиқоти оянда бояд ҳамин моҳияти «аз хориҷ»-и Ҳофизро муайян кунанд ва аз ин ҷиҳат таҳлили дақиқ ва ҷиддии лексикаи Ҳофиз ба аҳамияти якӯмдараҷа соҳиб аст[17].

Дар хотима қайд кардан зарур аст, ки олимони советӣ дар қатори олимони хориҷии аврупоӣ бо таҳқиқоти реалистонаи эҷодиёти Ҳофиз (асарҳои А. Н. Болдырев, И. С. Брагинский, Г. Риттер, Я. Рипка) ба соҳаи беш аз пеш вусъат ёфтаистодаи омӯхтани Ҳофиз саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Масъалаи омӯхтани Ҳофиз, ки имрӯз ба соҳаи махсус, ба Ҳофизшиносӣ табдил ёфтааст, доираи худро фақат бо адабиётшиносӣ маҳдуд накарда, балки забоншиносӣ, лексикология ва лексикографияро низ фаро мегирад.

---

[1] № 525, нусхаи Институти Шарқшиносии АФ Тоҷикистон, иборат аз 521 саҳифа, ки аз рӯи коғаз ва нишонаҳои хаташ («б» ба ҷои «п», «ҷ» ба ҷои «ч», «к» ба ҷои «г») тахминан дар асри XVII, дар Самарқанд бо

хати настаълиқи хоси Осиёи Миёна китобат шудааст. Дар охири китоб номи котиб зикр шудааст: Муҳаммад Тайиб ( طیب ) бинни Ербобо.

[2] Муаллифи «Шарафнома» танҳо ҳамин шаклро дуруст мешуморад.

[3] Рой Текчанд Баҳор. Баҳори Аҷам. Лакнав, 1894, ҷ. 2, саҳ. 201.

[4] Муҳаммад Ғиёсуддини Азимободӣ. «Ғиёс-ул-луғот». Қанпур, 1323 ҳ., саҳ. 315.

[5] Ин луғати ягона дар фонди дастнависҳои Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон зери рақами 560 маҳфуз аст. Дастнавис аз 102 саҳифа иборат буда, соли 1336 ҳиҷрӣ (1821) китобат шудааст. Муаллиф номи худро зикр намекунад. Калимаҳо танҳо аз рӯи тартиби ҳарфи якӯм ба фаслҳо ҷудо карда шуда, дар дохили фасл тартиби алифбо риоя карда намешавад.

[6] Мо бо як қисм аз асли туркии шарҳи Судӣ, ки дар китоби Die Lieder des Hafis, Persisch mit Commentare des Sudi, herausgegeben von Herman Brockhaus ҷ. 1—3, 1854—1860 оварда шудааст, шинос шудем. Ҷилди аввали ин таълифот иборат аз қисмати зиёди шарҳи Судӣ мебошад. Ҷилди дуввӯм ва саввӯм иборат аз девони Ҳофиз, ки Г. Брокгауз дар асоси чопи Судӣ ба табъ расондааст. Шарҳи мазкур ба форсӣ тарҷима шудааст: «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз», тарҷимаи Исмат Сатторзода, Теҳрон, 1342 (ки ба ман дастрас набуд).

[7] Судӣ менависад: «Хоҷа (Ҳофиз) матолиби маънавиро бо масоили моддии ҷисмонӣ дарҳам омехта, замоне дар либоси сӯфии пок ва гоҳе ринди лоуболӣ, вақте мусулмон ва мутадайин ҷилва мекунад. Ин дигаргунии аҳвол ва мутобиқи завқ ва табъи ҳар табақа сухан гуфтан, маънии воҳидеро ба ибороти мухталиф баён кардан — ҳама далел бар вусъати фикр ва дурнамои диди ӯст...» Иқтибос аз китоби «Нубуғи Ҳофизи Шероз ва нури ашъораш», таълифи Ризо—Нури Неъматуллоҳӣ, Теҳрон, 1346 ҳиҷрии шамсӣ, саҳ. 23.

[8] Мавлоно Бадриддини Соҳиби Акбарободӣ. Бадр-уш-шурӯҳ—шарҳи Девони Ҳофиз, Деҳлӣ, 1904.

[9] Бадр-уш-шурӯҳ, саҳ. 2.

[10] Ин шарҳи бофта, вале аз заррофат холӣ набуда, ба Шайх Абдулвоҳид ном шахс нисбат дода мешавад. Ниг. «Бадр-уш-шурӯҳ», саҳ. 347.

[11] Дастнависи шарҳе, ки муаллифи он номаълум аст ва дар Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон таҳти рақами 1395 маҳфуз аст, мавриди истифодаи мо қарор гирифта буд. Шарҳи мазкур нопурра аст ва аз ашъори Ҳофиз, ки қофияи он бо ҳарфи «д» тамом мешавад, шурӯъ мегардад. Таърихи китобат зикр нашудааст. Дастнавис иборат аст аз 269 вараќи калонандоза. Шарҳи мазкур назар ба шарҳи Бадриддин ҳадди эътидолро бештар риоя кардааст; дар он ҷараёни рационалии эзоҳи маъноҳои муқаррарии ашъори Ҳофиз намудор аст ва ба дурустӣ мушоҳида карда мешавад, ки муаллифи он барои дарк кардани моҳияти воқеияти муқаррарӣ саъю кӯшиши самарабахше ба харҷ додааст. Барои нишон додан ва дастрас кардани шарҳи мазкур аз А. Афсаҳов (Афсаҳзод) миннатдорам.

[12] Чи тавре ки қаблан қайд намудем, шореҳони мутасаввиф — муаллифони шарҳҳо аз шарҳу эзоҳи баъзе байтҳои Ҳофиз ё баъзе калимаҳои асосӣ ва муҳимми байтҳо умуман худро ба канор кашидаанд.

[13] Мактаби Ҳофиз ё муқаддима ба Ҳофизшиносӣ, таълифи доктор Минучеҳри Муртазавӣ, Теҳрон, 1344, саҳ. 430—434.

[14] Алии Даштӣ. Нақше аз Ҳофиз. Теҳрон, 1960.

[15] Фарҳанги ашъори Ҳофиз, ҷилди аввал—шарҳи мусталаҳоти сӯфия дар девони Ҳофиз, таълифи доктор Аҳмад Алии Риҷоии Бухороӣ. Теҳрон, 1340, ҳ. ш., 604 саҳ. Барои ошно шудан бо ин фарҳанг ва асари номбурдашудаи Муртазавӣ ва инчунин бо китоби «Нубуғи Ҳофиз»-и Неъматуллоҳӣ аз акад. Мирзоев А. М. миннатдорам. Ҳамчунин аз фурсат истифода бурда, ба корманди Институти забоншиносии АФ СССР Г. Галимова барои кӯмак ва маслиҳатҳои пурқиматаш изҳори ташаккур менамоям.

[16] Аз байни асарҳои солҳои охир анҷомьёфта, асарҳои зеринро ном бурдан мумкин аст, ки муаллифони онҳо шарҳдиҳии тасаввуфонаи ашъори Ҳофизро пеш гирифтаанд: Абулфазл Мусаффо. Бо Ҳофиз бештар ошно шавем. Теҳрон. Муҳаммад Алӣ Бомдод. Ҳофизшиносӣ ё илҳомоти Хоҷа, чопи дуввӯм, 1960 (244 саҳ.); Мӯҳсини Бино. Ҳофиз кист ва ирфон чист — тарҷимаи абьёт ва шарҳи ашъори Ҳофиз, ҷилди аввал, Теҳрон, 1339 (1960).

[17] Ҷаъфарии Лангарудӣ дар омӯхтани лексикаи Ҳофиз чунин мудаққиқона рафтор карда, асари худро таълиф намудааст: Шахсияти маънавии Ҳофиз. Теҳрон, 1955. Ӯ кӯшиш кардааст, ки Ҳофизро ба навъи махсуси ирфон, ки шиораш: «Расидан ба «ишқи камол» аст, дохил намояд, вале таҳлили истеъмоли конкретии лексикаи девони Ҳофиз, ки ӯ анҷом додааст, дарвоқеъ бархилофи майли тасаввуфтарошии худи ӯ баромадааст. Ӯ маҷбур аст эътироф кунад, ки Ҳофиз ҳам одами оддӣ буд ва ӯро бегуноҳ ба қалам додан кори беҳуда аст. Ӯ ҳамчунин хулоса мебарорад, ки Ҳофиз сеяки аввали умри худро дар марҳилаи «риндии холӣ аз ишқ» («Риндии паст»), сеяки дуввӯмро дар марҳилаи «риндӣ дар ишқи висол» ва сеяки саввӯмро дар марҳилаи «риндӣ дар ишқи камол» гузаронидааст.



Расми рассом Султон Муҳаммад барои девони Ҳофиз. Асри XVI.

# ҚАСОИДИ ҲОФИЗ

Ношири девони Ҳофиз Муҳаммад Қазвинӣ ҳангоми истинсохи матни девони ӯ аз рӯи нусхаҳо панҷ қасидаро, ки дар қадимтарин дастнависи пайдокардаи вай будаанд, аз Хоҷа doниста аз баъзе қасидаҳое, ки дар нусхаҳои баъдина дучор гардидаанд, сарфи назар кардааст. Ба ҳукми вай ин қасидаҳо бо он, ки дар дастнависҳои кӯҳна наомадаанд, аз нуқтаи назари сохту услуб, забон ва тарзи гуфтор низ ба дигар асарҳои Хоҷа шабоҳат надоштаанд[1].

Ин нишондоди Қазвинӣ ҳарчанд ки аз баъзе ҷиҳат дуруст аст, вале ба таври илмӣ исботи комил мехоҳад. Зеро ҳанӯз маълум нашудааст, ки Ҳофиз дар муддати зиндагиаш чанд қасида гуфтааст. Баъзе қасидаҳое ҳам, ки дар дастнависҳои асрҳои баъд ҷо дода шудаанд, шояд аз Ҳофиз бошанд, ки исботи ин ба тадқиқот вобаста аст.

Қазвинӣ ҳар панҷ қасидаи ба Ҳофиз нисбат додаашро дар тахти боби «Қасоид» наоварда, дуи онҳоро дар боби «Ғазалиёт» ҷой додааст. Ин корро ӯ, чунон ки ишора кардааст, дар асоси тартиби яке аз нусхаҳо анҷом додааст[2]. Ҳол он ки яке аз ин шеърҳо аз ҷиҳати ҳаҷм (25 байт) ва мазмун на ба ғазал, балки ба қасида бештар монанд аст[3]. Худи Қазвинӣ низ ба қасида будани ин шеър боварӣ доштааст. Ин аст, ки вай ҳангоми нақли он дар зернавишти саҳифа қайд кардааст: «Ин ашъор... дар ҳақиқат қасидааст, на ғазал»[4].

Ба ин ҷиҳат дар боби «Қасоид» омадани ин шеър, ба фикри мо, муносибтар мебуд. Шеъри дуюм ҳаҷман хурд, аз 14 байт иборат буда, аз ҷиҳати сохту оҳанг ба ғазал-

ҳои мадҳӣ шабоҳат дорад ва шояд ҳам аз ин қабил ғазалҳо бошад[5].

Мо дар ин мақола ба се қасидаи дар боби «Қасоид» омада ва шеъри калонҳаҷми дар боби «Ғазалиёт» зикр шуда, ки шаклан ба қасида монанд аст ва худи Қазвинӣ ҳам ба қасида будани он гувоҳӣ додааст, мухтасар истода мегузарем.

Ҳар се қасидаи дар боби «Қасоид» омадаи Хоҷа дар равияи се қасидаи Заҳири Форьёбӣ гуфта шудааст. Инро М. Қазвинӣ низ таъкид кардааст: «Хоҷа дар қасоиди худ ғолибан шеваи Заҳири Форьёбиро пайравӣ мекарда ва мӯътақиди сабку услуби ӯ будааст»[6]. Баъд ӯ бо зикри матлаъҳои ҳар се қасидаи Ҳофиз матлаи қасидаҳои мавриди ҷавоб қарор гирифтаи Заҳирро ҳам овардааст. Ба ин муносибат санҷиши ҳар сеи ин қасидаҳои Хоҷаро бо муқоисаи қасоиди мавриди ҷавоб қарор гирифтаи Заҳир овардан хуб аст ва инак мо чунин мекунем.

Қасидаи аввали ҷавобияи Ҳофиз аз чил байт иборат буда, ба шоҳ Шуҷоъ унвон шудааст[7]. Вай ташбибу талаб надорад. Қасидаи Заҳир, ки барои ба вуҷуд омадани ин қасидаи Ҳофиз асос гардидааст, низ беташбибу талаб аст[8]. Вай сию се байт дорад ва дар мадҳи Қизил Арслон мебошад.

Матлааш ин аст.

Гетӣ зи фарри давлати фармондеҳи ҷаҳон
Монад ба арсаи Ираму равзаи Ҷинон.

Оғози қасидаи Ҳофиз ин аст:

Шуд арсаи замин чу бисоти Ирам ҷавон
Аз партави саодати шоҳи ҷаҳонситон.

Дар матлаи Ҳофиз мазмуни матлаи Заҳир бо андаке дигаргунии шаклӣ такрор ёфтааст.

Аз мазмуни байтҳои қасидаи Заҳир фаҳмидан душвор нест, ки вай ба муносибати ғалабаи Қизил Арслон навишта шудааст. Вале тасвир карда шудани кадом ғалабаи ӯ маълум нест. Дар байтҳои дуйӯму ҳафтӯми қасидаи Заҳир аз барқарор гаштани оромию осудагӣ, амну амонӣ ба муносибати зафар, аз хандидани адл ва ғусса хӯрдани зулм сухан рафтааст.

Ҳофиз бошад дар ин байтҳо, яъне байтҳои дуйӯм ва ҳафтӯми қасидааш бештар ҳамду санои шоҳ Шуҷоъро ҷой додааст. Дар ин абьёт аз мулкпарварию додгарӣ ва ҳимма-

ти баланди шоҳ низ сухан рафтааст, ки зоҳиран ситоиш бошад ҳам, ботинан, ба ақидаи мо, талаби адлу ҳиммат аз феодали комрон гардидааст. Ин байтҳои Ҳофиз нисбат ба абьёти Заҳир бештар муаллақ садо медиҳанд.

Дар байтҳои ёздаҳӯму ҳаждаҳӯми қасидаи Заҳир инсоф, қуввату иқтидор, қаҳру кин ва теғи Қизил Арслон мадҳ гардида, душмани ӯ сарзаниш ёфтааст. Дар байтҳои 11—18-ӯми қасидаи Ҳофиз бошад ҳамон мадҳи ғаррои шоҳ Шуҷоъ идома ёфтааст. Ӯ сурати ин шоҳро «мулки ҷамолу ҷамоли мулк», талъати ӯро «ҷони ҷаҳону ҷаҳони ҷон» номида, бо муқоисаю ташбеҳ тахту тоҷ ва давлати вайро мадҳ кардааст. Ҳофиз ин ҷо шоҳ Шуҷоъро бонеъмату дониш ва ҳамон саховатманд нишон додааст, ки зоҳиран ин гуфтори ӯ ҳам талаби ҳаётӣ гардидааст.

Заҳир дар байти 19-ӯми қасидааш ҳайбат ва шукӯҳи мамдӯҳро таъкид карда, баъд дар чанд байт (байтҳои 20—24) аз тарзи масофи ӯ бо душман сухан рондааст. Чунончи, ӯ нишон додааст, ки агар рӯзе душман қасди ҷанг намояд, ту бо лашкари беадад чу шерон ба он метозӣ ва гӯпол бар замин зада бонг бар забон меронӣ. Ба қавли шоир он лаҳза пои ӯро ҷуз рикоб ва дасташро ҷуз инон дигар чиз намедорад ва бадхоҳи мулк дар ин амалиёт тамоман хаста хоҳад гашт. Ин нишондод барои таъкиди зафармандии доимии Қизил Арслон оварда шудааст.

Ҳофиз баъд аз ин (байтҳои 19—23-ӯм) аз илму дониш фазл ва ҷуду ҳиммати шоҳ Шуҷоъ гап зада ва инчунин ӯро динпарвару шариатпаноҳ низ гуфтааст. Баъдтар дар байтҳои 24—26-ӯм вай саропардаи шоҳро бонеъмат дида, хаймаю хиргоҳи ӯро бо муболиға мадҳ намудааст.

Дар байтҳои охирини қасидаи Заҳир боз душмани Қизил Арслон лаън шудааст. Ин ҷо хушбахтӣ ва хушталъатии мамдӯҳ низ бо муболиға мадҳ гардидааст.

Аз абьёти минбаъдаи қасидаи Ҳофиз васфи хазинаю лашкар, алалхусус лашкари ҷангҷӯю зафарманди мамдӯх шунида мешавад. Шоир ин ҷо нишон додааст, ки шоҳ Шуҷоъ дар дашти Рум бо лашкар хайма зад, ба қасри Зард тохтутоз кард ва аз он ба қасрҳои Қайсару хонҳои Чин ларза афтод. Ин ишораест ба воқеаи таърихӣ — ҷангҳои дохилии шоҳ Шуҷоъ.

Шоир бо муболиға шоҳ Шуҷоъро шоҳи пуриқтидор ҳатто дар даст дорандаи инони фалак, халқро аз вай розӣ ва

уро шодмону бадавлат, бокӯшишу бахшиш номидааст. Халқпарвар ҳисоб шудани шоҳ Шуҷоъ, албатта, муболиға аст. Шоҳи ноодил будани вай ҳатто ба худи Ҳофиз пӯшида набудааст.

Ба ҳамин тариқ, чунон ки аз ин муқоисаи иҷмолӣ маълум мегардад, Ҳофиз дар ҷавобияи худ ҳарчанд ки қасидаи Заҳирро шаклан, яъне аз рӯи вазну қофия ва мавзӯъ пайравӣ кардааст, вале дар он асосан мазмуну маънии дигарро ҷой додааст. Ҳар ду қасида дар ду шароити таърихӣ ва дар ду вазъияту ҳолати мухталиф ба вуҷуд омадааст ва ин асосан ба дигаргунии мундариҷаи онҳо таъсир кардааст.

Ҳар ду қасида ҳам мадҳиявӣ ва муболиғаомез аст. Суханҳои хеле вассофона ва баландпардоз дар қасидаи Ҳофиз бисьёртар ҷой дорад. Таъсиргирии Ҳофиз аз Заҳир эҷодкорона будааст. Қасидаи Хоҷа чун дигар ҷавобияҳо тамоман нав ва хушсифату хушшакл аст.

Қасидаи дигари ҷавобияи Ҳофиз ҳамаи кисматҳои таркибӣ—ташбиб, тахаллус, мадҳу талаб ва хотимаро дорост. Хоҷа ин қасидаашро ба вазири шоҳ Шуҷоъ — Қавомиддини Муҳаммад бахшидааст. Ин шахс аввалин вазири шоҳ Шуҷоъ аст, ки соли 1357 ба ин мансаб ноил гардида, соли 1362 дар натиҷаи фитнаҳои дарборӣ аз тарафи худи шоҳ Шуҷоъ катл шудааст[9].

Ин қасидаи Хоҷа аз 40 байт таркиб ёфтааст[10]. Қасидаи мавриди ҷавоб қарор гирифтаи Заҳир 29 байт дорад ва дар мадҳи атобаки Абӯбакр гуфта шудааст[11]. Вай аз насибу гурез ва мадҳу хотима иборат шудааст.

Ҳоло ба муқоиса мепардозем. Насиби қасидаи Заҳир аз даҳ байт иборат буда, дар баёни ишқи ёр мебошад. Шоир аз ғами ёр нолида хотирашро парешон ва дидаашро пуроб дидааст. Саркашию ҷафокорӣ пешаи ёри ӯ будааст. Шоир хусусияти дилбари баландмақомро нишон дода, аз ишқи худ гап зада, муҳаббати бепоёнашро маълум сохта, ӯро зимнан ба хушхӯию дӯстӣ тарғиб кардааст.

Ин навъ суханронӣ, яъне дилбарро ҷафокор дидан ва худро дар ишқи вай забуну хор шумурдан нав набуда, дар мавзӯи ишқӣ аз ифодаҳои маъмул аст. Аммо Заҳир ин мазмунро бо санъати баланд, бо услубу ифодаи хоси худ устодона баён намудааст.

Мавзӯи ташбиби нӯҳбайтаи қасидаи Ҳофиз ҳарчанд ки мисли ташбиби Заҳир оҳанги ишқӣ дорад, вале аз ҷиҳати

ғоя хеле муҳим мебошад. Вай танҳо баёни эҳсосоти лирикӣ ва ишқи оддӣ нест. Ташбиби Хоҷа асосан дар насиҳати дилбар гуфта шудааст ва мувофиқи фармуди ҳаёт гардидааст. Чунончи шоир ба дилбар таъкид кардааст, ки ба ҳусну ҷамол болида бисьёр лофи дилбарӣ назанад, барои дилбарӣ шакардаҳонӣ ва ҳусни зоҳирӣ эътибор набуда, балки дар ин роҳ ҳазор нуктаҳо ҳаст, ки донистани онҳо шарт аст. Ба фикри Ҳофиз «дар диле ба ҳунар хешро ғунҷондан», яъне ба даст овардани диле, меҳру ҳалимӣ фазилат ва ҳунари беҳтарин аст ва «ҳазор салтанати дилбарӣ бад-он ҳунар намерасад».

Ҳофиз ба ин восита ба дилбарони зоҳирбин маънӣ омӯхта, онҳоро ба садоқату меҳр ташвиқ кардааст. Илова бар ин ӯ умуман чӣ гунагии дилбарӣ ва маънии ҳаётии онро нишон додааст ва ин афкори вай аҳамият дорад.

Ғайр аз ин дар ташбиби Ҳофиз фикрҳои дигар низ ҳаст. Вай аз дилбар хоҳиш кардааст, ки «ба ҳамнишинӣ бо риндон розӣ шавад», ба шоир бодаи рангин диҳад, ба «номи турраи дилбанди хеш хайре кунад» ва «аз ҳоли вай чашми иноят нагирад». Ба қавли шоир агар вай бода хӯрад ҳам, дар мусулмониаш рахнае нахоҳад кард.

Афкори дар ташбиб баён кардаи Ҳофиз бо ҳам марбут буда ва ҳамаи онҳо мазмуни насиҳатомӯзона дошта, умуман тарғиби беҳтарин хусусиятҳои инсонӣ мебошанд. Инак ба ташбиби ӯ нигаред:

Зи дилбарӣ натавон лоф зад ба осонӣ,
Ҳазор нукта дар ин корҳост, то донӣ.
Ба ҷуз шакардаҳанӣ мояҳост хубиро,
Ба хотаме натавон зад дами Сулаймонӣ.
Ҳазор салтанати дилбарӣ бад-он нарасад,
Ки дар диле ба ҳунар хешро бигунҷонӣ.
Чи гардҳо, ки барангехтӣ зи ҳастии ман,
Мабод хаста самандат, ки тез меронӣ.
Ба ҳамнишинии риндон саре фуруд овар,
Ки ганҷҳост дар ин бесариву сомонӣ.
Биёр бодаи рангин, ки як ҳикояти рост
Бигӯяму накунам рахна дар мусулмонӣ.
Ба хоки пои сабӯҳикунон, ки то мани маст
Ситода бар дари майхонаам ба дарбонӣ,
Ба ҳеҷ зоҳиди зоҳирпараст нагзаштам,

Ки зери хирқа на зуннор дошт пинҳонӣ.
Ба номи турраи дилбанди хеш хайре кун,
Ки то худош нигаҳ дорад аз парешонӣ.
Магир чашми иноят зи ҳоли Ҳофиз боз,
В-агарна ҳол бигӯям ба Осафи сонӣ.

Аз байти 12-ӯми қасидаи Заҳир мадҳи иғроқомези атобак сар мешавад. Дар як қисми ин байтҳо вай атобакро султони ягона, баландахтар, ғайбдону олӣ, бузургу бақадр, баҳиммату одил нишон додааст. Аз гуфтори ӯ доир ба адолату ҳиммати мамдӯҳ бӯи талаби инсофу адолат омада меистад.

Ин гуфтаҳои Заҳир аз ҷиҳати услуби баён ва тарзи ифода хеле баланд аст. Қас ба муболиғаҳои баландпарвози ӯ дар ин абьёт ҳайрон мемонад, як андоза мафтун мегардад ва ба сухандонию санъати ӯ дар мадҳ қоил мешавад.

Ҳофиз мадҳи вазирро аз байти 11-ӯм оғоз кардааст. Дар ёздаҳ байти аввал бузургию ҳиммат, ҷуду карами мамдӯҳ баён ёфтааст. Дар ин абьёт суханони баландпарвоз бисьёр аст.

Пӯшида намонад, ки як ду гуфтаи Хоҷа дар ин маврид мазмунан ба баёни Заҳир монанд шудааст. Чунончи дар мисраи дуйӯми байти дуйӯми ӯ (аз ин 11 байти аввали мадҳиявии ӯ) мехонем: «Ки медурахшадаш аз чеҳра фарри яздонӣ». Заҳир дар мисраи дуйӯми яке аз байтҳояш навиштааст: «Ки дар ҷабини ту пайдост фарри яздонӣ». Ҳофиз овардааст: «Туро расад, ки кунӣ даъвии ҷаҳонбонӣ». Заҳир гуфтааст: «Ки хатм гашт бар ӯ то абад ҷаҳонбонӣ».

Дар қофияи байти якӯми Ҳофиз (аз 11 байти аввали мадҳиявии ӯ) ва қофияи яке аз байтҳои Заҳир ибораи «инсию ҷонӣ» такрор омадааст.

Ин навъ монандиҳо дар ҷавобияҳо гоҳ-гоҳ рӯй медиҳад. Дар ин маврид таъсири суханони Заҳир ба Хоҷа бештар ба назар мерасад.

Заҳир дар давоми мадҳ бо суханони баланду фикри дурпарвоз таърифи муболиғавии атобакро давом додааст. Дар яке аз ин байтҳо вай бо таъбири халқии «ганҷ дар вайрона» мазмун офаридааст. Ин гуфтаҳои ӯ ҳам санъаткорона аст ва шаклан хушсифат мебошад. Фикри дурӯғу бофтаро ин андоза хуб баён кардан ба назар амали устодона менамо-

яд. Дар охир дар интиҳои қасида шоир ба мамдӯҳ умри абад ва кому мурод талабидааст.

Дар байтҳои 22—30-ӯми қасидаи Ҳофиз аз баҳор сухан рафтааст. Вай аз забони булбул талабидааст, ки кас дар чунин айём набояд тангдил нишинад, балки бояд шароб хӯрад, шодӣ намояд ва «аз гулу мул доди айш бистонад».

Дар ин ҷо Ҳофиз боз забон ба насиҳат кушодааст. Ин абьёти вай дар якҷоягӣ мисли ташбиби қасидааш аҳамияти ҳаётӣ дорад ва инъикоси реалият мебошад. Шоир ин ҷо зебоии ҳаёт ва лаззати комравои онро бо фикри носеҳона якҷоя тасвир кардааст.

Вале аҷобат дар ин ки Хоҷа ин абьётро дар байни мадҳ ҷой додааст. Абьёти мадҳӣ бо байти 21-ӯм хотима ёфтааст. Байтҳои зикршуда бе гурез оғоз шудаанд ва ин аст, ки онҳо аз қисмати мадҳ ҷудо шуда меистанд.

Ҳоҷа аз байти 31-ӯми қасида бо гурез боз ба мадҳ гузаштааст. Аммо бо вуҷуди ин минбаъда мадҳи иғрокноки вазир наомадааст. Шоир бо як дархост аз соқӣ доир ба ин, ки дар сарои тарабноки вазир май кашад ва боз бо як сухани дигар ба талаб гузаштааст. Талаби қасидаи ӯ аҷиб аст:

Шунидаам, ки зи ман ёд мекунӣ гаҳ-гаҳ,
Вале ба маҷлиси хоси худам намехонӣ.
Талаб намекунӣ аз ман сухан, ҷафо ин аст
В-агарна бо ту чи баҳс аст дар сухандонӣ.
Зи Ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард
Латоифи ҳикамӣ бо китоби курьонӣ.
Ҳазор сол бақо бахшадат мадоеҳи ман,
Чунин нафис мадоеҳ ба чун ту арзонӣ.
Сухан дароз кашидам, вале умедам ҳаст,
Ќи зайли авф бад-ин моҷаро бипӯшонӣ.

Шоир ба Қавомиддини Муҳаммад ишора кардааст, ки ӯро ёд кардан кам аст, ба маҷлиси хос хоста сӯҳбат кардан шоиста мебошад. Бояд вай аз шоир сухан талабад, зеро бақои умраш дар сухан аст. Дар охир ӯ аз дароз шудани сухан аз вазир авф пурсидааст.

Дар хотимаи қасида шоир мамдӯҳро дуо кардааст.

Чунон ки мебинем, қасидаи Ҳофиз фақат шаклан, яъне аз рӯи вазну қофия ба қасидаи Заҳир монанд аст. Ҳарчанд ки дар як ду маврид (дар қисмати мадҳ) ӯ мазмуни

ифода кардаи Заҳирро андаке дигархелтар баён кардааст, вале ин қасидаи вай ҳам аз аввал то охир асари нав аст ва мазмунан махсусан барҷаста мебошад.

Албатта, ба дигаргунии мазмуни ҳар ду қасида шароити таърихӣ бетаъсир намондааст. Ҳар ду қасида ҳам маҳсули ду давраи муайян ва маҳсули ду фикру ақидаи гуногун аст. Бинобар ин ҳатто дар сохти таркибии қасидаҳо низ дигаргунӣ мушоҳида мешавад. Чунончи, қисмати талаб, ки Ҳофиз дар қасидааш барҷаста овардааст, дар қасидаи Заҳир вуҷуд надорад.

Дар иншоди ташбиби қасида бошад Ҳофиз мисли ғазалҳояш амал намудааст. Вай онро танҳо аз баёни эҳсосоти ишқӣ иборат накарда дар он низ панду ҳикматро ҷой додааст ва ҳамин тарз мазмунан вайро аз ташбиби Заҳир боло бардоштааст.

Таъсири Заҳир ба Ҳоҷа дар ин маврид ҳам дар шакли гуфтор (дар вазну қофия ва қисман сохти таркибӣ) мушоҳида мешавад. Аз ҷиҳати мазмун бошад танҳо дар қисмати мадҳи қасида таъсири Заҳирро ба баёни Хоҷа дидан мумкин аст.

Сеюмин қасидаи ба ҷавоби қасидаи Заҳир гуфтаи Ҳофиз ба шайх Абуисҳоқ унвон шуда чилу чор байтро дар бар гирифтааст[12]. Матлаи он ин аст:

Сапедадам, ки ҳаво бӯи лутфи ҷон гирад,
Чаман зи лутфи ҳаво нукта бар ҷинон гирад.

Дар қасидаи Заҳир бошад Қизил Арслон мадҳ шудааст. Вай аз 37 байт таркиб ёфта[13] бо ин матлаъ оғоз шудааст:

Сапедадам чу ҳаво муждаи баҳор диҳад,
Дами ҳаво мадади нофаи татор диҳад.

Чунон ки мебинем, қасидаи ҷавобияи Ҳофиз дар вазн бо қасидаи Заҳир як бошад ҳам, қофияю радифи он тамоман дигар аст. Дар қасидаҳои ҷавобия чунин амал кардан мумкин аст.

Матлаи қасидаи Ҳофиз мазмунан ба матлаи Заҳир наздик шудааст. Ҳар ду байт ҳам бо калимаи «сапедадам» оғоз шуда, дар онҳо тасвири ҳавои форами субҳидам омадааст.

Дар чанд байти баъдина, ки насиби қасидаро ташкил додааст, Заҳир аз бӯи зулфи ёр, оби дида, май, лаҳву тараб, ҳусни марғзор, кароматй мурғони субҳхез, шукуфаи хуш, гулу ғунча, арғувон, аз ёри суманбӯ, аз чеҳраи лоларанги ӯ ва абри боранда ёд карда, як миқдор суханҳои дилкаш ба забон овардааст.

Ҳофиз ҳам дар ташбибаш тасвири назокату зарофатҳои субҳи баҳориро оварда, зимнан накҳати гул, навои чанг, гулу май, сабои хуш ва ғайраро хотиррас кардааст. Дар ду-се байт вай баъди тасвири гузаштани шабу баромадани офтоби заррин касро ба тамошою сайри базмгоҳи чаман таклиф кардааст. Дар ду-се байти дигар аз ғаму ҳасрати сипеҳр, накушодани рози дил сухан ронда, таъкид намудааст, ки «ҳар ки ба ифшои роз машғул шавад, замона чу миқроз дар миён мегирад». Ин фикри ӯ дуруст ва бомаънист.

Дар ҳар ду ташбиб ҳам аз олами воқеӣ ва зарофатҳои он сухан рафтааст ва аз ин ҷиҳат мавзӯи онҳо низ воқеист. Байтҳои ташбиби Заҳир бештар муаллақ садо медиҳанд, ташбиби Ҳофиз бошад пурмаънитар ва ширадортар менамояд.

Заҳир дар қасидааш баъди бо гурез ба мадҳ гузаштан ҳамон мадҳи мутантану муҷарради шоҳ Қизил Арслонро овардааст. Дар ин гуфтаҳои мадҳиявии ӯ ҳам мисли мадоеҳи қасидаҳои дидагузаштааш пурзӯрию бузургӣ, ханҷари обдор, бахшишу ҷуд, пирӯзии ҳамешагии ҳукуматдор васф гардида, гоҳо душмани вай сарзаниш шудааст. Ин мадоеҳ ҳам бо афкори дурпарвоз, муболиғаҳои гӯшнощунид сероб аст. Ҳатто баъзе муболиғаҳои ӯ бо вуҷуди казб будан аз ҷиҳати ҳусни зоҳирӣ ва баландӣ диққатҷалбкунандаанд. Чунончи ин байти ишора ба мамдӯҳ гуфташударо гирем:

> Риёзате бидеҳ ин чархи тундро, ки ба тавъ
> Инони ҳукм ба дасти ту шаҳриёр диҳад.

Ин қасидаи Заҳир низ мисли қасидаи пештараи ӯ бидуни талаб аст. Дар ду байти дуо вай барои мамдӯҳ пойдорӣ ва умри абад талабидааст.

Ҳофиз дар гурези қасидааш ёди соқии маҳрӯ ва паёму ҷоми ӯ карда, пас чун Заҳир то охири қасида аз мадҳи муҷарради мамдӯҳ сухан рондааст. Чунончи вай бузургию шуҷоат, караму пирӯзӣ, виқори мамдӯҳро таъриф карда, душ-

мани ӯро лаън намудааст. Дар байти хотима шоир ба мамдӯҳ пояндагӣ хостааст.

Ин ду қасида бо вуҷуди он ки дар ду шароити таърихӣ навишта шудаанд, аз ҷиҳати ритму тарзи ифода ба якдигар монанд мебошанд. Хоҷа ин ҷавобияашро ба он тарзе сурудааст, ки Заҳир низ як вақтҳо онро ҳамин хел гуфтааст. Аммо вай мазмунан асари нав аст ва дар ҳамаи абъёташ афкори гуногун ифода шудааст.

Ба ин тариқа, Ҳофизи Шерозӣ ҳарчанд се қасидаи мазкури худро ба ҷавоби қасоиди Заҳир навишта, аз гуфтаҳои ӯ таъсир гирифта шавқу завқ намудааст, вале ҷавобияҳояш тамоман наву тоза буда, устодона ва ҳунармандона навишта шудаанд. Хоҷа баъзан мазмунҳои ифода кардаи Заҳирро бо андаке дигаргунӣ такрор кардааст. Воқеияти ин ҳол дар асарҳои ҷавобия гоҳ-гоҳ мумкин аст.

Ҳофиз дар ҷавобияҳояш мувофиқи шароити таърихӣ ва эҳсосоти шоирӣ на танҳо мазмунҳои гуногунро ҷой дода баъзан аҳамияти ахлоқии онҳоро боло бардоштааст (дар қасидаи дуйӯм), балки дар шакли онҳо низ гоҳо тағьирот даровардааст.

Қасидаи дар боби «Ғазалиёт» омадаи Ҳофиз чунин оғоз шудааст.

Ҷавзо саҳар ниҳод ҳамоил баробарам,
Яъне ғуломи шоҳаму савганд мехӯрам.

Вай ба Мансур бинни Музаффар тақдим шудааст ва шоир дар он асосан аз ишқу меҳри шоҳ, аз сидқу садоқати худ сухан рондааст. Аз байтҳои ҷудогонаи қасида равшан мегардад, ки вай ҳангоми илтифоти шоҳ ба шоир навишта шудааст ва соҳибсухан ба ин тариқа миннатдорӣ ва шукри худро ба шоҳ фаҳмондааст. Масалан, ба ин байтҳо нигарем:

Соқӣ биё, ки аз мадади бахти корсоз
Қоме, ки хостам, зи худо шуд муяссарам...
Шукри худо, ки боз дар ин авҷи боргоҳ
Товуси арш мешунавад сийти шаҳпарам...
Бар ман фитод сояи хуршеди салтанат
В-акнун фароғат аст зи хуршеди ховарам.

Хоҷа дар қасида сидқи худро ба шоҳ ифода карда барои тасдиқи фикр як байти Қамол Исмоили Исфаҳониро иқтибос намудааст ва он ин аст:

**«Гар барканам дил аз тую бардорам аз ту меҳр,**
**Он меҳр бар кӣ афканам, он дил куҷо барам».**

Қасида оҳанги махсус дорад. Вай ба қисматҳо ҷудо намешавад ва аз аввал то охир бо як тартибу услуб давом кардааст.

[1] Ниг. Ҳофиз. Девон, ба эҳтимоми М. Қазвинӣ, 1320, муқаддима, саҳ. قيه، قيل

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. قيه

[3] Ниг. Ҳамон ҷо, саҳ. 224—226.
[4] Ҳамон ҷо, зернавишти саҳ. 224.
[5] Ниг. ба он, ҳамон ҷо, саҳ. 347.

[6] Ҳамон ҷо, саҳ. قيو، قيه

[7] Ба ин қасида нигаред: ҳамон ҷо, саҳ. قكو، قكب

[8] Ба ин қасидаи Заҳир нигаред. Куллиёт, Нувал Кишур 1890, саҳ. 68—69.
[9] Аз ишораи М. Қазвинӣ дар зернавишти девони чопӣ, ниг. муқаддима саҳ. قكب

[10] Ниг. ба он, ҳамон ҷо, саҳ. قكو، قكب
[11] Ниг. Заҳир. Куллиёти зикршуда, саҳ. 78—79.
[12] Ба ин қасидаи Хоҷа нигаред: Девони номбурда, муқаддима, саҳ. قكط، قكو
[13] Нигаред ба он: Заҳир, Куллиёти зикршуда, саҳ, 28—30.

## ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ

Ҳофиз дар ғазалиёти худ беҳтарин ва пурҳиссиёттарин манзараҳои табиатро офаридааст.

Таваҷҷӯҳ ба зебоиҳои табиат, саёҳат дар олами мунаққаши он, васфу тасвири рангу бӯи диловези вай дар эҷодиёти сухансароёни классикӣ ва эҷодиёти шуарои муосир бисьёр дучор мегарданд. Мутолиакунандаи ашъори Ҳофиз аз он абьёте, ки дар онҳо васфу таърифи манзараҳои табиат меравад, итминони қатъӣ ҳосил менамояд, ки шоири ширинзабон дар сурудани лавҳаҳои нақшин ва кашидани лаҳзаҳои рангини манзараҳои табиат дасти расо, қалами бурро дошта, мушоҳидачии дақиқ будааст.

Ба назари мо, ашъори Ҳофизро аз ҷиҳати тасвири мавзӯи табиат ва мақсаду усулҳои истифодаи он асосан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст.

1. Ғазалиёте, ки дар онҳо эҳсосоти амиқи лирикии шоир пурқувват буда, рӯҳи сабук, ҳиссиёти шодиовар, оҳангнокии мисраъҳо бештар зоҳир шудааст. Ба таври дигар гӯем, васфу сифати манзараи баҳорон, зебоию зинати вай, май, мутрибу маҳбуба, соқию шоҳид дар ин ғазалҳо дар мадди аввал меистанд.

2. Он шеърҳои Ҳофиз, ки дар онҳо тафаккури фалсафӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ, андешаҳои ахлоқию танқидии ӯ бештаранд ва манзараҳои табиат барои изҳори ин мавзӯъҳо чун воситаи муҳимме хизмат кардаанд.

Инак, бо хусусият ва характери ҷолиби диққати баъзе аз ғазалиёти ин ду қисм аз наздик шинос хоҳем шуд.

Яке аз хусусиятҳои тасвири табиат дар осори Ҳофиз ба назм даровардани сифатҳои дилкаши манзараҳои фасли баҳорон мебошад.

Илҳоми Ҳофизи баландэҳсос дар фазои олами хушнамуду дилангези баҳорон парвоз кардааст. Ӯ дар авсофи чунин манзараи пурнақши табиат шеърҳои пуробуранг ва самимӣ офарида тавонистааст. Вай фаро расидани баҳорро ниҳоят табиӣ, равшану саҳеҳ ва бообуранг сурудааст, ки гиреҳкушои ғамҳо ва зудояндаи занги дилҳо мебошанд. Ин байтҳо моро аз оғози баҳор хабар дода, бо дигаргунии олами хуфта шинос менамоянд:

Расид мужда, ки омад баҳору сабза дамид,
Вазифа гар бирасад, масрифаш гул асту набид.
Сафири мурғ баромад, бати шароб куҷост?
Фиғон фитод ба булбул, ниқоби гул кӣ кашид?
Зи рӯи соқии маҳваш гуле бичин имрӯз,
Қи гирди оразн бӯстон хати бунафша дамид...

Дар ғазали дигар шоир хурсандӣ кардааст, ки фаро расидани боз як баҳори тоза ба вай насиб шудааст ва бо шодиёнаи ин айём дар вай талабе пайдо шудааст: кори ба оммa фоиданокеро ба анҷом расонад:

Шукри онро, ки дигар бозрасидӣ ба баҳор,
Бехи некӣ бинишону раҳи таҳқиқ биҷӯй.

Мардуми меҳнатӣ, аҳли илму адаб дар замони феодалӣ хеле кам хурсанду хушбахт мешуданд. Дар зиндагӣ ба онҳо фақат саҳни бӯстону чамани табиат, вақти гул, яъне табиати соҳири баҳорон хурсандии ҳақиқӣ мебахшид.

Ҳофизи нозукадо ин ҳақиқати таърихро хуб пай бурда, дар ғазале равшану саҳеҳ ифода кардааст. Дар ғазали зер тасвири зебоиҳои бӯстону неъматҳои баҳор ба ғояи шоир тобеъ гардидаанд. Ӯ саҳни бӯстонро завқбахш, сӯҳбати ёрро хуш мепиндорад, зеро ки «дар бозори даҳр аз хушдилӣ ҷуз ном надидааст»:

Саҳни бӯстон завқбахшу сӯҳбати ёрон хуш аст,
Вақти гул хуш бод, к-аз вай вақти майхорон хуш аст...
Гарчи дар бозори даҳр аз хушдилӣ ҷуз ном нест,
Шеваи риндию хушбошии айёрон хуш аст.

Ҳофизи зиндадил барои лаҳзае осудан аз даврони пурталотуми онвақта дар талаби сӯҳбати ёру сайри боғу ба-

ҳор будааст. Ӯ ғанимат донистани чунин лаҳзаҳои нотакрори умрро дӯстона маслиҳат медиҳад. Шоир маънии «оби зиндагию равзаи Ирам»-ро дар лаби ҷӯйбору маи хушгувор дидааст:

Хуштар зи айшу сӯҳбати боғу баҳор чист?
Соқӣ куҷост, гӯ, сабаби интизор чист?
Маънии оби зиндагию равзаи Ирам,
Ҷуз тарфи ҷӯйбору маи хушгувор чист?..

Дар ин порча, мақсади соҳибсухан изҳори эҳсосоти дили аз табиату лавҳаҳои баҳорон ба шӯру шавқ омада мебошад.

Дар эҷодиёти Ҳофиз абьёте кам нестанд, ки аз расидани наврӯз мужда надиҳанд:

Абри озорӣ баромад, боди наврӯзӣ вазид,
Ваҷҳи май меҳоҳаму мутриб, ки мегӯяд расид...

Дар байти дигаре беҳтар истифода кардани давраи зудгузари наврӯзӣ қайд шудааст:

Сухан дар парда мегӯям чу гул аз парда берун ой,
Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири наврӯзӣ...

Дар баҳорияҳои Ҳофиз байтҳое мавҷуданд, ки аз хусуси сабзиши гулу лола, ороиши боғу чаман баҳс кардаанд. Албатта, вақти васф кардани баҳор пеш аз ҳама гулу лолаи зебо, савсану наргиси хушранг, ки машшотаи боғу бӯстону чамани табиатанд, беихтиёр манзур мегарданд:

Кунун, ки дар чаман омад гул аз адам ба вуҷуд,
Бунафша дар қадами ӯ ниҳод сар ба суҷуд.
Ба боғ тоза кун оини дини зардуштӣ,
Кунун, ки лола барафрӯхт оташи Намруд.
Ҷаҳон чу хулди барин шуд ба даври савсану гул,
Вале чӣ суд, ки дар вай на мумкин аст хулуд.
Шуд аз фурӯғи раёҳин чу осмон гулшан,
Зи юмни ахтари маймуну толеи масъуд.

Бо хондани ин ғазал кас хаёлан лаҳзае дар саҳрои сабзпӯш ва доманаи марғзори хуш саёҳат мекунад. Ин порча як

низоми хосе дорад, яъне дар он аз рӯидани гулу дамидани лола сар карда, тағьирот, инкишоф ва аломатҳои зоҳирии минбаъдаи онҳо тасвир шудааст.

Дар шеър тасвирҳо, ташбеҳҳо таъсирбахш ва хубу рангинанд.

Тасвири предмет ва зебоиҳои табиат бо тасвири маъшуқаю май вобастагии қавӣ дорад ва онҳоро бе якдигар тасаввур кадан маҳол аст ва инак ба ин маънӣ мехонем:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи чаману ҳавои бӯстон
Бе лолаузор хуш набошад.
Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад.
Боғу гулу мул хуш аст, лекин
Бе сӯҳбати ёр хуш набошад.

Оҳанги форам, шеваи хос, шодию ҳаяҷон ва эҳсосоти чуқур шеърро махсусан дилчасп кардаанд. Дили қаҳрамони лирикӣ беғам ва табъаш равшан аст ва ба зебоиҳои ҳаёт назари некбинона дорад. Ғазал ба кас завқи эстетикӣ ва зебоидӯстӣ илқо мекунад.

Ҳофиз бештар аз гузашти даври гул — баҳор дар изтиробу ташвиш мешудааст. Бинобар ин азиз будани вақти гул—баҳорро изҳор сохтааст. Аз рӯи ақидаи ӯ мавсими баҳор — даврони хушҳолӣ мегузараду меравад, пас фурсатро аз даст надода аз он баҳравар шудан фоидаовар аст:

Гул азиз аст, ғанимат шумаредаш сӯҳбат,
Қи ба боғ омад аз ин роҳу аз он хоҳад шуд.

Ҳамин маънӣ яке аз оҳангҳои асосии ғазалҳои Ҳофиз мебошад.

Дар баҳорияҳои Ҳофиз тасвири боди сабо, насими субҳ омадааст. Мо ин ҷо боди саборо баъзан ҳамрози маҳбуба, дӯсти ошиқ ва баъзан қосиди беғараз мебинем. Устод онро гоҳо ҳамчун неъмати гуворои табиат низ зеби рақам кардааст. Масалан:

Эй бод, агар ба гулшани аҳбоб бигзарӣ,
Зинҳор арза деҳ бари ҷонон паёми мо.

Дар як ғазал бо насими пагоҳӣ ин гуна сӯҳбату суол рафтааст:

Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост?
Манзили он маҳи ошиқкуши айёр куҷост?
Бодаву мутрибу гул ҷумла муҳайёст, вале
Айш бе ёр муҳайё нашавад, ёр куҷост?

Зебу ороишдиҳандаи табиат, қадрраси ин зебоиҳо фақат инсон, дӯст ва маҳбуб аст. Дар назари шоир бе дӯст ва рафиқ ҷаҳон бо тамоми латофати худ маъное надорад. Бинобар ин ӯ ба инсон рӯ овардааст, вайро ҷуё шудааст.

Ҳолати дигаре, ки дар ғазалиёти ба тасвири табиат эҷод кардаи Ҳофиз ба назар мерасад, пейзаж, манзараи субҳ, саҳар ва сафои рӯҳнавози онҳост. Масалан, дар тасвири манзараи саҳарӣ диққати шоирро тулӯи хуршеди ҷаҳонтоб ба худ кашидааст.

Ӯ ин лаҳзаро бадеӣ ва образнок ба риштаи назм овардааст:

Ба рағми зоғи сияҳ шоҳбози сидранишин,
Дар ин муқарнаси зангорӣ ошьён гирад.
Шаҳи сипеҳр чу зарринписар кашад бар дӯш,
Ба теғи субҳу амуди уфуқ ҷаҳон гирад...

Қайд намудан лозим аст, ки дар назми диловези Ҳофиз ба ҷуз васфи манзараи фасли баҳорон ва ҳусну зиёи он, тасвири дигар фаслҳои солро қариб пайдо намекунем. Ва ин маълум аст. Тасвири табиати баҳор дар адабиёти пешинаи мо як андоза маъмул буд ва шоирон аксар бо ин роҳ фикру ақидаҳои оптимистӣ ва муассиркунандаи худро пеш меронданд.

Дар ҷамъияти бефурӯғи онрӯза ҷангу ҷадал, хавфу халал ҳукмрон буд ва Ҳофиз аз сохту моҳияти ин сон даврону давлат дар ранҷ буд. Ӯ чунон ки дар табиат аст дар ҳаёти иҷтимоӣ низ баҳори хуррамию шодӣ орзӯ кардааст.

Масалан, дар ғазали поён аз гузашти фасли дай—зимистон, охир шудани шаби фироқ изҳори хурсандӣ карда, бо

чеҳраи кушод ва рӯҳи озод баҳори хандонро истиқбол намудааст:

Рӯзи ҳиҷрону шаби фурқати ёр охир шуд,
Задам ин фолу гузашт ахтару кор охир шуд.
Он ҳама нозу танаъум, ки хазон мефармуд,
Оқибат дар қадами боди баҳор охир шуд.
Шукри эзид, ки ба иқболи кулаҳгӯшаи гул,
Нихвати боди даю шавкати хор охир шуд...

Ҳомиёни дин дӯст доштани табиат, ғизои маънавӣ гирифтан аз зебоиҳои вай, зиндадилӣ ва ҳаётдӯстиро нораво дониста, бо ҳар роҳу усул неъматҳои биҳишт, ҳавзи кавсару равзаи ризвони мавҳум ва насьяи он ва роҳату фароғати ваъда карда шудаи «он дуньё»-ро таблиғу тарғиб мекарданд.

Дар чунин шароити номусоид ва авҷи таассуб тасвиру ташвиқи фазилатҳои баҳор, ҳусну зебоии табиат, боғу бӯстони воқеӣ таърифи маю майгусорӣ ва тарғиби ҳаётпарастӣ дар осори шуарои равшанзамири классикӣ, аз ҷумла, Ҳофизи ринд ба муқобили ин тарғибот эътирози пурқуввате буд:

Қунун, ки медамад аз бӯстон насими биҳишт,
Ману шароби фараҳбахшу ёри хурсиришт.
Чаман ҳикояти урдибиҳишт мегӯяд,
На оқил аст, ки насья хариду нақд биҳишт.

Қаҳрамони ғазал ба рӯзию бахшоиши «он дуньё» парво надорад, барояш аз бӯстони воқеӣ насими биҳишт меояд, ёри реалиаш ҳурсиришту макони дӯстдоштааш чамани конкрети баҳорист. Бинобар он ӯ ҳамин мояи нақд, имконияти реалиро ба ваъдаю ҳадьяҳои абстракту номаълум ҳеҷ гоҳ иваз нахоҳад кард.

Ин гуна идеяи пешқадам, афкори эътирозомези шоир аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад.

Ҳофиз сӯфиёнро ба «гул чидану» зӯҳди хушкро ба маи хушгувор иваз кардан, даъват намудааст. Ин даъвати дӯстдории хушиҳои оламиҳ моддӣ мебошад. Худи ҳамин навъ талқин сӯфиёну зоҳидонро дар изтироб мегузошт:

Сӯфӣ гуле бичину муракқаъ ба хор бахш!
В-ин зӯҳди хушкро ба маи хушгувор бахш!

Ғайр аз ин, Ҳофиз дар чандин ҷои ғазалиёташ аз баҳори тавбашикан ва аз тавба шикастан гап мезанад.

Бинобар ин, баҳору вақти гулро тавбашикан эълон кардани Ҳофиз дили ҳаётдӯст, некбин ва соҳиби завқи баланди эстетикӣ будани ӯро аниқу равшантар менамояд. Абьёти зерин ин фикрро равшан хоҳад сохт:

Ба азми тавба саҳар, гуфтам истихора кунам,
Баҳори тавбашикан мерасад, чӣ чора кунам?

Ё худ

Ба вақти гул, худоро тавба бишкан,
Ки аҳди гул надорад устуворӣ.

Ҳофизи некхоҳ дар як ғазали машҳур идеали баланд ва орзуи наҷиби худро ба ғоят оличаноб ба қалам овардааст. Дар аввал ӯ аз рӯзгори сифлапарвар шиква карда, ҳаёти онрӯзаро ба заҳри талх ташбеҳ додааст. Садои ӯ аз абьёти нахусти шеър хеле ҳазину малул шунида шавад ҳам, дар мисраъҳои баъдина рӯҳияаш тағьир ёфта, қалби ҳассосашро навиди рӯзи саид,ояндаи нек лабрез сохтааст, дар тасаввуроташ шакли оламе беғаши бошукӯҳ сурат гирифтааст. Назари суханвар ба дуриҳо дӯхта шуда, овозаш самимӣ ва қатъитар садо додааст. Вай ҳангоми эҷоди ин мисраъҳо ҳамоно аз боғи сабз, гули сурх ва ҳам булбули ошиқ, яъне худи шоир, ки толиби ин сарсабзиҳо (ҳаёти фирӯзи оянда) аст, сухан мегӯяд:

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд.
Булбули ошиқ ту умр хоҳ, ки охир,
Боғ шавад сабзу сурхгул ба дар ояд.

Ҳофизи хушлаҳҷа «муқайяди диёру ёр» буда, дар як силсила байтҳояш обу ҳавои форам ва файзу фазилатҳои табиати зодгоҳашро бо камоли иштиёқ сароидааст. Ӯ диёри зебои Шероз, насими навозишкори онро парастидааст. Масалан, дар байте гуфтааст:

Шерозу оби Рукниву он боди хушнасим,
Айбам макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст.

Ҳофиз шоирест, ки зиндагиро дӯст медорад, аз гуворонии ҳаёти воқеӣ, табиату кишвари реалӣ баҳра мебарад. Чунин байти баландмазмуни машҳури ӯро, ки канору соҳили оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро аз ишрату тамошои «ҷаннат» афзалтар донистааст, ба хотир меоварем:

Бидеҳ соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат наҳоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро...

Дар ин байт нуктаи характернок он аст, ки Ҳофиз дӯстдорӣ ва дилбастагиашро ба табиати назаррабои ватани худ арзадошт намудааст. Бори дигар аз ин шеър муносибати шоистаи Ҳофиз бо олами моддӣ ва зебоиҳои табиат намоён мешавад.

Тасвири таровату ҷилваҳои фасли баҳору предметҳои табиатро дар маснавӣ, соқинома, ташбиби қасида ва рубоиёти Ҳофиз низ дучор мекунем.

Аз ҷумла, дар рубоии зайл ду манзараи таззоди барҷастаи табиати баҳор — бориши абру хандаи гулро равшан тасаввур метавон кард, ки ба ғоят нозук иншо шудааст:

Бингар ба чаман ҷамоли фархундаи гул,
Гаҳ гирьяи абр бину гаҳ хандаи гул.
Сарв арчи ба озодии худ меназад,
Аз ростие, ки дошт, шуд бандаи гул.

Ҳамин тариқа, Ҳофизи некназар дар ғазалиёти дилошӯби худ ҳамчун мусаввири табиати рангоранг, фасли зебои баҳорон, давраи гулу лола, айёми наврӯз, манзараи сапедадами босафою рӯзи мунаввар, боди сабои хушу насими форам, вассофи зебоиҳои кишвару сарзамини хеш баромад кардааст. Ашъори дар ин мавзӯъҳо гуфтаи ӯ бо нозуктарин таъбироти шеърӣ ва зеботарин ифодаҳои бадеӣ тасвир ёфта, ниҳоят пуробуранг, гӯшнавозу хуштаровват мебошанд ва ҳиссиёти ӯ ба тарзи хеле нозук инъикос ёфтаанд.

Аксар вақт тасвири фасли баҳорон ва предметҳои дар ин аҳд меруида, хусусияту характери рамзӣ гирифта, ба Ҳофиз имконият додаанд, ки ақидаҳои иҷтимоӣ, риндӣ ва ахлоқи-

ашро устодона ифода намояд. Инчунин ,шоир аз манзараю предметҳои табиати саховатманд ҳамчун сарчашмаи воситаҳои тасвири бадей, моҳирона фоида бурда, байтҳои безаволи худро офаридааст.

Хулоса, табиат дар офаридани тасвирҳои бадеии зебо ва маънию мазмунҳои наву нотакрори ашъори Ҳофиз роли муҳимме бозидааст.

---

## АСИРИДДИНИ АХСИКАТӢ ВА ҲОФИЗ

Дар таърихи адабиёти классикӣ яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсир ва робитаи эҷодии байни ҳамдигарии шоирон тазмин ва татаббӯи ашъори ҳамдигар буд.

Тазмин ва татаббӯъ ба назми шоири гузашта ва муосир аз ҷиҳати мазмун ё аз тарафи шакли бадеӣ пайравӣ намудан аст. Бузургтарин шоирони ҳар аср ҳам аз шеърҳои ҷудогонаи суханварони муосир ё гузаштаи худ илҳом гирифтаанд ва дар тазмину пайравии онҳо ғазалу қасидаҳо сурудаанд. Масалан, ба як шеъри Абу Абдулло Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» аз шоирони асри XI сар карда, то шоирони давраи Советӣ аз қабили Муиззӣ, Адиб Собир, Ҳофиз, Пайрав Сулаймонӣ ва монанди инҳо назираҳо гуфтаанд.

Дар асри XII, яъне дар замони инкишофи қасида татаббӯъ ва тазмин боз ҳам зиёдтар тавсиа пайдо кард.

Бузургтарин шоирони ин аср ва асрҳои оянда монанди Анварӣ ва Заҳири Форьёбӣ, Хоқонӣ ва Сайфи Исфарангӣ, Мухтории Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ, Қамолиддини Исфаҳонӣ ва Хоҷа Ҳофиз ва ғайра ба қасида ва тағаззулоти ҳамдигар ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати санъати сухан татаббӯъ мекарданд. Масалан, ба як қасидаи машҳури Хоқонии Шервонӣ, ки матлааш ин аст:

**Дили ман пири таълим асту ман тифли забондонаш**
Дами таслим сари ашру сари зону дабистонаш...

бино ба гуфтаи Е. Э. Бертельс зиёда аз 15 нафар шоирони муосиру мутааххир назира ва татаббӯъ кардаанд[1].

Дар асрҳои XI—XII ғазал ҳанӯз дар пояи ташаккул бошад ҳам, дар байни шоирони ғазалсарои ин давр мо тазмин, татаббӯъ ва назираро мушоҳида менамоем.

Барои равшан шудани масъала мо аввало мехоҳем барои мисол татаббӯот ва тазминотро байни Ахсикатӣ ва шоирони муосиру гузашта нишон диҳем.

Асириддини Ахсикатӣ яке аз шоирони забардасти асри XII буда, қасидаву ғазал, ба шеърҳои шоирони гузашта ва муосираш ба мисли Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Қатрон, Саной, Мухтори Ғазнавӣ, Анварӣ, Муҷири Байлақонӣ, Ашҳарӣ, Рашиди Ватвот, Хоқонӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ва монанди инҳо чӣ аз ҷиҳати мазмун ва тарзи баён пайравӣ кардааст. Барои мисол мо аз тазмину татаббӯоти Асири Ахсикатӣ бар ашъори Манучеҳрии Домғонӣ (вафоташ 1051), Анварӣ (ваф. 1185) ва Хоқонӣ матлае чанд ин ҷо зикр мекунем:

Манучеҳрӣ:

> Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
> Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст...[2]

Ахсикатӣ:

> Хезеду май оред, ки ҳангоми баҳор аст,
> Рухсори арӯсони чаман ҳамчу нигор аст...[3]

Анварӣ:

> Қорам зи ғамат ба ҷон расидаст,
> Фарьёд бар осмон расидаст...[4]

Ахсикатӣ:

> Қори ситамат ба ҷон расидаст,
> Ин корд ба устухон расидаст...[5]

Хоқонӣ:

> Хирад харитакаши хомаи банони ман аст,
> Сухан ҷанибае бар хотири баёни ман аст...[6]

Ахсикатӣ:

Гиреҳкушои сухан хомаи тавони ман аст,
Хизонадори равон хотири равони ман аст[7].

Ахсикатӣ баъзе қасидаву ғазалиёти худашро дар татаббӯи шоирони гузаштаю муосир навишта бошад ҳам, аммо ҳаргиз муқаллиди маҳзи ашъори гузаштагон набуд, балки ӯ дар олами назми форс-тоҷик сабку услуби хоссае дошт ва ҳамин анъанаи назирагӯӣ ва татаббӯъро бо як ҳунармандию эҷодкорӣ такмилу ривоҷ додааст. Дар қасидаю ғазалҳояш бештар дар татаббӯи шоирони бузург гуфтани Ахсикатӣ маҳз барои нишон додани ҳунари худ будааст, на аз тақлид ва пайравӣ. Чунон ки Р. Ҳодизода қайд менамояд, «дар татаббӯи шоирони бузург сухан гуфтан дар адабиётшиносии мо беҳунарӣ не, балки ҳунар ва ҷасорати бузурги шоир шумурда мешуд»[8]. Пас маълум мешавад, ки роҳи татаббӯот роҳи тақлид ё назирасароии маҳз набуда, балки як воситае будааст, ки дар он симои мустақили эҷодии шоир нигоҳ дошта мешудааст.

Ҳамин тариқа мо дар боло дидем, ки Ахсикатӣ барои нишон додани маҳорати худ ба ашъори шоирони барҷастаи муосиру гузашта татаббӯъ карда, аз ӯҳдаи он ба хубӣ баромадааст. Инак, модоме ки ин тавр аст дидан лозим, ки Ахсикатӣ бо эҷодиёти худ ба шоирони асрҳои минбаъда чӣ таъсири адабӣ расонида тавонистааст ва ба ашъори ӯ шоирони баъдина ҳусну таваҷҷӯҳ пайдо кардаанд ё не?

Чунон ки аз факту мисолҳо маълум мешавад, ба қасидаву ғазалиёти Ахсикатӣ шоирони барҷаста ва бузурги асрҳои оянда ба мисли Муҷири Байлақонӣ (XII), Ҷамолиддини Исфаҳонӣ (XII), Камолиддини Исфаҳонӣ (XII—XIII), Саъдӣ (XIII), Салмони Соваҷӣ (XIV), Ҳофизи Шерозӣ (XIV) татаббӯъ кардаанд.

Аз мазмуни ашъори Ҳофиз маълум мегардад, ки ӯ дар ғазалу қасида ба шоирони гузашта аз қабили Рӯдакӣ, Умари Хайём, Камолиддини Исфаҳонӣ, Заҳири Форьёбӣ, Анварӣ, Саъдӣ ва ғайра таваҷҷӯҳи зиёде дошта, баъзе мисраю байтҳои онҳоро ҳамчун тазмин дар ғазалҳояш ба кор бурдааст.

Ҳамчунин ҳангоми мутолиа ва муқоисаи ашъори Ҳофиз ва Асир маълум шуд, ки осори Асириддини Ахсикатӣ ба эҷодиёти Ҳофиз бетаъсир набудааст ва Ҳофиз дар пайравии Ахсикатӣ як ду ғазал гуфтааст. Ин бесабаб нест. Зеро дар

дебочаи нусхаи девони хаттии Ахсикатӣ ки соли 713 ҳ. (1313 м) китобат шудааст, гуфта мешавад, ки девони комили ӯ дар замони Ҳофиз мавриди истифодаи аҳли адаб будааст[9].

Барои мисол ин ҷо аз Асир ва Ҳофиз ду ғазал дарҷ менамоем, ки яқинан ғазали Ҳофиз (ҳарчанд ишора нашудааст) дар пайравии ғазали Асир гуфта шудааст. Ин ду ғазал дар мазмуни иҷтимоӣ ва шикваю надоматӣ гуфта шудаанд.

Ахсикатӣ:

**Вақт биёяд, ки даври ғам ба сар ояд,**
**Субҳи висол аз шаби уммед барояд.**
Умри азиз аз сар видоъ барорад,
**Он ду-се рӯзи фироқ ҳам басар ояд.**
**Бар дари ин сахт хуфта сабр кунам сабр,**
**Охир агар мурда нест ҳам ба дар ояд.**
Бози ман акнун, ки дар гурезгаҳ афтод,
**Мурғдилӣ шарт нест то ба сар ояд.**
Ҳаст зи айём як назар тамъам бас,
В-ин қадар айёмро чӣ дар назар ояд.
Сахт бияфтодам аз замона, чӣ гӯям?
Ман наям он кас ки бо замона барояд.
**Умру мурод эй азиз, ҳар ду азизанд,**
Ин бидеҳ ар боядат, к-аз-он хабар ояд.
**Тири бало, к-аз камони ҳодиса биҷҳад,**
Пӯст надорад магар ки бар ҷигар ояд![10]

Ҳофиз

***

Бар сари онам, ки гар зи даст барояд,
Даст ба коре занам, ки ғусса сар ояд
Манзили дил нест ҷои сӯҳбати ағьёр,
Дев чу берун равад фаришта дарояд.
Сӯҳбати ҳукком зулмати шаби ялдост,
**Нур зи хуршед хоҳ бӯ ки барояд.**
**Бар дари арбоби бемурувввати дуньё**
**Чанд нишинӣ, ки хоҳа кай ба дар ояд.**
Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
**Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд.**

Солеҳу толеҳ матоъи хеш намуданд,
То ки қабул афтаду чӣ дар назар ояд,
Булбули ошиқ ту умр хоҳ, ки охир
Боғ шавад сабзу сурх гул ба дар ояд.
Сабру зафар ҳар ду дӯстони қадиманд,
Бар сари сабр навбати зафар ояд.
Ғафлати Ҳофиз дар ин сароча аҷаб нест,
Ҳар ки ба майхона рафт, бехабар ояд[11].

Муносибати ин ду ғазал дар байни худ чунин аст:

1) Ҳофиз дар татаббуоти худ бар ғазали Ахсикатӣ ин ҷо бештар ба мазмун ва шакли шеър пайравӣ намудааст. Чи тавре ки аён аст ин ҷо мазмун такрор шудааст. Мазмун ва ғояи асосии ин ду ғазал боварӣ кардан баояндаи нек ва расидани мазлумон ба рӯзгори чун шакар аст. Ҳар ду шоир ҳам аҳволи рӯҳияи вазнини худ ва халқи замонро шарҳ дода истода дар айни замон худ ва дигаронро тасаллӣ медиҳанд ва аз омадани ҳаёти хуррам, висоли дӯст, шаби умед, расидани субҳи озодӣ ва аз сар бартараф шудани ғамҳои абадиро боварибахш талқину васф намудаанд.

2) Ин ду ғазал аз ҷиҳати ҳаҷм гуногун бошанд ҳам, ваз-нашон як аст.

3) Ғазали Ахсикатӣ тахаллус надорад ва ба назари кас чунин менамояд, ки фикр нотамом мондааст, гӯё хулосаро тақозо мекунад. Дар Ҳофиз бошад, хулосаи фикр ва ҳусни тахаллус мавҷуд аст.

4) Ҳофиз монанди Ахсикатӣ санъати ирсолу масалро интихоб кардааст, яъне аксарияти байтҳои ҳар ду шоир ҳамчун зарбулмасал садо медиҳанд.

5) Дар масъалаи қофияю радиф низ Ҳофиз ба ғазали Ахсикатӣ пайравӣ карда, қофияҳои (назар ояд, сарояд, барояд, ба дар ояд, ба бар ояд, хабар ояд)-ро такрор кардааст.

6) Оид ба масъалаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва фароҳам овардани ибораҳою таркибҳо ҳам дар байни ин ду ғазалҳои шоирон умумияти томе дида мешавад.

7) Ҳофиз нисбат ба Ахсикатӣ дар байтҳои севӯм ва панҷӯми ғазали худ фикрҳои баландтари иҷтимоию андешаҳои инсониро равшану ошкоро баён мекунад ва аз ҷиҳати забон рехтаву суфта ба қалам медиҳад. Дар ғазали Ахсикатӣ бошад, ин хел муҳокимарониҳои мукаммали мантиқӣ, ошкорогӯӣ камтар дида мешавад. Албатта ин ба таърихи

инкишофи ғазал зич вобастааст.

Аммо нашири Девони чопии Асириддини Ахсикатӣ Рукниддин Ҳумоюнфаррух аз мутолиаи ашъори Ахсикатӣ ба вачд омада, дар сарсухани девони мазкур оид ба муштарак будани ғазалиёти Ҳофиз бо ғазалиёти Ахсикатӣ ишорате кардааст.

Ӯ чанде аз намунаҳои байтҳою мисраҳои оид ба луғату таркиб, мавзӯъ ва услуб монанд будаи ин ду шоирро оварда, таҳлил намудааст, ки чунин аст:

Ахсикатӣ:

Ман ба ту моилу ту худ ҳар нафас малултар,
Ваҳ ки ҳичил намешавад майли ман аз малоли ту.[12]

Ҳофиз:

Ман, ки малул гаштаме аз нафаси фариштагон
Қолу мақоли оламӣ мешавам аз барои ту.[13]

Ахсикатӣ:

Сад беҳ ниюши васл ба як рамзи сар ба мӯҳр,
Аз даст дил барораму дар даст ҷон ниҳам.[14]

Ҳофиз:

Тарсам, ки ашк дар ғами мо пардадар шавад,
В-ин рози сар ба мӯҳр ба олам самар шавад.[15]

Ахсикатӣ:

Гар маро дӯст надорад чу ман ӯро чӣ аҷаб,
Чарх бо аҳли хунар дӯст нагардад харгиз.

Ҳофиз:

Фалак бо мардуми нодон диҳад зимоми мурод[16].
Ту аҳли донишу фазлӣ ҳамин гуноҳат бас.[17]

Ахсикатӣ:

Эй аз бари ман нарафта меҳри ту, маро
Бо шир фурӯ шудаст, ҷон биравад.[18]

Ҳофиз:

Ишқи ту дар вуҷудаму меҳри ту дар дилам
Бо шир андарун шуду бо ҷон бадар шавад[19]

Ахсикатӣ:

Дар боғи амал ишқи ту подоши аҷал шуд,
Ҳар кас даравад, ҳарчи дар он ҷо, ки бикорад[20].

Ҳофиз:

Ман агар некам, агар бад ту бирав худро бош
Ҳар касе он даравад, оқибати кор кӣ кишт[21].

Ба гуфти Ҳумоюнфаррух: «Хоҷа ба осори Асир таваҷҷӯҳ доштааст ва ихтисосоте аз сабки Асир, ки гуфтем ҳамон ихтисосҳо рамзи шириниии баёни Асир аст, ки Хоҷа низ аз он бархурдор аст, баён кардем... Ихтисосҳои дигаре ҳам доранд ва он истеъмоли бархе луғот ва таркибот ва истилоҳоти махсус аст. Ва гузашта аз ин ки савт ва оҳанги баёни онҳо яке аст, луғот ва истилоҳоти хоси онҳо ҳам яксон аст. Аз назари таркиби калом ва ҷумлабандӣ ва истеъмоли луғоти хос ва талфиқи онҳо ва интихоби авзони арӯзӣ ва мафоили махсуси зарбӣ ва балоғат ва фасоҳат — таъбир ва истиора — ташбеҳ ва мазомин яке аст... Ва ман идда мекунам, ки Хоҷа дар ин равиш пайрави мактаби Асир аст ва комилан ба осори Асир таваҷҷӯҳ доштааст»[22].

Албатта ин фикри Ҳумоюнфаррух дар ҳаққи Ахсикатӣ нисбат ба ғазалиёти Ҳофиз муболиғаи маҳз аст. Зеро бо ин мисолҳо ва бо ин мулоҳизаҳои умумӣ Ҳофизро комилан пайраву мӯътақиди мактаби адабии Асир ҳисоб кардан муҳол ва ҳатто номумкин аст.

Вақте ки Ҳумоюнфаррух таркибу ибораҳо ва масалу мавзӯъҳои муштараки мисли «рамзи сар ба мӯҳр», «аз сари кӯи ту бархост», «бо шир фурӯ шудааст бо ҷон бадар шавад», «ҳар кас даравад ҳарчи дар он ҷо ки бикорад»-и Ахсикатиро дар ғазалиёти Ҳофиз пай бурда, ӯро саросар пайра-

ви мактаби Асир аст мегӯяд, ба фикри ӯ ҳамроҳ шуда наметавонем, чунки мо ин ибораю таркибот ва масалҳоро дар эҷодиёти шоирони гузаштаю муосир ва минбаъдаи Ахсикатӣ мушоҳида менамоем. Асли ин мақолу таркибҳо эҷоди халқ буда, онро шоирон бо шаклҳои гуногун бо мароми худ сайқал дода истифода кардаанд. Бинобар ин мушоҳидаи яктарафаи муҳаққиқ ҳаргиз моро боварӣ карда наметавонад, ки **эҷодиёти Ҳофиз бо ғазалиёти Ахсикатӣ як ва монанд бошад.** Ба фикри мо дар эҷодиёти ин ду шоир фақат баъзе монандиҳо ҳаст, ки ин ҳолат дар девони шоирони дигар ҳам дида мешавад. Ғайр аз ин Ҳофиз дар ашъораш аз Ахсикатӣ ном ҳам набурдааст. Ҳангоми муқоисаи ин ду девони ашъори шоирон ба ҷуз як ё ду ғазал, ки мо онро дар боло овардa (ва Ҳумоюнфаррух ба он ҳам ишорае надорад) таҳлил карда будем, дигар ягон намунае нест, ки ба талаботи татаббӯоту тазмин ҷавоб диҳад.

Дуруст аст, ки Ҳофиз бо эҷодиёти саромадони гузашта хеле хуб шинос буд ва аз эҷодиёти онҳо таъсир ва илҳоми бузурге гирифта асарҳои барҷастае эҷод кардааст. Вале на ба он дараҷае, ки Ҳумоюнфаррух **иддао** мекунад.

Ҳофиз ба ин саромадони гузашта таваҷҷӯҳ дошта бошад ҳам, вале ӯ асосан ба шоирони замони худ Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Имоди Қирмонӣ, Убайди Зоконӣ робитаи адабӣ дар шакли татаббӯот ва тазминот дошт ва онҳо ба ғазалҳои якдигар татаббӯъ мекарданд. Аз ин рӯ Ҳофиз бо ин саромадони назм робитаи адабӣ доштани худро аз рӯи садоқат ва муҳаббат борҳо ёдоварӣ намудааст.

> Устоди ғазал Саъдист пеши ҳама кас, аммо
> Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.

Ё ки:

> **Саромади фузалои замона донӣ, кист?**
> **Ҷамоли миллату дин хоҷаи ҷаҳон Салмон.**

Ҳамин тариқа, бузургтарин гӯяндаи назми форсӣ-тоҷикӣ Хоҷа Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ дар равиши ғазалсароӣ ҳаргиз пайрави мактаби Асириддини Ахсикатӣ ва дигарон набуд ва ин иддаои Ҳумоюнфаррух беасос аст.

Бидуни ин Ҳофиз аз ӯҳдаи равиши татаббӯот ва тазминоти шоирони мазкур бараъло баромада, дар ғазалсароӣ

худ мактаби хосе ба вуҷуд овард, ки дигарон ба ин поя кам расида тавонистаанд.

Хулоса, маълум шуд, ки анъанаи татаббӯот ва тазминот дар таърихи адабиёти классикиамон дар ҳар давру замон ҳамчун равиши махсуси шеъру адаб мавҷуду маъмул будааст ва Ахсикатӣ баробари ғазалҳои оригиналӣ гуфтан, анъанаҳои беҳтарини назми шоирони гузаштаю муосирро инкишоф дода ба шоирони асрҳои минбаъда низ таъсири адабие расонида будааст.

Ин шоҳиди он аст, ки назми оламгири Ҳофизи бузург ҳам давом ва инкишофи аълои ҳамон анъанаҳои беҳтарини назми шуарои гузашта будааст ва Ҳофиз онро бо машраби пурҷӯши шоирона, завқи саршор, ҳиради даррок ва эҳсосоти латифи худ ба пояҳои боз ҳам баландтаре бардоштааст.

---

[1] Е. Э. Бертельс Джами, эпоха, жизнь, творчество, Сталинабад, 1944, стр. 39.

[2] Манучеҳрии Домғонӣ. Девон. Теҳрон, саҳ. 445.

[3] Асириддини Ахсикатӣ. Девон, бо сайъ ва эҳтимоми Рукниддин Ҳумоюнфаррух. Теҳрон, 1337, саҳ. 333.

[4] Анварии Абевардӣ. Девон, бо сайъ ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ, ч. 2, саҳ. 405.

[5] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 335.

[6] Хоқонии Шервонӣ. Девон бо тасҳеҳи Амири Қабир. Теҳрон, 1337 шамсӣ, саҳ. 277.

[7] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 289.

[8] Расул Ҳодизода. Татаббӯот ва сабки осори Фонӣ. «Садои Шарқ», № 8, 1968, саҳ. 111—112. Инчунин ниг. Раҳим Ҳошим. Мулоқоти ду забон. «Садои Шарқ», № 11, 1968, саҳ. 140.

[9] Асириддини Ахсикатӣ. Сарсухани Девони чопӣ, саҳ. 20.

[10] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 343.

[11] Ҳофизи Шерозӣ. Девон, бо сайъ ва эҳтимоми Қозӣ Иброҳим Соҳиб. Бомбай, 1294 ҳ. саҳ. 105—106.

[12] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 391.

[13] Ҳофизи Шерозӣ. Ҳамон девон, саҳ. 298.

[14] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 378.

[15] Ҳофизи Шерозӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 107.

[16] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 433

[17] Ҳофизи Шерозӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 202.

[18] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 476.

[19] Ҳофизи Шерозӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 153.

[20] Асириддини Ахсикатӣ. Ҳамон асар, саҳ. 353.

[21] Ҳофизи Шерозӣ. Ҳамон ҷо, саҳ. 59.

[22] Рукниддин Ҳумоюнфаррух. Сарсухани Девони чопии Асириддини Ахсикатӣ, саҳ. 68.



Расм аз девони Ҳофиз, чопи Теҳрон.

## ҲОФИЗ ВА „ТАРЗИ СУХАНИ ХОҶУ"

Ғазалиёти Хоҷу дар ду девон — «Саноеъ-ул-камол» — «Сафариёт» ва «Бадоеъ-ул-ҷамол»—«Ҳазариёт» гирд оварда шудааст, ки ҳар ду (ҳамагӣ 668) ғазалҳои қабл аз соли 750 ҳиҷрӣ навишта шуда (369 ғазал) ва пас аз ин сана гуфта шударо (299) дар бар мегиранд.[1]

Мувофиқи маълумоти мавҷуда дар девони Хоҷу тамоми ғазалиёти ӯ бидуни интихоб дохил шудааст ва ба ин ҷиҳат баробари ғазалҳои бисьёр баланд ва санъаткорона, баъзе тағаззулоти на чандон муносиби номи шаҳири устоди Ҳофиз дида мешаванд.

Браун, пас аз иқрор шуданаш, ки «ҳамагӣ 75 ғазали Хоҷуро мутолаа намудааст», мегӯяд «... ман натавонистам дар ғазалиёти ӯ лутфи ҷозиба ва ё хосияти ҷолибе кашф намоям».[2] Албатта, аз рӯи 75 ғазал дар бораи бештар аз 15 ҳазор байти девони шоир хулосае гирифтан хатост. Ва Алӣ Асғари Ҳикмат дар бораи ин ақида гуфтааст, ки «...латофати ашъори хоссаи ғазалиёти Хоҷу дар назди форсизабонон маъруф ва мусаллам ва дар фазилати ӯ ҳамон бас аст, ки Хоҷа Ҳофиз ба ихтиёри сабки ӯ дар каломи хеш ишора менамояд»[3]. Дар ҳақиқат байти поён, ки ба Хоҷа Ҳофиз нисбат дода мешавад, хеле машҳур аст:

Устоди сухан Саъдист назди ҳама кас, аммо
Дорад ғазали Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.

Маҳорати сухангӯӣ ва ғазалсароии Хоҷуи Кирмонӣ чӣ дар гузашта аз тарафи муаллифони тазкира ва китобҳои таърих ва устодони сухан ва чӣ дар замони навин аз ҷониби

тадқиқотчиён ва сухансанҷони мўътабар қайд гардидааст.

Ҳамдуллоҳ Муставфӣ дар «Таърихи гузида», ки дар соли 730 ҳиҷрӣ 1330 мелодӣ, яъне дар вақте ки Хоҷу чилу як сол дошт, таълиф намудааст, дар бораи Хоҷу менависад, ки «Хоҷуи Қирмонӣ шеъри некў дорад...» ва пас аз он ғазали поёниро ҳамчун намунаи гуфтаи ў меорад:

Най зи дуди дили пуроташи мо менолад,
Ту мапиндор, ки аз боди ҳаво менолад.
Андалиб аст, ки аз бод наво месозад,
Хушсароест, ки дар пардасаро менолад.
Мани дилхаста агар з-он ки зи дил менолам,
Боре он хастаи беҷон зи куҷо менолад.
Мезанандаш натавонад, ки нанолад нафасе,
Захм дорад, на ба тазвиру риё менолад.
Бас ки роҳи дили арбоби ҳақиқат задааст,
Зоҳир он аст, ки аз тарси худо менолад.
Нолаву зории Хоҷу агар аз бебаргист,
Ў чӣ дидаст, ки ҳар дам зи наво менолад.[4]

Давлатшоҳи Самарқандӣ низ қудрати сухангўии Хоҷуро қайд намуда, фикри худро бо назари фозилон ва бузургон қувват медиҳад ва мегўяд, ки ў «... соҳиби фазл ва хушгўй аст ва сухани ўро фозилон ва бузургон дар фасоҳат ва балоғат беназир медоранд ва ўро нахлбанди шуаро меномандӣ...»[5]

Муаллифи «Тазкираи Майхона» назари худро нисбат ба Хоҷуи Қирмонӣ ва мавқеи суханварӣ ва қудрати он бисёр ошкор баён намуда, дар қисми ба шоир бахшидаи худ дар бораи ў менависад: «Суханваре беназир ва нуктапарваре дилпазир аст, манзумоти он сипеҳри сарири нуктадонӣ ва воридоти он маснаднишини маҳфили сухандонӣ аксар рангин ва матин воқеъ шуда ва муосирони саромади он ягонагии замон ўро нахлбанди шуаро гуфтаанд ва баъд аз ў низ ҳар замон ин хитобат бар ў мусаллам доштаанд»[6].

Хоҷуи Қирмонӣ дар кишварҳои дигар низ писандида буд. Ў ҳамчун яке аз саромадони сухан дар байни урдузабонон ва уламои онон шўҳрат пайдо намудааст. Яке аз адибони урду Маҳди Ҳусайни Носирӣ дар «Санодиди Аҷам» дар зарфи баёни ҳол ва зикри осори Хоҷу сабт намудааст, ки ў «дар ғазалгўӣ маҳорати калоне дошт»[7].

Қувваи ғазалсароӣ ва сухандонии шоири номбурда дар таълифоти муаллифони давраи навини Эрон низ эътироф ёфтааст.

Саид Нафисӣ дар рисолаи худ дар бораи Хоҷуи Кирмонӣ гуфтааст, ки «...Сари силсилаи сухансароёни асри хеш будааст... ва ғазалиёти Хоҷу... ба сабке аст миёни сабки Саъдӣ ва Ҳофиз, чунонки метавон гуфт сабки Ҳофиз аз он ҷо берун омадааст...»[8] Чанде аз донишмандони дигари Эрон низ ҳамин ақидаро пайравӣ намудаанд.

Муҳаммад Муин дар китоби «Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан» ақидаи аз сабки Хоҷу ба вуҷуд омадани услуби Ҳофизро боз пештар ронда менависад, ки ӯ «дар ғазалсароӣ мутатаббеи сабки Саъдист ва бисьёре аз ғазалиёти Шайхро тақлид кардааст ва услуби ӯ дар ғазал бо услуби Шайх наздик шудааст»[9]. Дар масъалаи муносибати Ҳофизу Хоҷу низ қайд кардааст: «Ҳофиз бисьёре аз ғазалиёти ӯро дар маънӣ ва сабк ва мазмуну вазн татаббӯъ фармудааст ва худро дар ғазал аз мутобеони ӯ донад».[10]

Ин назар баъдтар боз ривоҷ дода шуд. Дар соли 1321 Ризозодаи Шафақ на фақат навишта буд, ки Хоҷу гузашта аз қасоид ва мадоеҳ ғазалиёти шево дорад ва дар ин тарз пайрав ва муқаллиди Шайх Саъдӣ аст ва дорои завқ ва қареҳаест ва аз ин ҳайс дар замони худ тарафи таваҷҷӯҳ буд ва суханпардози бузурги он аср Ҳофиз шеъри ӯро меписандид ва татаббӯъ ва иқтидо мекард...[11]

Гузашта аз ин, Шафақ ба хулосаи амиқтар омада гуногунии сабки ғазалсароии Хоҷуро ҳарчанд ба теври умумӣ бошад ҳам, эътироф намуда дар ҳамон ҷо сабт карда буд: «Метавон гуфт тарзи ғазали Хоҷу аз ҷиҳате шабеҳ ба шеваи Саноӣ ва Шайх Аттор ва Мавлавӣ ва аз ҷиҳате шабеҳ ба сабки Ҳофиз аст».

Оқибат донишманди дигари Эрони муосир Забеҳулло Сафо дар ғазал соҳиби дасте қавӣ будани Хоҷуро эътироф намуда навиштааст, ки «... дар ғазал ва маснавӣ соҳиби дасте қавӣ буда ва хусусан дар овардани мазомини ирфонӣ дар ғазал чирадаст ва дар ин роҳ пешвои Ҳофиз аст ва Ҳофиз худ ба тақаддуми вай дар ин ҷониб ва пайравӣ аз сабки ӯ мӯътариф аст»[12].

Ба ҳамин тариқ, Хоҷу ҳамчун устоди ғазалиёти латифу ботароват қабул шудааст.

Хоҷу ба ғазалиёти Саъдии Шерозӣ, Саноӣ, Шайх Аттор, Мавлавӣ пайравӣ намуда, дар табъозмоӣ ба он андозае ба сабку шеваи устоди ғазал наздик шудааст, ки метавон гуфт сабки ӯ дар бисьёр мавридҳо аз гуфтори Саъдӣ ба вуҷуд омадааст. Чунин ҳолат дар назми форсу тоҷик дар он замон борҳо рӯй додааст ва гуфтан мумкин аст, ки ин худ як равияи адабии қувваозмоии шоирон бо ғазалиёти ҳамдигар аст. Ба ғайр аз Ҳофизи Шерозӣ, ки бисьёр ғазалҳои он, дар натиҷаи санҷиши табъи ӯ дар чорчӯбаи ғазалиёти Хоҷу ба вуҷуд омадааст.[13] Саъдии Шерозӣ низ дар ҷумлаи шоирони дигар ашъори сухансароёни пешинаро дар эҷодиёти худ пайравӣ ва истифода намудааст, то он андозае, ки баъзан сатрҳои алоҳида ва ибороти дигарон бо тағьир додани баъзе калима, қофия ва ё вазн дар ғазалиёти ӯ дохил шудааст[14].

Ҳамин равияи маълум, чӣ навъе ки зикр ёфт, дар эҷодиёти Хоҷу на ин ки камтар, балки бештар аз Саъдӣ (шояд баробари Ҳофиз бошад) мушоҳида карда мешавад. Ин ҷиҳати ғазалиёти Хоҷуро аз муосирони шоир Ҳайдари Шерозӣ дар як қитъаи худ зикр намудааст. Ҳайдари Шерозӣ, аз шуарои маддоҳи Абӯсаид, ки дар вафоти ӯ (1335) марсия гуфта, пас ба Шероз ба дарбори Абӯ Исҳоқ (1341—1358) омада буд, бо Хоҷу рақобат дошт. Ҳангоме ки Хоҷу аз Қирмон ба Шероз, ба дарбори Абӯ Исҳоқ раҳсипор гардид, ӯ дар ҳузури Абӯ Исҳоқ қитъае дар ҳаҷви Хоҷу навишт ки ин байт аз он ҷост:

Мабар дар пеши шоир номи Хоҷу,
Ки ӯ дуздест аз девони Саъдӣ.

Ва боз:

Хоҷуи дузди кобулӣ аз шаҳри Қирмон мерасад,
Мӯрест ӯ дар шоирӣ назди Сулаймон мерасад[15].

Ҳаҷвияи Ҳайдари Шерозӣ ба зудӣ ба ҳама эълон шуд. Ба мо маълум нест, ки Хоҷу ба ин ҳаҷвия чӣ навъ ҷавоб дода бошад. Вале дар девони Хоҷу як ғазали 16 байтӣ мавҷуд аст, ки аз аввал то ба охир шоир мисли як хитобномае ба ҳасудон ва рақибони ашаддиаш эҷод намудааст ва аз рӯи баъзе каринаҳо боварӣ ҳаст, ки манзумаи поён шояд ба ҳамон муносибат навишта шуда бошад:

. . . . . . . . . . . . .

Хасми беоб агар инкор кунад табъи маро,
Оби дарьё ба ароҷифи мумар кам нашавад.
Ҷам, агар аҳрамане санг занад бар ҷонгм,
Қимати лаъли Бадахшон ба ҳаҷар кам нашавад...
Душманам гар бугудозад зи ҳасад, гӯ: «Бугдоз»,
Ҷурми куффор ба таъзиби тақар кам нашавад
Гар гиё хушкмизоҷӣ кунаду таъна занад,
Боғро ройиҳаи сунбули тар кам нашавад.
Чи ғам аз мунқасаби беҳунарон з-он, ки ба хубс
Рифъату рутбаи арбоби ҳунар кам нашавад.
Гарчӣ ҳаст аҳли хирадро хатар аз бехирадон,
Ҳиддати хотири доно ба хатар кам нашавад.
Суханамро чӣ тафовут кунадаш шӯриши хасм,
Ки ба ошӯби магас нархи шакар кам нашавад.
Ҷавҳариро чи ғам аз таънаи ҳар муштарие,
Ки бад-ин қимати ёқуту гуҳар кам нашавад.
Макун андеша зи эзои ҳадусон, Хоҷу,
Нутқи Исо ба вуҷуди дами хар кам нашавад.[16]

Ба ақидаи қатъӣ метавон гуфт, ки ғазалиёти Хоҷу мисли як гузаргоҳест дар роҳи инкишофи ғазал аз Саъдӣ то ба Ҳофиз. Дар ҳақиқат Саъдӣ устоди ғазал аст, Хоҷу санъаткорест, ки ғазалро бо роҳи он инкишоф дода ба Ҳофиз расонидааст, Ҳофиз, дар навбати худ гуфтори гузаштагонро аз худ намуда ғазалро ба дараҷаи «мӯъҷиза» расонидааст. Аммо аз мӯъҷизаи он осори қудрати сухани Хоҷу бисьёр ошкор аст. Ба қавли Забеҳулло Сафо «Хоҷу дар ғазалҳои худ шеваи Саъдиро асос қарор дода ва он гоҳ онро бо афкори ирфонӣ даромехта ва равише эҷод кард, ки Ҳофиз онро дунбол намуда комил сохтааст»[17].

Тадқиқотчиён бисьёр ғазали Ҳофизро бо Хоҷу, муқоиса намудаанд ва дар натиҷа як миқдор байте ба даст даромадааст, ки шабоҳати мисраъ, иборот ва маънӣ возеҳ аст. Вале баъзе аз тадқиқотчиён ақидае пеш меронанд, ки бо ҳамаи шабоҳати сухани Ҳофиз ба гуфтор ва шеваи Хоҷуи Кирмонӣ, номбурдаи дуввӯм гӯё як ғазалсарои оддӣ ва ҳамеша, дар назари онҳо, шогирд ва устод мусалламтар аст.

Шиблии Нӯъмонӣ ба масъалаи мартабаи суханронии Хоҷу ва Ҳофиз амиқтар наздик шудааст. Дар тадқиқоти ӯ абьёти мушобеҳ на танҳо зикр шудааст, балки дар бисьёр

ҷоҳо бартарӣ ва заъфи каломи ҳам Хоҷу ва ҳам Ҳофиз таҳлил ёфтааст[18].

Чунончӣ:

Хоҷу мегӯяд:

Гар шудем аз бода бадноми ҷаҳон, тадбир чист?
Ҳамчунин рафтаст аз рӯзи азал тақдирҳо.

Ҳофиз мегӯяд:

Дар хароботи муғон мо низ ҳамдастон шавем,
Қ-ин чунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Дар ин байт Ҳофиз мисраи дуввӯмро аз Хоҷу биайниҳӣ иқтибос намудааст. Дар мисраи якӯм, ҳамон навъе ки Шиблии Нӯъмонӣ қайд намудааст: «...Хоҷа мазмуни Хоҷу ва низ алфози ӯро дарҳамбарҳам карда ва афсӯс ки ... онро беҳтар накардааст. Мисраи аввали Хоҷу зиёда барҷаста ва соф аст»[19].

Хоҷу мегӯяд:

Мо дили девона дар занҷири зулфаш бастаем,
Эй, басо оқил, ки шуд девонаи занҷири мо.

Ҳофиз мегӯяд:

Ақл агар донад, ки дил дар банди зулфаш чун хуш аст,
Оқилон девона гарданд аз паи занҷири мо.

Шиблии Нӯъмонӣ дар ин бора навиштааст, ки мисраи аввали Хоҷу зиёда соф ва равон аст, вале дар он як нуктаи мисраи Хоҷу мавҷуд нест: «модоме, ки оқилон гирифтори ин занҷир гаштаанд, гирифтор шудани девона ҳеҷ ҷои тааҷҷуб надорад. Зеро умуман девонагонро дар гузашта бо занҷир мебастанд. Ба ҳамин ҷиҳат банд будани дили девона дар занҷири зулф як ҳолати табиист». «Хоҷа девонагии дилро», — дар хулосаи таҳлил мегӯяд Шиблии Нӯъмонӣ,—ҳеҷ зикр накардааст ва бад-ин ҷиҳат барои девонагии оқилон ҷиҳате ки маъқул бошад, дар калом нест»[20].

Ба ин равия дар китоби Шиблии Нӯъмонӣ боз чандин мисоли барҷастае ҳаст, ки онро дар асоси муқоисаи абёти

Хоҷу ва Ҳофиз Суҳайлии Хонсорӣ то ҳадди имкон давом додааст[21]. Вале татбиқи девони ин ду шоир ва ба таври муфассал идома додани тадқиқот минбаъд мумкин аст ва ин кори алоҳидаи махсусеро талаб менамояд.

Дар ҷамъбасти ин матлаб инро ҳам бояд гуфт, ки дар бисьёр мавридҳо таҳрири эҷодии Ҳофиз бар абьёти Хоҷу таровати махсусе ва рехтагии фавқулоддае бахшида тавонистааст ва дар натиҷа мисраъҳо ва байтҳои олитарин ба вуҷуд омадааст:

Масалан Хоҷу мегӯяд:

Хирқа раҳни хонаи хаммор дорад пири мо,
Эй, ҳама риндон муриди пири соғаргири мо.
Гар шудем аз бода бадноми ҷаҳон тадбир чист,
Ҳамчунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Ҳофиз мегӯяд:

Дӯш аз масҷид сӯи майхона омад пири мо,
Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо?
Дар хароботи муғон мо низ ҳамдастон шавем,
К-ин чунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Тадқиқотчиёни сабки Хоҷу ва Ҳофиз муттафиқанд, ки ин матлаи Хоҷа Ҳофиз бар матлаи Хоҷу, чӣ аз ҷиҳати лаҳну ҷозиба ва чӣ аз роҳи нуктагӯӣ ва мазмун, бартарии қавӣ дорад. Аммо дар байти дуввӯм, ки дар болотар ишора рафт, ҳақ бар ҷониби Хоҷуст. Ҳофиз ин дафъа байти устодашро бо андаке тағьири на он қадар ба ҷо, ба ғазали худ дохил намудааст. Воқеан, мулоҳазаи амиқтаре бар рехтагии сухан, маънои баҷо ва ҷозибаи хоси байти дуввӯми Хоҷу далолат медиҳад, ки ҳақиқатро ба фоидаи Хоҷу мавқуф гузорем.

Хоҷу дар замони худ на фақат ба Ҳофизи мӯъҷизакор, балки ба чанде аз сухансароёни қавӣ низ таъсири шеваи худро гузарондааст, ки онҳо каломи ӯро дар назмашон хуб истифода бурдаанд. Азбаски Хоҷу ин ҷиҳати гуфтори худро медонист, ба гумон мерасад, ки байти зайли дар девони қабл аз соли 750 ҳиҷрӣ 1350 дида шуда ба шаҳодати ҳамин воқеаи адабӣ гуфта шуда бошад.

Зодаи хотири Хоҷу, ки ба маънӣ бикр аст,
Ҳайф бошад, ки барандаш ба ҷаҳон даст ба даст.

Ғазалиёти Хоҷуро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа ба қисмҳои ғазалиёти ишқӣ, ғазалиёти ҳасби ҳолӣ, ғазалиёти ирфонӣ ва сӯфиёна, ғазалиёти мадҳия, ғазалиёти бо ишораҳои танқидӣ ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст. Аммо ин мавзӯъҳои ғазалиёти шоир на ҳамеша дар ғазалҳои алоҳида ғунҷонида шудаанд. Дар бисьёр мавридҳо мавзӯъҳои гуногуни бахси шоир дар доираи як ғазал омехта мешаванд, чунки шоир дар ғазал ҳолати рӯҳӣ ва хаёлоти худро дар вазъияти гуногун ва на аз рӯи нақшаи муайяне тасвир менамояд.

Дар байни ғазалиёти шоир баъзан ғазалҳое низ дучор мешавад, ки бо ибороти дар гузашта бисьёр маъмул сохта шудааст ва аз нуқтаи назари мазмун чандон аҳамиятнок нест. Баъзан дар чунин мавридҳо шоир иқтидори худро дар мусобиқаи шаклсозӣ ва иборапардозӣ нишон медиҳад, ки он замон дар байни шоирони гузашта ва муосир низ маъмул буд.

Инак дар поён намунаи як ғазали Хоҷу оварда мешавад, ки метавон гуфт аз аввал то охир ба шахси шоир бевосита дахлдор аст. Дар ин ғазал шоир ҳолати рӯҳии худро вобаста бо зиндагии худ, бо мулоҳизоти худ оид ба мавқеи дар ҳаёт доштааш тасвир намуда тавонистааст:

Хуррам он рӯз, к-аз хиттаи Қирмон биравам,
Дилу ҷон дода зи даст аз паи ҷонон биравам.
Бо чунин дард надонам, ки чӣ дармон созам,
Магар ин, к-аз паи он мояи дармон биравам.
Ман, ки дар Миср чу Яъқуб азизам доранд,
Чӣ нишинам зи паи Юсуфи Канъон биравам.
Баъд аз ин қофила дар роҳ ба киштӣ гузарад,
Чун мани дилшуда бо дидаи гирьён биравам.
Гарчи аз зулмати ҳиҷрон набарам ҷон ба канор,
Чун Сикандар зи паи чашмаи ҳайвон биравам.
То нагӯянд, ки чун савсан аз ӯ озодам.
Ҳамчу бод аз паи он сарви хиромон биравам.
Чун сарам рафту ба сомон нарасидам, бе дӯст,
Шояд андар ақибаш бесару сомон биравам.
Агараш даври мухолиф ба Ироқ андозад,

Ман ба паҳлу зи пояш то ба Сипоҳон биравам.
Ҳамчу Хоҷу гарам аз ганҷ насибе надиҳанд,
Рахт барбандаму з-ин манзили вайрон биравам.[22]

Вале ҳолоти рӯҳии шоир мухталиф ва гуногун аст. Вақте ки шоир дар олами **тахайюлоти худ гирифтор мешавад,** ӯро ҳолате фаро мегирад, ки худ намедонад кист ва чист. Ӯ ҳам доно ва ҳам нодон, вай гоҳ **ҳумои гулшани қудс** ва **тазарви боғи фирдавс,** гоҳ **ҳушьёри маст** ва гоҳ **ҳам ҳасту ҳам нест.** Шоир дар ҳайрат аст, ки «дар он бум аз чӣ рӯ поям, ки бози дасти султонам?!».

Агар пинҳон бувад пайдо, ман-он пайдои пинҳонам,
В-агар нодон бувад доно, ман он донои нодонам.
Ҳумои гулшани қудсам, на сайди донаву донам,
Тазарви боғи фирдавсам, на мурғи ин гулистонам.
Чу дар гулхан фуруд оям, ки дар гулшан бувад ҷоям,
Дар он бум аз чӣ рӯ поям, ки бози дасти султонам.
Ман он ҳушьёри сармастам, ки набвад бе қадаҳ дастам,
Нагӯям нестам, ҳастам, бале ҳам ину ҳам онам...

Шоире, ки иқрор шуда буд, ки ӯ **бози дасти султон аст,** дар мавқеъҳои алоҳидаи зиндагӣ ҳамаро инкор мекунад. Дигар ӯ мегӯяд, ки васли маъшуқааш ба **мулкати хоқон, ба мулки Сулаймон,** рухи Юсуф ба мулкати Мисру ҳамаи Қанъон ва барои Фарҳод лаъли лаби **Ширин** ба **ҳашамату мамлакати Хусрави Эрон** меарзад:

Васли он турки Хито мулкати хоқон арзад,
Қуфри зулфи сияҳаш олами имон арзад.
Хотами лаъли гуҳарпӯши парирухсорон,
Пеши арбоби назар мулки Сулаймон арзад,
Эй азизон, зи рухи Юсуфи мисрӣ назаре
Мулкати Мисру ҳама хиттаи Қанъон арзад.
Пеши Фарҳод зи лаъли лаби Ширин шакаре,
Ҳашмату мамлакати Хусрави Эрон арзад.
Бугзар аз ганҷи Қадархон, ки бари пири муғон
Кунҷи майхона ҳама ганҷи Қадархон арзад.
З-ин сипас мову гадоёни сари кӯҳи ғамат,
Ки гадоии дарат мулкати султон арзад.
Бо лабат даст зи сарчашмаи ҳайвон шустам,
З-он ки ёқути ту сад чашмаи ҳайвон арзад...

Гарчи аз сарви хиромон нахӯрад кас бараке?
Сарак андар сараки ишқи ту кардам, лекин
Бо мани хастадилак нест туро худ сараке...[24]

---

[1] Ниг. Девони ашъори Хоҷуи Қирмонӣ. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Суҳайлии Хонсорӣ, Теҳрон, 1336.

[2] Браун. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷима ва ҳавошӣ ба қалами Алӣ Асғари Ҳикмат. Теҳрон, 1327, саҳ. 261.

[3] Ҳамон ҷо, саҳифаи 261, ҳошияи 1.

[4] Таърихи гузида, таълифи Қазвинӣ, ҷилди аввал ба саъй ва эҳтимоми Э. Браун, Лондон, 1910, саҳ. 818.

[5] Тазкират-уш-шуаро, нашри Э. Браун, Лондон, 1901 саҳ. 249.

[6] Тазкираи Майхона, таълифи Мулло Абдунабии Фахруззамони Қазвинӣ дар соли 1028 ҳиҷрӣ. Ба эҳтимоми Аҳмади Гулчинии маонӣ. Теҳрон, 1340, саҳ. 75.

[7] Маҳдӣ Ҳусайни Носирӣ. Санодиди Аҷам. Оллоҳобод, 1342 ҳиҷрӣ, саҳ. 221—222.

[8] Саид Нафисӣ. Нахлбанди шуаро. Теҳрон, саҳ. 3, 37.

[9] Муҳаммад Муин. Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан. Теҳрон, 1319, саҳ. 198.

[10] Ҳамон ҷо, саҳ. 199.

[11] Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. Теҳрон, 1321, саҳ. 312.

[12] Забеҳулло Сафо. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назм ва насри порсӣ дар адвори мухталифи адабӣ. Теҳрон, 1331.

[13] Муҳаммад Муин. Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан. саҳ. 200—202.

[14] Алӣ Даштӣ. Қаламрави Саъдӣ. Теҳрон, 1338, саҳ. 114, 116, 168 ва ғайра.

[15] Нусхаи девони Ҳайдари Шерозӣ дар музеи Британия нигоҳ дошта мешавад. Ниг. Рьё. Қаталог, т. 2, 1881, саҳ. 623—624, иқтибос аз рӯи акси девон.

[16] Хоҷу. Ҳамон девон, саҳ. 407.

[17] Забеҳулло Сафо. Ганҷи сухан, ҷилди дуввӯм, Теҳрон, саҳ. 202.

[18] Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-аҷам, ҷилди дуввӯм, саҳ. 184—192.

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 189.

[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 189—190.

[21] Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ. Зиндагонии Хоҷу. Муқаддима, саҳ. 47—55.

[22] Ҳамон девон, саҳ. 314.

[23] Девон, саҳ. 394—395.

[24] Ҳамон девон, саҳ. 337.

*А. АФСАҲОВ*

## САЪДӢ ВА ҲОФИЗ

Мавзӯи Саъдӣ ва Ҳофиз кайҳо боз диққати муҳаққиқонро ҷалб карда меояд. Дар ин хусус баробари ин ки дар баъзе асарҳо ба таври умумӣ сухан рафтааст, тадқиқоти ҷудогона низ сурат гирифтааст, ки ба қалами Ҳасан Ҷаводӣ тааллуқ дорад[1]. Муаллиф ғазалҳои Саъдию Ҳофизро аз ҷиҳатҳои гуногун (танқиди зоҳидон, ҳикмат, ирфон, достон ва афсона, мазмунҳои мушобеҳ, санъатҳои бадеӣ ва ниҳоят, қофия ва вазнҳои мушобеҳ дар ғазалиёти Саъдию Ҳофиз) муқоиса карда, материали фаровон гирд овардааст. Чунон ки мебинем, ин мавзӯъ хеле васеъ мебошад. Мо дар ин мақола танҳо дар бораи мазмунҳои ба ҳам монанди ашъори Саъдию Ҳофиз ва ғазалҳои аз ҷиҳати вазну қофия шабеҳи онҳо мухтасар сухан меронем.

Хоҷа Ҳофиз ҳам, мисли ҳар як адиби дигар, дар рӯҳи анъанаҳои адабии шоирони гузашта ва муосирони калонсолаш тарбия ёфта, баъзеи онҳоро пайравӣ мекардааст. Аз осораш пайдост, ки вай ба эҷодиёти устод Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ироқӣ, Хисрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ назари хосе доштааст. Ҳофиз дар байте устоди ғазал будани Саъдиро эътироф карда гуфтааст:

Устоди ғазал Саъдӣ назди ҳама кас, аммо
Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу[2].

Ҳофиз аз устоди ғазал Саъдӣ омӯхтааст, аз эҷодиёти ӯ таъсир гирифтааст, дар рӯҳи он тарбият ёфта, худ ба дараҷаи устодӣ расидааст.

Ҳофиз баъзан ашъори Саъдиро пайравӣ кардааст. Аз ҷумла вай дар ҷавоби тарҷеъбанди машҳури Саъдӣ, ки банди такрориаш ин аст:

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам,

тарҷеъбанде офаридааст[3].

Назираи ба як ғазали Саъдӣ навиштаи Ҳофиз низ ҷолиби диққат аст. Чунончи, аз Саъдӣ:

Қист он, к-аш сари пайванди ту дар хотир нест?
Ё назар бо ту надорад, магараш нозир нест?
На ҳалол аст, ки дидори ту бинад ҳар кас,
Ки ҳаром аст бар он, к-аш назаре тоҳир[4] нест.
Ҳама касро магар ин завқ набошад, ки маро,
Қ-он чӣ ман менигарам, бар дигаре зоҳир нест.
Ҳар шабе рӯзеву ҳар рӯз заволе дорад,
Шаби васли ману маъшуқи маро охир нест.
Ҳар кӣ бо ғамзаи хубон сару коре дорад,
Сустмеҳр аст, ки бар доғи ҷафо собир нест.
Ҳар кӣ сарпанҷаи махзуби ту бинад, гӯяд:
«Гар бар ин даст касе кушта шавад, нодир нест»,
Сари мӯем назар кун, ки ман андар тани хеш
Як сари мӯй надонам, ки туро зокир нест.
Ҳама донанд, ки савдозадаи дилшударо
Чора сабр аст, валекин чӣ кунад, қодир нест.
Гуфта будам, ғами дил бо ту бигӯям чанде,
Ба забон чанд бигӯям, ки дилам ҳозир нест.
Гар ман аз чашми ҳама халқ бияфтам, саҳл аст,
Ту мапиндор, ки махзули туро босир нест.
Илтифот аз ҳама олам ба ту дорад Саъдӣ,
Ҳиммате, к-он ба ту масруф бувад, қосир нест[5].

Назираи Ҳофиз ба ғазали мазкур ин аст:

Мардуми дидаи мо ҷуз ба рухат нозир нест,
Дили саргаштаи мо ғайри туро зокир нест.

Ашкам эҳроми тавофи ҳарамат мебандад,
Гарчи аз хуни дили реш даме тоҳир нест.
Бастаи дому қафас бод чу мурғи ваҳшӣ,
Тойири садра агар дар талабат тойир нест.
Ошиқи муфлис агар қалби дилаш кард нисор,
Мекунаш айб, ки бар накди равон қодир нест.
Оқубат даст бад-он сарви баландаш бирасад,
Ҳар киро дар талабат ҳиммати ӯ қосир нест.
Аз равонбахшии Исо назанам дам ҳаргиз,
З-он ки дар рӯҳфизоӣ чу лабат моҳир нест.
Ман, ки дар оташи савдои ту оҳе назанам,
Қай тавон гуфт, ки бар доғ дилам собир нест?!
Рӯзи аввал, ки сари зулфи ту дидам, гуфтам,
Қи парешонии ин силсиларо охир нест.
Сари пайванди ту танҳо на дили Ҳофизрост,
«Қист он, к-аш сари пайванди ту дар хотир нест».[6]

Ғазали ҷавобии Ҳофиз ба тамоми талаботи назирасароӣ ҷавоб медиҳад: дар он баробари вазн, қофия ва радифи ғазали Саъдиро пурра нигоҳ доштан, дар мақтаъ мисраи аввали матлаи ғазали Саъдӣ иқтибос шудааст; мазмуни баъзе байтҳои ғазали якӯм дар дуввӯм бо либоси дигаре ҷилва мекунад (аз ҷумла, муқоиса шавад байти 5-ӯми ғазали аввал ва 7-ӯми ғазали сонӣ); Ҳофиз воситаҳои тасвири Саъдиро фаровон истифода бурдааст. Гуфтан кофист, ки аз нӯҳ калимаи дар қофияи ғазали Ҳофиз омада ҳафтояш ҳамон қофияҳои ғазали Саъдист (нозир, зокир, тоҳир, қодир, қосир, собир, охир). Бо вуҷуди монандии зиёд, дар ҳар байти Ҳофиз маънию мазмунҳои тоза мушоҳида мегардад. Ҳофиз дар ягон байт Саъдиро тақлиди хушку холӣ ва гуфтаҳои ӯро айнан такрор накардааст.

Ғайр аз ин, дар девони Ҳофиз қариб бисту панҷ ғазал дучор меояд, ки аз рӯи вазну қофия бо ғазалҳои Саъдӣ як хеланд ва дар онҳо таъсири ашъори Саъдӣ мушоҳида мешавад. Ҷаводӣ, ғайри матлаи ғазали боло, боз матлаи шонздаҳ ҳамин хел ғазалро овардааст[7]. Аммо ғазалҳои бокимонда ва тарҷеъбанди Ҳофиз аз назари ӯ дур мондаанд. Матлаи ғазалҳое, ки Ҷаводӣ наовардааст, дар қарори зайл аст:

| **Саъдӣ** | **Ҳофиз** |
|---|---|
| 1. Моҳрӯё, рӯи хуб аз мо матоб,<br>Бе хато куштан чӣ мебинӣ савоб? | 1. Офтоб аз рӯи ӯ шуд дар ҳиҷоб,<br>Сояро бошад ҳиҷоб аз офтоб. |
| 2. Нагӯям: обу гил аст он вуҷуди рӯҳонӣ,<br>Бад-ин камол набошад ҷамоли инсонӣ. | 2. Чӣ қоматӣ, ки зи сар то қадам ҳама ҷонӣ,<br>Чӣ суратӣ, ки ба ҳеҷ одамӣ намемонӣ. |
| 3. Ҳама касро тану андому ҷамол асту ҷавонӣ<br>В-ин ҳама лутф надорад, ту магар сарвиравонӣ? | 3. Ҷон фидои ту, ки ҳам ҷонию ҳам ҷононӣ,<br>Ҳар кӣ шуд хоки дарат, раст зи саргардонӣ. |
| 4. Зи ман мапурс, ки дар дасти ӯ дилат чун аст,<br>Аз ӯ бипурс, ки ангуштҳош дар хун аст. | 4. Зи гирья мардуми чашмам нишаста дар хун аст,<br>Бубин, ки дар талабат ҳоли мардумон чун аст. |
| 5. Он шакарханда, ки пурнӯш даҳоне дорад.<br>На дили ман, ки дили халқи ҷаҳоне дорад, | 5. Шоҳид он аст, ки мӯеву миёне дорад,<br>Бандаи талъати он бош, ки оне дорад. |
| 6. Зи дастам барнамехезад, ки як дам бе ту биншинам,<br>Ба ҷуз рӯят намехоҳам, ки рӯи ҳеҷ кас бинам[8]. | 6. Ба мижгони сияҳ кардӣ ҳазорон рахна дар динам,<br>Биё, к-аз чашми беморат ҳазорон дард барчинам.[9] |
| 7. Бар ман, ки сабӯҳӣ задаам, хирқа ҳаром аст.<br>Эй маҷлисиён, роҳи харобот кадом аст?[10] | 7. Гул дар бару май дар кафу маъшуқа ба ком аст.<br>Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст. |

Ба ҳамин тариқ, чунон ки мебинем, 24 ғазал ва як тарҷеъбанди Ҳофиз чун назира ба ғазалҳои Саъдӣ эҷод шудааст, ки таъсири Саъдиро ба Ҳофиз намоиш медиҳад.

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки Хоҷа Ҳофиз дар чанд ғазалаш мазмуну қофияи ғазалҳои Саъдиро истифода карда, вале вазни ғазалҳояшро тағйир додааст. Ҳасан Ҷаводӣ ба ин факт аҳамият надодааст ва ҳол он ки ин гуна ғазалҳо мазмунан низ бо ҳам қаробат доранд ва аз як сарчашма об хӯрдаанд. Инак муқоиса кунед:

Саъдӣ:

Шарафи нафс ба ҷуд асту кароматба суҷуд,
Ҳар кӣ ин ҳар ду надорад, адамаш беҳ зи вуҷуд.

Бисьёр сафар бояд, то пухта шавад хоме,
Сӯфӣ нашавад софӣ, то дарнакашад ҷоме[11].

Ҳофиз:

Қунун, ки дар чаман омад гул аз адам ба вуҷуд,
Бунафша дар қадами ӯ ниҳод сар ба суҷуд.

З-он маи соф, к-аз ӯ пухта шавад ҳар хоме,
Гарчи моҳи рамазон аст, биёвар ҷоме[12].

Ба ин маънӣ муқоисаи ғазалҳои зерини Саъдию Ҳофиз бисьёр ҷолиби диққат аст (азбаски ғазали Саъдӣ нисбатан дароз — 11 байт аст, онро ихтисоран меоварем):

Саъдӣ:

Хушову хуррамо вақти ҳабибон,
Ба бӯи субҳу бонги андалебон,
Хуш он соат нишинад дӯст бо дӯст,
Ки сокин гардад ошӯби рақибон.
Ду тан дар ҷомаи чун писта дар пӯст
Бароварда ду сар аз як гиребон.
Насиб аз умри дуньё нақди вақт аст,
Мабош, эй ҳушманд, аз бенасибон...
Ман ин риндону мастон дӯст дорам
Хилофи порсоёну хатибон.
Биҳил, то дар ҳақи ман ҳар чӣ хоҳанд,
Бигӯянд ошноёну ғарибон...
Нишастам бо ҷавонмардони авбош,
Бишустам, ҳар чӣ хондандам адибон.
Кӣ медонад давои дарди Саъдӣ,
Ки ранҷуранд аз ин иллат табибон![13]

Ҳофиз:

Чандон, ки гуфтам ғам бо табибон,
Дармон накарданд мискин ғарибон.

Он гул, ки ҳар дам дар дасти бодест,
Гӯ, шарм бодаш аз андалебон.
Ё раб, амон деҳ, то боз бинад
Чашми муҳиббон рӯи ҳабибон.
Дурҷи муҳаббат бар мӯҳри худ нест,
Ё раб, мабодо коми рақибон.
Эй мунъим, охир, бар хони ҷудат
То чанд бошем аз бенасибон?
Ҳофиз, нагаштӣ шайдои гетӣ,
Гар мешунидӣ панди адибон[14].

Чунон ки мулоҳиза мешавад, ҳар ду ғазал бо камоли устодӣ суруда шудааст, хаёлоти рангин ба ҳар кадоми он ҳусни дигаре бахшидааст. Бо вуҷуди ин, онҳо умумияте доранд. Ин умумият пеш аз ҳама дар мазмуни ғоявии онҳо — тарғиби афкори риндӣ ба назар мерасад. Сарфи назар аз он ки вазни ғазалҳо дигар аст, қофия ва аксари мазмунҳо шабеҳи якдигаранд. Масалан, байти пеш аз мақтаъ омадаи ғазали Саъдиро гирем. Саъдӣ сабаби пандношунавиашро дар ҳамнишинӣ бо риндон мебинад ва дар натиҷаи ин ҳамнишинӣ «шайдои гетӣ» гаштанашро нагӯяд ҳам, онро хонанда пай мебарад, Ҳофиз баръакс (байти охирин) натиҷаро мегӯяду сабабро не. Ҳар ду байт якҷоя ҳам сабаб ва ҳам натиҷаро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, байтҳои Ҳофиз агар, аз як тараф, дорои маънию мазмунҳои тоза бошанд, аз тарафи дигар, аз он ки мазмунан ба байтҳои Саъдӣ наздиканд, як навъ такомули онҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин нуктаи қобили мулоҳиза ин аст, ки дар ғазали Ҳофиз ягон калимаи дар қофия омада аз калимаҳои қофияшудаи ғазали Саъдӣ фарқ надорад, яъне Ҳофиз ягон калимаи наве дохил накардааст, вале баъзе калимаҳои ғазали Саъдиро мисли: зибон (гургҳо) ва лабибон (донишмандон), истифода набурдааст.

Тасодуф албатта мешавад, лекин чунин тасодуфе шояд ба амал наояд, ки аз ҳафт калимаи барои қофия интихобшуда ягонтоаш аз қофияи ғазали шоири дигар фарқ накунад.

Дигар таъсири Саъдиро ба осори Ҳофиз аз он ҷо дидан мумкин аст, ки Хоҷа Ҳофиз мазмуни байтҳои Саъдиро бидуни таваҷҷӯҳ ба вазну қофияи онҳо дар ғазалҳояш истифода кардааст. Мумкин аст, ду ё якчанд шоир, ҳатто адибо-

ни халқҳои гуногун, ки дар асрҳои мухталиф умр ба сар бурдаанд, дар сурати хабар надоштан аз асари якдигар маъниҳои ба ҳам монанде офаранд. Чунон ки баъзе байтҳои Пушкину Гёте бо байтҳои Рӯдакӣ қаробат пайдо кардаанд, ки И. С. Брагинский ин ҳолатро тасодуфоти гениалӣ (гениальные переклички) номидааст[15]. Шояд баъзе байтҳои Ҳофиз ҳам аз ҳамин қабил тасодуфот бошанд. Вале дар ин, ки ӯ аксаран мазмуни байтҳои Саъдиро бошуурона ва устодона сайқал дода, ба ашъораш дохил мекардааст, шубҳае нест. Масалан, Саъдӣ мегӯяд:

Яке дарахти гул андар миёни хонаи мост,
Ки сарвҳои чаман пеши қоматаш пастанд.

Ҳофиз ҳамин маъниро ба тариқи зайл ба силки назм даровардааст:

Маро дар хона сарве ҳаст, к-андар сояи қаддаш
Фароғ аз сарви бӯстониву шамшоди чаман дорам[16].

Ё худ байти ҳикматомӯзи Ҳофиз

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,
Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард,—

го ба имрӯз машҳур аст. Вале пеш аз ӯ Шайх Саъдӣ фармудааст:

Фарьёди дӯстон ҳама аз дасти душман аст,
Фарьёди Саъдӣ аз дили номеҳрубони дӯст[17].

Чунин мисолҳоро метавон боз овард, аз ҷумла 15 намунаашро Ҷаводӣ дар асараш ҷамъ овардааст[18].

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки торҳои рангоранге ашъори Ҳофизро бо асарҳои Саъдӣ мепайванданд.

---

[1] Ҳасан-Садр Ҳоҷсайиди Ҷаводӣ. Муқонсаи Саъдӣ ва Ҳофиз аз назари ғазалсарой ва сабк. Теҳрон, 1953, саҳ. 81.

[2] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон. Тартибдиҳанда Х. М. Мирзозода. Сталинобод, 1957, саҳ. 456.

[3] Дар бораи тарҷеъбанди Саъдӣ ва назираҳои Ҳофизу Ҷомӣ ба он ниг. С. Айнӣ. Ҳаёт ва эҷодиёти Саъдӣ, — дар китоби «Саъдии Шерозӣ, Бӯстон». Нашри дуюм, Душанбе, 1965, саҳ. 27.

[4] Дар асл «зоҳир» омадааст, вале мувофиқи маънии умумии байт бояд «тоҳир» бошад. Ҳамчунин дар байти баъдина низ дар қофия «зоҳир» омадааст, ки ин тавр пай дар пай дар қофия овардани як калима умуман маъмул нест ва дар дигар ғазалҳои Саъдӣ мушоҳида намешавад. Ин хатои матбаавӣ бояд бошад.

[5] Куллиёти Шайх Саъдӣ. Бо тасҳеҳи комили Муҳаммадалии Фурӯғӣ. Теҳрон, 1338, саҳ. 551. Иқтибосҳои минбаъда аз ҳамин нашр оварда мешаванд.

[6] Девони Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, ба эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ. Теҳрон, 1320 ҳиҷрии шамсӣ, саҳ. 49. Минбаъд «Девони Ҳофиз».

[7] Ҳ. Ҷаводӣ. Асари мазкур, саҳ. 80—81.

[8] Куллиёти Саъдӣ, саҳ. 527, 685, 696, 545, 696, 632.

[9] Се мисоли аввал аз «Мунтахаби девон»-и Ҳофиз, саҳ. 48, 501, 506 ва се мисоли дигар аз «Девони Ҳофиз», саҳ. 38, 85, 243 гирифта шуд.

[10] Мисоли охирин аз асари А. Мирзоев. «Биноӣ», 1957, саҳ. 41—42.

[11] Куллиёти Саъдӣ, саҳ. 585, 769; Бо қофияи дуввум Саъдӣ панҷ ғазал дорад (саҳ. 680—681, 769—770).

[12] Девони Ҳофиз, саҳ. 148, 328, Бо қофияи дуввум Ҳофиз се ғазал дорад (ҳамон ҷо, саҳ. 328—331).

[13] Куллиёти Саъдӣ, саҳ. 643.

[14] Девони Ҳофиз, саҳ. 264.

[15] И. С. Брагинский. О мастерстве Рудаки, — дар китоби «Рӯдакӣ, Осори манзум бо тарҷумаи русӣ». М., 1964, саҳ. 437.

[16] Ҳ. Ҷаводӣ. Асари мазкур, саҳ. 64.

[17] Ҳамон ҷо.

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 64—65. Ду мисоли аз Саъдӣ овардаи муаллиф аз ғазалест, ки ба Авҳадии Мароғӣ низ нисбат дода мешавад, ки якаш ин аст.

«Гар кунад майл ба хубон дили ман, хурда магир,
Қ-ин гуноҳест, ки дар шаҳри шумо низ кунанд».



Расми рассом Султон Муҳаммад барои девони Ҳофиз. Асри XVI.

## ҲОФИЗ ВА КАМОЛ

Дар «хунфишон арсаи растхез», ки «рӯзгор сари фитна дошт»[1] назми ҷаҳоншумули форс-тоҷик, хушбахтона, яке аз пуршӯр, бобаракат ва сермаҳсултарин давраҳои худро гузаронидааст.

Харобиҳое, ки ҳуҷуми ваҳшатбори Чингиз дар шарқи исломӣ ба вуҷуд оварда буд, акнун рӯ ба ободӣ ниҳода ва ҷароҳатҳои ба бадани ин мамлакатҳо воридовардаи вай акнун илтиём ёфта буд, ки соли 1336 истилогари хунхори дигар ба номи Темур ба дуньё омад. Вуҷуд ва футӯҳоти Темур, ки худро мусулмони мӯъмин ба қалам медод, пеш аз ҳама тамоми шарқи исломиро ба даҳшат андохт ва боиси мусибат ва уқубати азиме гардид.

Ҳаёт ва фаъолияти адабӣ ва илмии як гурӯҳ шоир, адиб ва донишмандони бузурги форс-тоҷик, ки онҳоро давраи моқабли хомӯшӣ ва оромии нисбӣ дар байни ду гирдбоди қаҳру зулму харобкорӣ ба воя расонида буд, ба ин қарни пурошӯб, қисман ба давраи 70-солаи тохтутозҳои ин истилогар рост меояд. Аз шоирони бузург ва номдори форс-тоҷик, ки дар ин аср зиста, кам ё беш талхиҳои ин давронро чашида, қисман ё саросар шоҳиди зиндаи ин гирудори хунин гардидаанд, чанд шахсияти бузургро зикр кардан мумкин аст, ки Ибни Ямин, Хоҷу, Убайди Зоконӣ, Салмони Соваҷӣ, Носири Бухорӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Қамоли Хуҷандӣ, Бусҳоқи Атъим аз он ҷумла мебошанд.

Шеъри умедпарвар, рӯҳнавоз, шеъре, ки неъматҳо, зебоӣ ва лаззатҳои ҳаётро суруда, дар дилҳои ноумедон, хонабардӯшон, ва шӯрбахтон ба рӯзгорони осудаю нек умед, ба зиндагӣ муҳаббат ва нисбат ба фарзанди ситамкаши

даврон меҳру навозиш ба вуҷуд меовард, дар ин солҳои мусибат ва дарбадариҳо беш аз ҳама давраҳо аз зарурияти ҳаёт гардида буд. Беш аз ҳама барои ҳамин мебошад, ки дар ин рӯзҳо шоир дар мадди назари умум меистод ва осори ин намояндагони барҷастаи давр нисбат ба давраҳои дигар комилтар то ба рӯзҳои мо маҳфуз мондааст.

Мавриди назари мо дар ин ҷо ду намояндаи бузурги ғазалсаро дар назми форс-тоҷик мебошанд, ки ҳар ду, асосан, дар як жанр шеър суруда, онро ба олитарин дараҷаи расоӣ ва зебоӣ расонида, ба сухани худ мазмунҳои баланди инсонӣ гунҷонида, ҳар кадом дар мавқеи худ, ба қадре ки анъанаи адабии замон имкон медод, ҳаври нафаси ҳаёти асри худро барои мо нигоҳ доштаанд.

**Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ.** Дар шароити зиндагӣ ва эҷодиёти ин ду намояндаи барҷастаи назми мо ҷиҳатҳое ҳаст, ки онҳоро ба якдигар наздик ва ҳамсадо гардонида, осорашонро барои наслҳои оянда гаронбаҳо намудааст.

Дар шеър матлуби ниҳоии чи Ҳофиз ва чи Камол пеш аз ҳама хушбахтӣ ва осудагии инсон дар зиндагист. Ҳар дуи онҳо ҳам бо шеъри худ марҳаме ба ҷароҳати дилҳои абгор ниҳодан, ба шӯрбахтон тасаллои хотир додан, онҳоро, лаҳзае ҳам бошад, аз фишори кулфату машаққати рӯзгор раҳонида, ба олами зебоӣ, осудагӣ ва орзуҳои баланди инсонӣ бурдан аст. Ҳар ду ин устоди бузурги сухан дар шеърҳои худ аз ҳаёт дил накандан, дамро ғанимат шумурдан, аз неъматҳои мавҷуди зиндагӣ ҳадди аксар истифода бурдан ва ба умеди рӯзҳои неки оянда ба сахтиҳои даргузари айём тоб оварданро талқин мекунанд. Ин чанд кимиёи ҳастӣ дар он даврони ҳукмфармоии бедоду истибдод аз зарууртарин дастурҳои ҳаётӣ буданд, ки шоир метавонист ба хонанда ва шунавандаи худ илқо намояд.

Нописандӣ ва эътироз ба ҷалолу шукӯҳ, ба ғуруру худхоҳии зӯрмандони замон, фош сохтани фасоди ҳукумфармоёне, ки тамоми ихтиёри моддиёт ва маънавиёти замонро ба даст доштанд, таъна бар порсоии риёӣ ва зӯҳди авомфиребона, мубориза барои шикастани ғавҳо ва гусистани занҷирҳои таассуб ва эътиқодоти кӯр-кӯрона, ки мағзҳоро дар ҳолати сакта нигоҳ медошт, ҳадафи асосии шеъри онҳо буд.

Ин замоне буд, ки таассуби динӣ ба тамоми соҳаҳои зиндагӣ реша давонда ҳукумравоии мутлақ дошт. Ин таассуб решаи зиндагӣ, дилбастагӣ ба онро хушк мекард. Бинобар ин рахна задан ба ин таассуб, эътироз ба он як навъ исьён бар зидди мафкураи ҳокимаи замон буд ва ин ду шоири бузург шеъри худро ба ин нигаронида буданд.

Ҳар ду дар айни ҷаҳаннами хуну оташ умр ба сар burданд.

Шаҳре, ки Ҳофиз мезист, дар муддати ҳаёти шоир 5—6 мартаба ба балои муҳосира ва офати ҷанг дучор гардида, аз дасте ба дасти дигар гузашт. Темур ноябри соли 1387 ҳафтод ҳазор мардуми шаҳри Исфаҳонро қатли ом карда аз сарҳои онон манораҳо сохта, баъд аз як моҳ ба Шероз ҳуҷум овард. Дар ин рӯзҳо чи даҳшате аз сар гузаронидани ин шаҳр ва бошандагони он аз тасвир берун аст.

Ин ғазал аз вазъи зодгоҳи шоир дар он шабонарӯз ҳикоя мекунад:

Зи тундбоди ҳаводис наметавон дидан
Дар ин чаман, ки гуле будааст ё сумане.
Бубин дар оинаи ҷом нақшбандии ғайб,
Ки кас ба ёд надорад чунин аҷаб замане.
Аз ин самум, ки бар тарфи бӯстон бигзашт,
Аҷаб ки бӯи гуле ҳасту ранги настаране.
Ба сабр кӯш ту, эй дил, ки ҳақ раҳо накунад
Чунин азиз нигине ба дасти аҳрамане.
Мизоҷи даҳр табаҳ шуд дар ин бало, Ҳофиз,
Куҷост фикри ҳакимеву ройи барҳамане[2].

Соли 1385 хони Сарой Тӯхтамиш лашкари зиёда аз мӯрони кӯҳу дашти худро ба болои Табриз рехт. Шаҳр истило ва ғорат шуд. Дар ин қитъаи Камол аз ин ҳуҷуми ногаҳонии бало сухан меравад:

Гуфт Фарҳодоқо ба Мирвалӣ,
Ки Рашидияро кунем обод.
Зари табризиён ба оҷуру санг
Бидиҳем аз барои ин буньёд.
Буд мискин ба кори кӯҳканӣ,
Ки зи мӯрони кӯҳу дашт зиёд
Лашкари подшоҳ Тӯхтамиш

Омаду ҳотиф ин нидо дардод:
Лаъли Ширин ба коми Хисрав шуд,
Кӯҳ беҳуда меканад Фарҳод[3].

Аз ин қитъа ба хубӣ маълум мешавад, ки ҳатто маблағе ҳам, ки аҳли Табрез барои иморат ва ободгардонидани Рашидия ном маҳалле ҷамъ карда будаанд, ба дасти Тӯхтамиш афтодааст. Ин хон харобкории худро тамом карда, вақти баргаштан дар қатори ғаниматҳои бешумори дигар як қисм аз уламо ва фузалои Табрезро ҳам ба пойтахти худ ронд. Камол ҳам, ки дар он айём шӯҳраташ ҳама ҷоро фаро гирифта буд, дар байни онҳо буд.

Ӯ чор сол дар пойтахти хон дар ҳолати ҳабси хонагӣ умр гузаронд. Рӯзу шаб дар интизори наҷот аз ин банд буд. Ин рубоӣ аҷаб не, баёнкунандаи ҳоли онрӯзаи шоир бошад:

Қай бошад аз ин танг бурун омаданам,
Ном аст аз ин нанг бурун омаданам,
Гӯӣ магар аз санг бурун меояд,
Парвонаи аз Санг бурун омаданам[4].

Чи Ҳофиз ва чи Камол зиндагии гӯшанишинона, бетаманно ва ғайри вобастае гузаронидаанд. Ҳикояти мулоқоти Темур бо Ҳофиз, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигар манбаъҳо нақл кардаанд, дар чӣ гуна як ҳолати фақру эҳтиёҷ зиндагӣ кардани Ҳофизро ба хубӣ нишон медиҳад.

«Аз машраби фақр чошнӣ дорад», «аз ҳиммат ба дунъёи дун сар фурӯд наёвардӣ ва бетакаллуфона маош кардӣ» менависад Давлатшоҳ[5].

Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд,
Зи ҳар чӣ ранги тааллуқ пазирад, озод аст.

— мегӯяд худи шоир ва ин мазмун дар як ришта байтҳои дигари вай низ бо сароҳати тамом баён ёфтааст.

Камол дар Хонақоҳ дар камоли қаноат ва ворастагӣ зиндагӣ ба сар бурд.

Овардаанд, ки яке аз бузургони замон хонақоҳе ва мадрасае бино кард ва Камолро ба иқомат дар он ҷо даъват намуд. Шоир гуфт: «Камол сар ба гунбади фалак сар фурӯ намеорад, мехоҳед, ки фиреб хӯрда, ба ин гунбад сар фурӯ орад?[6]

Қамол мегуфт:

Қасри амал чӣ мекунӣ, равзани дилкушо бубин,
Кулбаи фақр хуштар аз шоҳнишини хисравон.

Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» аз тарзи зиндагии Қамол сухан ронда, дар зимн менависад: «Дар зовияе, ки дар Табрез доштааст, хилвате будааст, ки шаб дар он ҷо ба сар мебурда ва касе дигар кам он ҷо мерасида ва чун баъд аз вафоти вай онро дидаанд, ғайр аз бӯрьёе, ки дар он ҷо менишаста ё мехуфта ва санге, ки зери сар мениҳода, чизи дигар наёфтанд.»[7]

Қамол дар пеши молу мулкдорони замон ба сарвати маънавии худ фахр мекард:

Зарталабон ҳамчу дурр ҳалқабагӯш омаданд,
Шукр, к-аз озодагӣ банда дар он силк нест.
Боғ агарам нест, ҳаст нахли маонӣ басе,
Нахли моро баргу шох ҷуз вараҷи килк нест.
Хонаи милкийи ман нест ба ҷуз байти шеър,
Мулки дигар қофияст, қофия худ милк нест[8].

Интихоби чунин як тарзи зиндагӣ ҳар дуи онҳоро аз миннати дунон кашидан барои рифоҳи зиндагӣ озод мекард. Ҳар ду мадиҳасароӣ ва мурочиат ба дарборҳоро ба худ пеша қарор надоданд. Ин тарзи ҳаёт забони таънаомези онҳоро бар зидди риё ва тамаллуқ, дар фош кардани тақводории ҷоҳдӯстона дарозтар, неши суханонашонро тезтар мегардонид ва ба бебокона сухан гуфтанашон имкон медод. Ҳар ду шеъри худро бар зидди зоҳирпарастӣ нигаронидаанд ва фошу бармало гуфтанд:

Фардо, ки пешгоҳи ҳақиқат шавад падид,
Шарманда раҳраве, ки амал бар маҷоз кард...
Ҳофиз, макун маломати риндон, ки дар азал
Моро худо зи зӯҳду риё бе ниёз кард.[9]

Қамол дар ин мазмун бо Ҳофиз ҳамовоз мешавад:

Зоҳидон камтар шиносанд он чи моро дар сар аст,
Фикри зоҳид дигару савдои ошиқ дигар аст.

Зоҳидо, даъват макун моро ба Фирдавси барин
Қ-остони ҳиммати соҳибдилон з-он бартар аст...
Май ба рӯи гулрухон хӯрдан хуш аст, аммо чӣ суд,
Ин саодат зоҳидони шаҳри моро камтар аст.
Мо ба риндӣ дар бисоти курб рафтему ҳанӯз
Ҳамчунон пири маломатгар ба пои минбар аст.
Чун қалам ангушт бар ҳарфам манеҳ, сӯфӣ, ки ман
Хирқа кардам раҳни мастону сухан дар дафтар аст.[10]

Қамол низ мисли Ҳофиз бадномии риндиро аз обрӯю эътибори зоҳидии зоҳирӣ афзалтар мешуморад ва мегӯяд:

Ман он беҳтар, ки бошам ринду омӣ,
Ки некӯ нест зӯҳду некномӣ.[11]

Дилбастагӣ ва муҳаббат ба зодгоҳи худ дар ашъори ҳар ду ин устоди сухан назари диққатро ҷалб менамояд. Ҳофиз аз зодгоҳаш Шероз дил канда ба ҷое рафтан намехоҳад. Манбаъҳои таърихӣ чандин бор ба шаҳру вилоятҳои гуногун, аз ҷумла ба Бағдод ва Ҳиндустон даъват шудани Ҳофиз ва ба ғайр аз як сафари кӯтоҳмуддат (ба шаҳри Язд) ба ҷои дигар нарафтани вайро қайд мекунанд. Ҳофиз ба ин сабаб нишон дода мегӯяд:

Намедиҳанд иҷозат маро ба сайру сафар
Насими хоки Мусаллову оби Рукнобод[12].

Ҳофиз, ки аз нарасидани аҳли Шероз ба қадри сухандонию хушхониаш гилаҳо дорад, бо вуҷуди ин Шерозро аз тамоми шаҳрҳои дунъё бартару беҳтар медонад. «Агарчи Зиндарӯд оби ҳаёт аст, вале Шерози мо аз Исфаҳон беҳ» мегӯяд вай, чунки «Шероз маъдани лаби лаъл асту кони ҳусн» ва «ҳавои манзили ёр оби зиндагонии» Ҳофиз мебошад.

Қамол низ ба ватани аслиаш Хуҷанд дилбастагии хосе дорад. Ӯ дар ғазалҳояш хуҷандӣ будани худро бо ифтихори тамом қайд ва номи ин шаҳрро бо муҳаббати фаровон зикр мекунад. Обдорӣ ва ширинии меваҳои Хуҷанд, биҳию анори он, дарьёи Хӯҷанд ва кӯҳи Миюғил ба вай чун воситаи тасвири бадеӣ хизмат мекунанд. Кӯҳи Хуҷанд дар шеъри Қамол ҳамчун образи баландӣ, зебоӣ ва маҳкамӣ оварда мешавад:

Чун кӯҳи Хуҷанд омад ин шеър
Бо обу баландному маҳкам.[13]

Камол ҳангоми ҷӯшу хурӯши эҳсосот ба ёди ватани азизи худ меафтад ва ба дур афтодагон аз худ паём мефиристад.

**Эй боди баҳор, к-аз ту хушбӯст**
Маҷлис ба равоеҳи абирам,
Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон
Аз ман, ки ба ёри чин асирам[14].

Дар натиҷаи мулоҳизаи ашъори Ҳофиз ва Камол ва аз маълумоте, ки манбаъҳои адабӣ медиҳанд дида мешавад, гуфтаҳои ин ду халлоқи нодиракори ғазал дар замони ҳаёти худашон манзури назари якдигар гардидааст.

Ҳофиз аз ҷумлаи он шоирони хушбахти мо мебошад, ки шеъраш дар айёми зиндагиаш ба чаҳор сӯи интишори забони форс-тоҷик расида ва ба гӯяндаи он шӯҳрати бузурге оварда буд. Ҳанӯз дар замони зиндагии Ҳофиз будааст, ки «сияҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ» ба шеъри ӯ рақсида ва менозидаанд. Ин суръати паҳншавии ашъораш худи шоирро низ ба шигифт меоварад:

Тайи макон бибину замон дар сулуки шеър,
К-ин тифли якшаба раҳи садсола меравад[15].

Камол низ айни ҳамин фикрро дар бораи паҳншавии ашъори худ дар чанд ҷои девонаш баён ва «овораи шаҳрҳо» будани шеъри худро ба сабабе зикр мекунад.[16]

Ҳарчанд бо ҳамдигар мулоқот кардан ба Ҳофиз ва Камол муяссар нашуда, вале эҳтимоли қавӣ меравад касоне будаанд, ки дар байни Шерозу Табрез рафтуомад дошта, паёми онҳоро ба якдигар расонда ва ашъори якеро ба дигаре ба армуғон мебурдаанд. Бояд дар асоси маълумоти ин гуна касон бошад, ки манбаъҳо дар сифат ва хислати ин ду марди бузург ривоятҳое нақл кардаанд. Чунончи, Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» менависад: «Ва баъзе аз орифон, ки ба сӯҳбати шайх Камол ва Ҳофиз ҳар ду расидаанд, чунин фармудаанд, ки сӯҳбати шайх беҳ аз шеъри вай ва шеъри Ҳофиз беҳ аз сӯҳбати ӯ» аст.[17]

Ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ: «Шайх дар охири ҳол мӯътақиди хоҷаи Шероз буда ва хоҷа Ҳофизро шайх Қамол нодида, хулӯс ва эътиқоди муаккад буд ва ҳамвора суханони шайхро талаб намудӣ ва аз ғазалҳои рӯҳафзои ҳазрати шайх ӯро завқе ҳосил шудӣ. Ва шайх Қамол ин ғазалро пеши Хоҷа Ҳофиз ба Шероз фиристод: «Гуфт ёр аз ғайри мо пӯшон назар, гуфтам, ба чашм». Гӯянд, ки чун хоҷа Ҳофиз ин мисраъ бархонд, ки: «Ташнагонро муждае аз мо бубар, гуфтам ба чашм» риққате ва ҳолате кард ва гуфт: «Машраби ин бузургвор олист»[18].

Дар девони ин ду шоир ба байтҳое вомехӯрем, ки аҷаб не, ҷавобан ё киноятан ба якдигар гуфта шуда бошанд. Чунончи Ҳофиз мегӯяд:

> Ироқу Форс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ҳофиз,
> Биё, ки навбати Бағдоду вақти Табрез аст[19].

Қамол мегӯяд:

> Ман, ки Хоразм гирифтам ба суханҳои ғариб,
> Набувад майли Ироқу ҳаваси Табрезам[20].

Ҳофиз ва Қамол як силсила ғазалҳо доранд, ки дар равияи якдигар гуфтаанд, вале азбаски шоирони давраҳои гузаштаи мо ба шеърҳои худ таърих намегузоштаанд, дар татаббӯъ ба якдигар пешқадам будани кадом як аз онҳоро гуфтан душвор аст.

Дар сабк ва шакли шеъри якдигар шеър гуфтан барои шоири гузашта, ҳар қадар бузургвор ҳам бошад, айб шумурда намешуда, балки дар чорчӯбаи як ғазал бо ҳамон вазну қофия мазмуни нав офаридан ҳунари шоир ба ҳисоб мерафтааст. Қамол дар як ғазали худ, ки ба равияи ғазали Ҳофиз бо матлаъи «Ситорае бидурахшиду моҳи маҷлис шуд», гуфта шудааст дар чанд лаҳза ба суханони Ҳофиз ишораҳое карда ва дар мақтаъ, пас аз зикри тахаллуси худ, тахаллуси Ҳофизро ҳам овардааст.

Дар ин ғазал, ки дар як вазн бо овардани айни як қофия, дар пайравӣ ба ғазали Ҳофиз гуфта шуда ва мазмун ҳам дар ҳар ду ғазал ишқист, рангу бӯи ба Қамол махсусе мушоҳида мешавад. Хонанда аз ҳар ду ғазал завқ ва лаззати тозае мегирад. Таҳлили муқоисавии ин қабил ғазалҳо,

ки ба тариқи татаббӯъ гуфта шудаанд, дар бораи услуб, дар бораи расми хат, тарзи образ офаридани ҳар як аз онҳо ба тадқиқкунанда материали гаронбаҳое дода метавонад.

Ҳофиз ва Қамол аз устодони ғазал дар асри худ мебошанд ва дар санъати шеърӣ, дар масъалаи пазондани шеър, техникаи он метавон гуфт, ки ҳампояи якдигаранд.

Диққат ба ғазалҳои Ҳофиз ва Қамол пеш аз ҳама инро нишон медиҳад, ки онҳо дар болои ҳар як ғазал, ҳар як байт, ҳатто ҳар як мисраъи худ бодиққат кор карда, ғазалҳои худро аз «байтҳои ғазалпуркун» пок нигоҳ доштаанд. Хусусан Қамол устоди сайқал додани шеър аст. Байтҳои ҳафтгонаи вай дар ғазалҳояш, аҷаб не, аз байни чандин байт интихобан гирифта шудаанд. Қамол аз зиёдагӯӣ худдорӣ кардан ва аз ҳафт байт зиёд ғазал нагуфтани худро такроран қайд мекунад:

> Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт,
> Чу гуфтори Салмон нарафта зи ёд.
> Ки Ҳофиз ҳамехонадаш дар Ироқ,
> Баланду равон ҳамчу сабъи шидод.
> Ба буньёд ҳар ҳафт чун осмон,
> Қ-аз ин ҷинс байте надорад Имод[21].

Қамол дар ин ҷо манзури назари Ҳофиз шудани ғазалҳояшро ифтихоромезона зикр карда, аз гуфтаҳои ҳамасронаш Салмони Соваҷӣ ва Имоди Фақеҳи Кирмонӣ баланд истодани гуфтаҳои худро қайд мекунад.

Яке аз хусусиятҳои намоёни ин ду устоди ғазал на ба миқдор, балки ба сифати бадеии асарҳои худ кӯшиши фаровон кардани онҳост.

Як назари иҷмолӣ ба эҷодиёти ин ду устоди ҳамасри назми мо, ки метавон гуфт, бо огоҳӣ аз осори якдигар шеър гуфтаанд, зарурати омӯхтани муқоисавии осори ин қабил устодонро ба майдон мегузорад. Дар ин мавридҳо чунон ки баъзеҳо то ҳол кардаанд, ба шакли шеър не, ба монандии вазну қофия не, балки ба ин аҳамият додан лозим аст, ки ҳар як аз онҳо дар доираи анъанаи адабии замони худ, бо кор фармудани як вазну қофия, ҳатто истеъмоли айни калимаҳо эҳсосоти худро чӣ гуна баён карда ва чӣ чизи наве офаридаанд.

Ин корро нисбат ба эҷодиёти Ҳофиз ва Камол, ки фарзанди як асри пурошӯб буда, дар шароити зиндагӣ ва эҷодиёти худ қаробатҳое доранд, кардан барои зоҳир сохтани шахсияти эҷодии ҳар як аз онҳо хеле арзишнок хоҳад буд.

Афсӯс ки дар ин соҳа дар адабиётшиносии мо чунон ки бояду шояд, кор карда нашудааст[22]. Дар ин бобат пеш аз ҳама тадқиқоти хеле пурарзиши профессор И. С. Брагинскийро дар бораи Ҳофиз ва Камол қайд кардан лозим аст, ки дар «Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик»[23] ва «Дувоздаҳ миниатюр»[24] ном асарҳои вай нашр шудаанд. С. Брагинский дар ин тадқиқоти худ ба нишон додани сарчашмаҳое, ки эҷодиёти ин ду шоир аз он ҷо обьёрӣ шуда ва нашъунамо ёфтааст, кӯшида, осори онҳоро вобаста ба эҷодиёти ҳамзамонони онон мавриди муҳокима қарор додааст.

Тадқиқот дар ин соҳа яке аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки дар назди адабиётшиносии тоҷик меистад.

---

[1] «Дар ин хунфишон арсаи растхез,
Ту хуни сурохӣ ба соғар бирез».
«Сари фитна дорад дигар рӯзгор,
Ману мастию фитнаи чашми ёр».

Девони Ҳофиз, ба эҳтимоми Муҳаммади Қазвинӣ ва доктор Қосими Ғанӣ. Теҳрон, 1942, саҳ. 359—360.

[2] Девони Ҳофиз, саҳ. 338.

[3] Девони Камолиддини Масъуди Хуҷандӣ, ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Азизи Давлатободӣ. Табрез. 1337 ҳ. қ. саҳ. 383.

[4] Девони Камол, саҳ. 393.

[5] Давлатшоҳ. «Тазкират-уш-шуаро», ба таҳқиқ ва тасҳеҳи М. Аббосӣ. Теҳрон, 1337 ҳ. қ., саҳ. 338.

[6] Девони Камол, саҳ. панҷ.

[7] Ҷомӣ. «Нафаҳот-ул-унс», ба тасҳеҳи М. Тавҳидипур. Теҳрон, 1336, ҳ. қ. саҳ. 612.

[8] Девони Камол, саҳ. 379.

[9] Девони Ҳофиз, саҳ. 91.

[10] Девони Камол, саҳ. 63.

[11] Девони Камол, саҳ. 369.

[12] Девони Ҳофиз, саҳ. 70.

[13] Девони Камол, саҳ. 378.

[14] Девони Камол, саҳ. 272.

[15] Девони Ҳофиз, саҳ. 152.

[16] Девони Камол, саҳ. 380.

[17] Ҷомӣ. «Баҳористон». Душанбе, 1966, саҳ. 108.

[18] Д а в л а т ш о ҳ. «Тазкират-уш-шуаро», саҳ. 365.

[19] Девони Ҳофиз, саҳ. 30.

[20] Девони Қамол, саҳ. 283.

[21] Девони Қамол, саҳ. 384.

[22] Профессор Ш. Ҳусейнзода дар тадқиқоти худ оид ба Қамол ба муносабати эҷодии Ҳофиз ва Қамол низ дахл кардааст. Мо умедворем, ки ин татаббӯи пурарзиш ҳар чи зудтар нашр ва дастраси хонандагон мегардад. А. Афсаҳзод дар мақолаи худ «Ҳофиз ва Қамол» («Комсомоли Тоҷикистон», № 122, 11 октябри соли 1970) муносибати ин ду шоири бузургро мавриди баҳс қарор додааст.

[23] И. С. Б р а г и н с к и й. Очерки из истории таджикской литературы, Сталинабад, 1956, стр. 207—264.

[24] И. С. Б р а г и н с к и й. «12 миниатюр». М., 1966, стр. 220—262.

*Н. САЙФИЕВ*

## ҲОФИЗ ВА САЛМОНИ СОВАҶӢ

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки дар чаманистони назми асри XIV форсу тоҷик ҳамчун булбули хушхон нағмасарой карда, бо ғазалиёти сеҳрангезу баландғояи худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст, дар таърихи адабиётамон мақоми хосс дорад. Шоирони бомаҳорати муосири ӯ, ба монанди Хоҷуи Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ, Салмони Соваҷӣ, Ибни Ямини Фарьюмадӣ, Носири Бухорой, Ҷалоли Табиби Шерозӣ, Ассори Табрезӣ, Авҳадӣ ва амсоли инҳо, истеъдоди баланди шоирӣ дошта, аз худ мероси адабӣ боқӣ гузошта бошанд ҳам, дар адабиёти он давр Ҳофиз ҳамчун сухансарои баландпарвоз ва мақбули умум мавқеи алоҳидаро ишғол намудааст. Вале Хоҷа Ҳофиз дар инкишофи истеъдоди шоирӣ ва ба пояи баланд бардоштани жанри ғазал аз таъсири эҷодиёти чанд нафари онҳо, алалхусус Хоҷуи Кирмонӣ ва Салмони Соваҷӣ бебаҳра намондааст. Дар ин бора худи Хоҷа Ҳофиз дар баъзе мавридҳо ишора карда бошад ҳам, аз як қатор ғазалҳои ӯ бидуни ишораи махсуси шоир низ ин масъала равшан намудор мегардад. Хоҷа Ҳофиз ғазале дорад, ки матлааш ин аст:

Эй, дар чамани хубӣ рӯят чу гули худрӯ,
Чини шикани зулфат чун нофаи Чин хушбӯ.

Дар мақтаи ин ғазал Ҳофиз эътироф мекунад, ки ӯ дар ғазалсарой ба ғазалҳои Хоҷуи Кирмонӣ пайравӣ намудааст:

Устоди ғазал Саъдӣ пеши ҳама кас, аммо
Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу[1].

Эҷодиёти Салмони Совачӣ, ки ӯ дар соҳаи шеъру шоирӣ, аз ҷумла дар ғазалсароӣ аз устодони баландмаҳорати адабиёти асри XIV эътироф шудааст, низ аз диққати Хоҷа Ҳофиз бар канор намондааст. Хоҷа Ҳофиз ба Салмони Соваҷӣ ва ашъори вай ҳусни таваҷҷӯхи махсус дошта, шеърҳои ӯро муттасил мутолиа менамудааст. Чунон ки Сиддиқи Ҳасанхон менависад, Салмон ҳам «бо Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ салому паём дошт ва мусаввадоти ашъори худ мефиристод»[2]. Дар шеърҳои Ҳофиз бо эҳтироми комил номбар шудани Салмон боз як далели муносибати эҷодӣ ва дӯстонаи ин ду адиби номӣ мебошад. Хоҷа Ҳофиз дар як шеъри худ ба Салмон ва мартабаи шоирии ӯ баҳои баланд дода, ӯро «шаҳаншоҳи фузало» ва «подшоҳи мулки суҳан» номидааст:

Саромади фузалон замона донӣ, кист,
Зи роҳи сидқу яқин, не зи роҳи кизбу гумон?
— Шаҳаншаҳи фузало, подшоҳи мулки сухан,
Ҷамоли миллату дин, хоҷаи ҷаҳон Салмон[3].

Мартабаи шоирии Салмон ва таровати асарҳои ӯ аз тарафи адибони дигар низ эътироф карда шудааст. Чунончи, сухансаҷҷи асри XIV Шайх Рукниддин Алоуддавлаи Самнонӣ шеъри шоирро чунин васф намудааст: «Ҳамчу анори Самнон ва шеъри Салмон дар ҳеҷ ҷо нест».[4]

Дар воқеъ, агар мо эҷодиёти Салмони Соваҷиро амиқтар мутолиа намоем, ба хубӣ ошкор хоҳад шуд, ки баҳои баланди ба мартабаи шоирии ӯ додаи устоди каломи бадеъ Ҳофиз беҳуда набуда, ба вай ҳусни таваҷҷӯҳ доштанаш бештар ба маҳорати ғазалсароӣ ва ба мазмунофариниву ташбеҳоти навро ба кор бурдани Салмон вобастагӣ доштааст. Бо ҳамдигар «салому паём» доштан ва аз шеърҳои якдигар воқиф будани ин ду устоди сухан ба муносибатҳои эҷодии онҳо низ бетаъсир намондааст. Дар девони ашъори лирикии ҳар ду шоир низ як қатор байт, порча ва ғазалҳои пурраеро дидан мумкин аст, ки ҳамоҳанг, мазмунан наздик ва аз ҷиҳати тарзи ифодаи фикр ҳамранг мебошанд. Дар баъзе аз ин гуна порчаҳо, чунон ки онҳоро олими ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ таҳқиқ намудааст, гоҳо «тақлидкории» Ҳофиз мушоҳида карда мешавад. Масалан, Салмон чунин байте дорад:

Моем баста дилро дар лаъли дилкушоят,
Боре ба ханда бикшо, то дил шавад кушода[5].

Ҳофиз ҳам дар ғазали худ ба ин равия байте гуфтааст:

З-ин зӯҳду порсоӣ бигрифт хогири ман,
Соқӣ, пиёлае деҳ, то дил шавад кушода[6].

Ин байтҳои Салмону Ҳофиз бо ҳам хеле наздик ва ҳамоҳанг мебошанд. Илова бар он ки ҳар ду шоир ибораи «То дил шавад кушода»-ро истеъмол намудаанд, бо мақсади пуртаъсирӣ ва барҷаста баён ёфтани фикр аз санъати тазод истифода бурдаанд: агар дар шеъри Салмон ин санъат дар истифодаи мафҳумҳои «бастану кушодан» зоҳир шуда бошад, дар шеъри Ҳофиз ба воситаи «гирифтану кушодан» ба амал омадааст. Ба таҳқиқи Шиблии Нӯъмонӣ, «бастану кушодани» Салмон «зиёда софу сареҳ» буда, «тавҷеҳ ва таълили кушудани дил дар байти Салмон лафзан ва маънан зиёда равшан аст»[7]. Вале бо вуҷуди ин, байти Ҳофиз аз ҷиҳати ғоя фарқ карда меистад. Ин гуна «тақлид» дар шеърҳои Ҳофиз ниҳоят каму ночиз ба назар бармехӯрад ва дар байни шеърҳои баландмазмуну сеҳрангези ӯ нопадид мегардад. Дар девони ашъори Ҳофиз хеле порчаҳоро дучор кардан мумкин аст, ки онҳо дар пайравии шеърҳои Салмон гуфта шуда бошанд ҳам, комилан бартарӣ доранд. Барои далел байтҳои зеринро аз назар гузаронем.

Байти Салмон:

Риндиву зоҳидиву қаллошӣ
Ҳеҷ шак нест, ки дар мо ҳама ҳаст[8].

Байти Ҳофиз:

Ошиқу ринду назарбозаму мегӯям фош,
То бидонӣ, ки ба чандин ҳунар оростаам[9].

Ин ду байт аз ҷиҳати ғоя ва мазмун ба як дигар наздик аст, вале аз нуқтаи назари тарзи ифода байни онҳо тафовути муайяне ҷой дорад. Дар байти Салмон тарзи баён мустаҳкам ва устувор аст, ӯ дар мисраи дуйӯм ҳамаи он чизеро, ки дар худ дорад, номбар мекунад, вале фикри ӯ шубҳа-

нок ифода гардида, равшан намегардад, ки шоир аз ин пушаймон аст, ё худ фахр дорад. Баръакс, Ҳофиз дорои ин хел сифатҳо буданро кам дониста, таъкидан «онҳоро мояи фахру мабоҳоти худ карор медиҳад»[10].

Ингуна барҷастагӣ ва бартариро дар байтҳои зиёди Ҳофиз дида метавонем, вале ин ҷо бо зикри намунаи дигар, ки аз он ҳолати боло боз бештар ба назар намоён мешавад, маҳдуд хоҳем шуд.

Байти Салмон:

Макун маломати риндону зикри бадномӣ,
Қи ҳар чӣ пеши ту танг аст, пеши мо ном аст[11].

Байти Ҳофиз:

Гарчи бадномист назди оқилон,
Мо намехоҳем нангу номро[12].

Бояд қайд намуд, ки шабоҳату ҳамоҳангӣ ва наздикӣ бисьёртар дар он ғазалҳои Ҳофиз ва Салмон ҷой доранд, ки онҳо ҳамчун назира гуфта шудаанд. «...Рӯи ғазалҳои Салмон ҳам, — менависад Шиблии Нӯъмонӣ ба масъалаи муносибати эҷодии онҳо ишора намуда, — ғазалҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо низ ин қадар таворуд вуҷуд дорад, ки барои хонанда байни ин ду калом (каломи Ҳофиз ва Салмон. — Н. С.) иштибоҳ шуда, наметавонад онҳоро аз ҳам тамиз бидиҳад».[13]

Дар ҳақиқат, ин гуна ҳамоҳангӣ ва монандии шеърҳои Ҳофизу Салмон баъзан то ба дараҷаест, ки байни онҳо ҳатто тафовут гузоштан мумкин намешавад. Ин ҳолатро дар байтҳои поёнӣ хеле равшан мушоҳида карда метавонем.

Байти Ҳофиз:

Хоҳӣ, ки равшанат шавад асрори дарди ишқ
Аз шамъ пурс қисса, зи боди ҳаво мапурс[14].

Байти Салмон:

Хоҳӣ, ки равшанат шавад аҳволи дарди ман,
Даргир шамърову зи сар то ба по бипурс[15].

Барои он ки ғазалҳои истиқболияи Ҳофиз ва Салмон ҳамчун анъана санаи таълиф надоранд, бинобар ин равшан кардан ғайриимкон аст, ки кадоме аз онҳо аввал ғазали худро гуфтаасту пас кадоме ҷавоб навиштааст. Вале ин барои муайян намудани хусусияти ғазалҳои ҷавобияи онҳо халал намерасонад. Муқоисаи ғазалҳои назиравии Ҳофизу Салмон ба хубӣ нишон медиҳад, ки онҳо ба хусусиятҳои шаклӣ ва мазмуни умумии ашъори якдигар эҷодкорона пайравӣ намуда, ба талаботи анъанавии назирасароӣ пурра риоя кардаанд. Чунончи, ғазалҳои зеринро, ки дар истиқболи ҳамдигар гуфта шудаанд, аз ҳамин ҷиҳат дида бароем.

Ғазали Салмони Соваҷӣ:

Дар азал акси маи лаъли ту дар ҷом афтод,
Ошиқи сӯхтадил дар тамаи хом афтод.
Ҷомро аз шакари лаъли лабат нуқле кард,
Рози сарбастаи хум дар даҳани ом афтод.
Холи мушкини ту бар орази гандумгун дид,
Одам омад зи паи донаву дар дом афтод.
Бод зуннори сари зулфи ту аз ҳам бикушуд,
Сад шикан аз тарафи куфр ба ислом афтод.
Ишқ дар куштани ушшоқ тағофул мекард,
Аввалин қуръа ки зад, бар мани бадном афтод.
Савсан андар чаман озодии сарват мекард,
Норуни рози ҳасад ларза бар андом афтод.
Санами Чин ба ҷамоли ту ташбеҳ мекард,
Номи маъбудӣ аз он рӯй бар асном афтод.
Дӯш Салмон ба қалам шарҳи ғами дил мекард,
Оташ андар вараку дуд дар ақлом афтод.[16]

Ғазали Хоҷа Ҳофиз:

Акси рӯи ту чу дар оинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом афтод.
Ҳусни рӯи ту, ки дар оина як ҷилва намуд,
Ин ҳама нақш дар оинаи авҳом афтод.
Ғайрати ишқ забони ҳама хубон бибурид,
К-аз куҷо банди ғамаш дар даҳани ом афтод.
Ман зи масҷид ба харобот на худ афтодам,
Инам аз аҳди азал ҳосилу фарҷом афтод.

Чӣ кунад к-аз паи даврон наравад чун паргор,
Ҳар кӣ дар доираи гардиши айём афтод.
Дар ғами зулфи ту овехт дил аз чоҳи занах,
Оҳ, к-аз чоҳ бурун омаду дар дом афтод.
Он шуд, эй хоҷа, ки дар савмиа бозам бинӣ,
Кори мо бо рухи соқиву лаби ҷом афтод.
Ҳар замон бо мани дилсӯхта лутфе дигар аст,
Ин гадо бин, ки чӣ шоистаи инъом афтод.
Сӯфиён ҷумла ҳарифанду назарбоз, вале
З-ин миён Ҳофизи дилсӯхта бадном афтод.[17]

Дар ин ду ғазал қонуну қоидаҳои анъанавии назирасароӣ ба хубӣ риоя карда шудааст: ҳар ду ғазал бо як вазни арӯз—баҳри рамали мусаммани махбуни аслам, ки аз ду бор такрор шудани «фоилотун фоилотун фаилотун фаълун» (рукни охири мисраъҳои аввали ҳар байти баъди матлаъ ба шакли махбуни маҳзуф—«фаилун» омадааст, ки ба ду ҳиҷои дарози «фаълун» баробар аст) иборат мебошад, навишта шудааст; қофияи он низ як хел буда, калимаи «афтод» радифи онҳоро ташкил додааст. Аз нуқтаи назари мазмуну мундариҷа ҳар ду ғазал ба мавзӯи анъанавии ишқу муҳаббат бахшида шудааст. Вале илова бар ин ки дар ғазали Ҳофиз бештар ақидаи риндӣ ифода гардидааст, аз ҷиҳати тарзи ифодаи фикр, офариниши мазмунҳои тозаи фардӣ, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, ба монанди истиора, ташбеҳ, тавсиф, тазод, талмеҳ ва ғайра, инчунин тариқи пайвастагии калимаю ибораҳо дар ғазалҳои боло рафтори мустақилона ва эҷодкоронаи шоирон ҳис карда мешавад.

Ин гуна ғазалҳоро, ки дар девони ду суханвари номӣ беш аз 25 ададро ташкил медиҳанд, зиёд овардан мумкин буд, вале аз сабаби доираи танги мақола бо нишон додани чанд матлаи дигари ғазалҳои Ҳофиз ва Салмон иктифо менамоем.

Ҳофиз:

Эй фурӯғи ҳусни моҳ аз рӯи рахшони шумо,
Обрӯи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо.[18]

Салмон:

Қиблаи мо нест ҷуз меҳроби абрӯи шумо,
Давлати мо нест илло дар сари кӯи шумо.[19]

Ҳофиз:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Қанъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр.[20]

Салмон:

Бардамад субҳи нишот аз матлаи ҷон, ғам махӯр
В-ин шаби савдо расад рӯзе ба поён, ғам махӯр.[21]

Ҳофиз:

Дар вафои ишқи ту машҳури хубонам чу шамъ,
Сарнишини кӯи сарбозону риндонам чу шамъ.[22]

Салмон:

Чанд гӯӣ бо ту як шаб рӯзгардонам чу шамъ,
Бас аҷаб дорам, ки имшаб то саҳар монам чу шамъ.[23]

Ҳофиз:

Он ки аз сунбули ӯ ғолия тобе дорад,
Боз бо дилшудагон нозу итобе дорад.[24]

Салмон:

Доми зулфи ту ба ҳар ҳалқа танобе дорад,
Чашми масти ту ба ҳар гӯша харобе дорад.[25]

Чи тавре ки аз ғазалу матлаъҳои боло дида мешавад, Ҳофиз ва Салмон дар ғазалҳои ҷавобияи худ ҳамчун шоирони мустақилэҷод намоён мегарданд, ки ба ҷиҳатҳои маънавӣ ва рӯҳияи мундариҷавии шеъри якдигар комилан риоя намудаанд. Яке аз сабабҳои ҳамоҳангӣ ва шабоҳатнокии ғазалҳои истиқболияи онҳо низ дар ҳамин будааст. Олими Эрон Тақии Тафаззулӣ сабаби дигари ҳамрангии шеъри ин ду шоирро дар наздикии сабки онҳо донистааст. «Вале бештар аз ҳама, — менависад ӯ, — сабки ғазалсароии Салмон наздик ба сабки Ҳофиз аст ба ин тартиб, ки дар ғазалиёти Салмон ба баъзе истилоҳот ва таркибот бармехӯрем, ки онҳоро дар девони Хоҷа Ҳофиз низ меёбем ба ин тафо-

вут, ки Хоҷа Ҳофиз он истилоҳот ва таркиботро ба ҳадди камоли лутфи лафзи маънӣ расонидааст»[26].

Рашид Ёсимӣ ҳам аз ҷиҳати забон ба ҳам наздик будани ғазалҳои Ҳофиз ва Салмонро таъкид намуда гуфтааст: Ҳофиз «махсусан тарзи ғазалсароии Салмон маҳсуб медошт, алфоз ва ҷумалот ва истилоҳоте, ки Ҳофиз ба дараҷаи камол расонидааст, дар ашъори Салмон низ дида мешавад, чунон ки гоҳе шахсе тасаввур мекунад ба мутолиаи девони Ҳофиз машғул аст».[27]

Гуфтаҳо ва иқтибосҳои боло, албатта, маънии онро надоранд, ки гӯё ғазалиёти Ҳофиз ва Салмон дар як поя қарор гирифта, хусусиятҳои ба худ хосро касб накарда бошанд. Дар такомулоти жанри ғазал ва ба пояи устувор бардошта шудани он роли бузурги Ҳофиз маълум аст. Ба Ҳофиз нисбат додани лақаби «Лисон-ул-ғайб» низ маҳз аз эътироф карда шудани маҳорати фавқулоддаи ғазалсароии ӯ ба миён омадааст. Ба ин масъалаи эҷодиёти Ҳофиз ва роли ӯ як қатор тадқиқотчиёни таърихи адабиёти форсу тоҷик қайдҳо намудаанд. Аммо дар соҳаи ғазалсароии адабиёти асри XIV хизмати муайяни Салмони Соваҷиро ҳам қайд накардан мумкин нест. Салмон агарчанде дар назди аҳли адаб ҳамчун устоди қасида маъруф гардидааст, вале дар ғазалсароӣ низ мавқеи хосе дорад. Дар куллиёти ашъори ӯ ҷой доштани зиёда аз 400 ғазал, ки бо маҳорати хуби шоирона гуфта шудаанд ва аксари онҳо ба ҳамаи талаботи ғазалсароӣ мувофиқат доранд, гувоҳи қотеи ин фикр мебошад. Агар Салмони Соваҷӣ дар инкишофи минбаъдаи жанри ғазал хизмати муайяне дошта, устоди моҳири қасида ба шумор равад, Хоҷа Ҳофиз маҳз ғазалсароиро ба камолоташ расонида, дар ин соҳа роли ниҳоятдараҷа калон бозидааст. Беҳуда нест, ки Ҳофиз ва Салмон ҳанӯз дар вақти барҳаёт будани худ назар ба адибони дигари он давр ҳамчун суханварони бомаҳорату баландпоя—яке дар қасида ва дигаре дар ғазал—шӯҳрати босазое пайдо кардаанд. Бо вуҷуди ин, дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва тарзи баён дар ашъори онҳо як навъ умумият ва қаробате ба миён омадааст, ки бештари мутолиакунандагон аз тафриқаи ашъори онҳо оҷиз мондаанд ва ин сабаби омезиш ёфтани баъзе аз шеърҳои ин ду нафар сухансарои бузург гаштааст. Ба ин муносибат ба тариқи ихтисор овардани шеъри шоири муосир ва ҳамшаҳрии Хоҷа Ҳофиз—Рӯҳи Аттори Шерозӣ ҷоиз аст. Муво-

фиқи қайди Рӯҳи Аттор, гурӯҳе аз адибони давр аз ӯ суол кардаанд, ки шеъри Ҳофиз беҳтар аст, ё худ шеъри Салмон. Рӯҳи Аттор ба ин суол ҷавоб гардонида, хусусияти ашъори ҳар якеро нуктасанҷона нишон медиҳад ва байни онҳо фарқи ҷиддӣ намегузорад:

Намудаанд чунин моликони мулки сухан,
Ки кардаанд мусаххар ҷаҳон ба теғи баён,
Ба ин камина, ки аз тири фикри хеш бипурс,
Ки нутқи Ҳофиз беҳ, ё фасоҳати Салмон?
Чу кардам ин сухан аз пири ақл истифсор,
Ки эй хулосаи адвору зубдаи аркон,
Бигӯ, ки шеъри кадомин аз ин ду некӯтар,
Ки бурдаанд кунун гӯи шӯҳрат аз майдон?
Ҷавоб дод, ки Салмон ба баҳр мумтоз аст
Ба лафзи дилкашу маънии бикру шеъри равон.
Дигар, таровати алфози ғазли Ҳофиз бин,
Ки шуд балоғати ӯ рашки чашмаи ҳайвон.
Яке ба гоҳи баён тӯтиест шаккарбор,
Яке ба назми равон булбулест хушилҳон.
Зи бурҷи хотири ин моҳи назм рахшанда,
Зи дурҷи фитрати он лӯълӯи сухан резон.
Дар ин маҳосини ахлоқ чун инаб пурбор,
Дар он фунуни фазоил чу дона дар раммон.
Яке ба гулшани назм аст савсани озод,
Яке ба боғи латоиф чу лолаи нуъмон,
Яке мувофиқи табъи латиф ҳамчун ақл,
Яке муносиби ҷисми шариф ҳамчун ҷон.
Ҳазор рӯҳ фидои дами чу Исои ин,
Ҳазор ҷони киромӣ нисори гуфтаи он.[28]

Масъалаи дигар, ки дар боло ишора шуд ва оид ба он ҳам чанд сухан гуфтан лозим мешавад, ин дар натиҷаи шабоҳату ҳамоҳангӣ ба девони ашъори якдигар гузаштани баъзе аз ғазалҳои Салмон ва Ҳофиз мебошад. Ин ҳолат махсусан ба девони шеърҳои Хоҷа Ҳофиз бештар рӯй дода будааст. «Иллати ин ҳам, — менависад Рашид Ёсимӣ, — на танҳо бедиққатии муҳарририн аст, балки бештар ба воситаи наздикии сабкҳо ва истиқболҳост, ки ба якдигар кардаанд».[29] Аббос Иқбол низ ба ҳамин ишора намуда гуфтааст: «Ба воситаи камоли шабоҳат ба ғазалиёти Ҳофиз баъ-

зе аз онҳоро (баъзе ғазалҳои Салмонро. — Н. С.) ба ғалат дар девони Хоҷаи Шероз гунҷондаанд».[30]

Рашид Ёсимӣ таъкид намудааст, ки чор ғазали Салмони Соваҷӣ ба девони шеърҳои Ҳофиз бо тахаллуси ӯ дохил шудааст. Аз ҷумла, муаллиф матлаи зерини ғазалро овардааст, ки он дар ҳақиқат дар нусхаҳои қадимтарини девони ашъори Ҳофиз дида намешавад:

Мезанам ҳар нафас аз дасти фироқат фарьёд,
Оҳ, агар нолаи зорам нарасонад ба ту бод.

Ин ғазали Салмони Соваҷӣ ба девони Ҳофиз бешубҳа аз беэътиноии мураттиб ва ё муҳаррири девони ӯ сонитар гузаштааст. Ҳангоми ба девони ашъори Ҳофиз дохил намудани ғазали Салмон мураттиб ё муҳаррир чунин таҳрир даровардааст:

1) Байти зеринро, ки дар он шаҳри Бағдод номбар шудааст ва Салмон дар он ҷо дар дарбори хонадони Ҷалоирия солҳо пайвастагӣ дошта, хизмат менамуд, партофтааст:

Гар аз ин кам нашавад нолаву сӯзам боре,
Бими он аст, ки селоб равад дар Боғдод.

2) Мисраи якӯми байти мақтаъ—«Мани бедилшуда мустағриқи ёдат шабу рӯз»-роислоҳ намуда ва аз ғазал тахаллуси Салмонро партофта, ба он тахаллуси Ҳофизро илова кардааст—«Ҳофизи дилшуда мустағриқи ёдат шабу рӯз».[31]

Чунон ки аз ин мисол то андозае равшан шуд, мураттибон ва муҳаррирони минбаъдаи нусхаҳои девони ашъори Хоҷа Ҳофиз баъзе ғазалҳои муосирини ӯро ислоҳан бо иловаи тахаллуси шоирии Ҳофиз ба қатори шеърҳои вай ҷой додаанд. Дар натиҷа миқдори шеърҳои Ҳофиз аз будаш зиёд шуда, ин ҳолат кори ба вуҷуд овардани матни илмӣ-танқидии шеърҳои ӯро басо душвор ва мураккаб гардонидааст. Сабаби асосии то ҳол ба майдон наомадани матни аслии ашъори Ҳофиз маҳз дар ҳамин аст. Ҳол он ки барқарор намудани матни аслии шеърҳои Ҳофиз аз вазифаҳои таъхирнопазири адабиётшиносон мебошад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо ба даст даромадани баъзе нусхаҳои қадим ва мӯътабари девони ашъори Ҳофизи Шерозӣ (аз ҷумла, на-

висандаи ин сатрҳо ин гуна ду нусхаро дар ихтиёр дорад) барои дар солҳои наздик ба иҷро расидани ин кори пурифтихор ёрӣ хоҳад дод.

---

[1] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон. Сталинобод, 1957, саҳ. 456.

[2] Сиддиқи Ҳасанхон. Шамъи анҷуман. Ҳинд, 1298, саҳ. 193.

[3] Мирғуломалихони Озод. Хизонаи омира. Қанпур, 1900, саҳ. 253.

[4] Давлатшоҳи Самарқандӣ. «Тазкират-уш-шуаро», нашри Э. Браун. Лондон, 1901, саҳ. 257.

[5] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёти қасоид ғазалиёт, қитъаот, рубоиёт, тарҷеот, таркибот ва маснавиёт, бо муқаддима ва тасҳеҳи Ависто, Теҳрон, бидуни соли нашр, саҳ. 399.

[6] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон, нашри зикршуда, саҳ. 467.

[7] Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-аҷам, ҷ. 2, Теҳрон 1327, саҳ. 193.

[8] Девони Салмон, нусхаи шахсӣ, вар. 187б.

[9] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 69а.

[10] Шиблии Нӯъмонӣ. Асари зикршуда, саҳ. 211.

[11] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёт, нашри зикршуда, саҳ. 278.

[12] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахабот. Сталинобод, 1951, саҳ. 110.

[13] Шиблии Нӯъмонӣ. Асари зикршуда, саҳ. 185.

[14] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 56б.

[15] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёт, нашри зикршуда, саҳ. 353.

[16] Девони Салмон, нусхаи шахсӣ, вар. 202б.

[17] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 35а.

[18] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 2а.

[19] Девони Салмон, нусхаи шахсӣ, вар. 96б.

[20] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 54б.

[21] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёт, нашри зикршуда, саҳ. 346.

[22] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 60а.

[23] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёт, нашри зикршуда, саҳ. 358.

[24] Девони Ҳофиз, нусхаи шахсӣ, вар. 48б.

[25] Салмони Соваҷӣ. Қуллиёт, нашри зикршуда, саҳ. 291.

[26] Девони Салмони Соваҷӣ бо муқаддимаи Тақии Тафоззулӣ, ба эҳтимоми Мансури Мушфиқ, шомили ғазалиёт, тарҷеот, қасоид, рубоиёт, Теҳрон, 1336, саҳ. бисту ҳафти «Муқаддима».

[27] Рашид Ёсимӣ. Татаббӯъ ва интиқод ва аҳвол ва ашъори Салмони Соваҷӣ, бидуни соли нашр. саҳ. 107.

[28] Ибни Юсуфи Шерозӣ. Феҳристи китобхонаи маҷлиси шӯрои миллӣ, ҷилди саввӯм, Теҳрон, 1318—21, саҳ. 655—56; Қосим Ғанӣ. Баҳс дар осор ва афкор ва аҳволи Ҳофиз, ҷилди аввал, Теҳрон, 1321, ҳиҷрии шамсӣ—1361 ҳиҷрии қамарӣ, саҳ. лаз; Э. Браун. Аз Саъдӣ то Ҷоми, тарҷума ва ҳавошӣ ба қалами Алиасғар Ҳикмат, Теҳрон, 1327 шамсӣ, повароқи саҳ. 318—319.

[29] Рашид Ёсимӣ. Асари зикршуда, саҳ. 110.

[30] Аббос Иқбол. Таърихи муфассали Эрон, ҷилди аввал, Теҳрон, 1312, саҳ. 553.

[31] Рашид Ёсимӣ. Асари зикршуда, саҳ. 109—110.



Расм аз девони Ҳофиз, чопи Теҳрон.

## ҲОФИЗ ВА ҶОМӢ

Шоири бузурги ғазалсаро Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ яке аз писандидатарин гӯяндагонест, ки нобиғаи қарни XV Абдураҳмони Ҷомӣ тамоми умр эҷодиёти ӯро ҳартарафа омӯхта, ҷиҳатҳои инсондӯстӣ ва ҳакимонаи онро пазируфта, дар асарҳои худ «Нафаҳот-ал-унс» (1478), «Сабҳат-ул-аброр» (1482), «Баҳористон» (1487), қасидаи «Рашҳибо» ба шарҳи ҳол» (1490) ва ашъори мухталифаш ба тарзи сухани Ҳофиз ва афкори ӯ баҳо дода, дар истиқболи бисьёр ғазалҳои Ҳофиз назираҳо гуфтааст. Аз ин рӯ муносибати Ҷомиро бо Ҳофиз бояд аз ду ҷиҳат аз назар гузаронд: а) баҳои Ҷомӣ ба Ҳофиз дар асарҳои илмӣ ва бадеии худ ва ҳақиқати он; б) тазминҳои Ҷомӣ ба ғазалҳои Ҳофиз.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ал-унс» менависад: «Шамсиддин Муҳаммад ал-Ҳофизи Шерозӣ раҳимуллоҳу таъоло. Вай лисонулғайб ва тарҷимон-ул-асрор аст. Басо асрори ғайбия ва маъонии ҳақиқия, ки дар кисвати сурат ва либоси маҷоз боз намуда, ҳарчанд маълум нест, ки вай дасти иродати пире гирифта ва дар тасаввуф ба яке аз он тоифа нисбат дуруст карда бошад. Аммо суханони вай чунон бар машраби ин тоифа воқеъ шудааст, ки ҳеҷ касро ба он иттифоқ наяфтода. Яке аз азизони силсилаи хоҷагон қуддусаллоҳу таъоло асрораҳум фармудааст, ки ҳеҷ девон беҳ аз девони Ҳофиз нест агар мард сӯфӣ бошад. Ва чун ашъори вай аз он машҳуртар аст, ки ба эрод эҳтиёҷ дошта бошад, лоҷарам инони қалам аз он масруф мегардад. Вафоти вай дар санаи иснайна ва тисъина ва сабъамиата (792) будааст, раҳимуллоҳу таъоло».[1]

Дар ин порчаи кӯтоҳ Ҷомӣ соли фавти Ҳофизро равшан (792—1390) зикр карда, оҳанги сӯфиёна доштани ашъори Ҳофиз ва аз истилоҳоти аҳли ирфон фаровон истифода кардани ӯро хабар дода, бар хилофи тасаввури тазкиранависони баъдина, ки ӯро сӯфӣ ва аҳли асрор медонанд, қайд мекунад, ки ӯ дасти пиреро нагирифтааст, яъне бо ибораи дигар гӯем, Ҳофиз шахсан ба ягон фирқаи аҳли тасаввуф ворид набудааст. Инчунин ба ақидаи Ҷомӣ Ҳофиз дар ғазал шоири бемонанд буда, дар асри XV девони Ҳофиз чунон ҳам машҳур будааст, ки аҳли он замон «ҳеҷ девон беҳ аз девони Ҳофиз нест» мегуфтаанд ва худи Ҷомӣ ҳам ба сабаби аз ҳад машҳур будани ашъори Ҳофиз таҳлилу намуна овардани онҳоро зиёдатӣ мешуморад.

Ҷомӣ дар «Баҳористон» маълумотҳои дар «Нафаҳот-ал-унс» овардаи худро такрор накарда, асосан оид ба устоди ғазал будани Ҳофиз ва маҳз ба латофату эъҷози ғазалҳои ӯ таваққуф карда, менависад: «Аксари ашъори вай латиф ва матбӯъ аст ва баъзе қариб ба сарҳадди эъҷоз. Ғазалиёти вай нисбат ба ғазалиёти дигар дар салосат ва равонӣ ҳукми қасоиди Заҳир доранд, нисбат ба қасоиди дигарон ва салиқаи шеъри вай наздик аст ба салиқаи Низории Қеҳистонӣ. Аммо дар шеъри Низорӣ ғассу самин бисьёр аст, ба хилофи шеъри вай ва чун дар шеъри вай асари такаллуф зоҳир нест, вайро лисонулғайб лақаб кардаанд».[2] Азбаски ин ҷо Абдураҳмони Ҷомӣ ашъори Ҳофизро ба қасоиди Заҳири Форьёбӣ (1156—1201) монанд мекунад, лозим аст, ки баҳои ӯро дар бораи Заҳир аз назар гузаронем. Гумон меравад, вақте ки Ҷомӣ ғазалҳои Ҳофизро дар байни ғазалҳои дигарон дар салосат ва равонӣ ҳампояи қасоиди Заҳири Форьёбӣ медонад, суханҳои зерини худро дар бораи ӯ дар назар дорад: «Тамоми девони ӯ матбӯъ ва мақбул аст, ба латофат ва салосати сухани ӯ ҳеҷ кас нест, девони вай машҳур аст ва ба забонҳо мазкур».[3]

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» ҳангоми шарҳи ҳоли Қамоли Хуҷандиро нигоштан ҳам аз Ҳофиз ба тариқи зерин ёд мекунад: «Ва баъзе аз орифон, ки ба сӯҳбати Шайх Қамол ва Ҳофиз—ҳарду расидаанд, чунин фармудаанд, ки сӯҳбати Шайх беҳ аз шеъри вай буд ва шеъри Ҳофиз беҳ аз сӯҳбати ӯ».[4]

Агар ин гуфтаҳои Ҷомиро бо ашъори Ҳофиз муқоиса кунем, мебинем, ки гуфтаҳои Ҷомӣ дар ҳаққи Ҳофиз, мах-

сусан дар бораи ғазалҳои диловези ӯ ҳақиқати маҳзанд. Зеро дар ҳақиқат Ҳофиз дар намудҳои гуногуни шеър қувва озмуда бошад ҳам, лекин бахши асосии эҷодиёти ӯро ғазал ташкил карда, ғазалҳои Ҳофиз қуллаи баландтарини ғазалсароии адабиёти форсу тоҷик мебошад. Ҳарчанд пеш аз Ҳофиз Рӯдакиву Муиззӣ, Фаррухию Унсурӣ, Анвариву Саноӣ, Масъуди Саъди Салмону Хоқонӣ, Аттору Ҷалолиддини Румӣ ва Фахриддини Ироқӣ, махсусан Саъдиву Хисрави Деҳлавӣ ва Салмони Соваҷиву Хоҷуи Кирмонӣ, ҳамзамони ӯ Камоли Хуҷандӣ ва пас аз ӯ Котибиву Исмати Бухороӣ, Ҷомиву Ҳилолӣ, Соибу Қоонӣ, Сайидову Нозим, Бедилу Шоҳин ва садҳо шоирон ғазал суруда, дар ин навъи шеър доди суханро дода бошанд ҳам, ғазалҳои Ҳофиз дар байни ғазалҳои онҳо мавқеъи хос доранд.

Ҷомӣ дар бисьёр қасидаву ғазалҳояш ҳам Ҳофизро дар қатори Саъдиву Амир Хисрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавию Камоли Хуҷандӣ чун устоди ғазал ёд карда, шӯҳрати худро баробари шӯҳрати онҳо methода, ғазалҳои худро низ ҳампоя ва баробар вазни ғазалҳои онҳо мешуморад ва ба ин ифтихор дорад. Ҷомӣ дар 74-солагии худ, ки то он вақт «Нафаҳот-ал-унс», ҳафт достони «Ҳафт авранг», ду девони ашъор, «Баҳористон» ва даҳҳо асарҳои дигари илмию адабӣ навишта буд ва бидуни шак шӯҳраташ тамоми кишварҳои форсизабонро гирифта буд, боз ба ин нукта ишорат намуда, хитоб мекунад.

Агар ба Форс равад корвони ашъорам,
Равони Саъдию Ҳофиз кунанд истиқбол.[5]

Дар иқди сию нӯҳуми маснавии «Сабҳат-ул-аброр» Мавлавӣ Ҷомӣ Ҳофизро дар қатори Фирдавсию Низомӣ, Хоқонию Анварӣ, Заҳири Форьёбию Камоли Исфаҳонӣ, Саъдию Камоли Хуҷандӣ ва Амир Хисраву Ҳасани Деҳлавӣ, ки ба ақидаи ӯ дар назми форсу тоҷик мактабҳои нав кушодаанд, зикр карда, махсусан баландовоза ва тозаойин будани суханни Ҳофизро таъкид менамояд:

Ҳофиз аз назми баландовоза
Сохт ойини суханро тоза.[6]

Дар баробари мухлис будан ва баҳои баланд додан ба ашъори Ҳофиз Ҷомӣ тамоми умр ба ғазалҳои ӯ пайравӣ карда як қатор ғазалҳои худро дар ҷавоби ғазалҳои ӯ сурудааст. Зимнан бояд зикр намоем, ки ин мавзӯъ дар баъзе тадқиқотҳо гӯшзад шавад ҳам, дуруст таҳлил нагардидааст. Аз ин гузашта баъзе муҳаққиқон ба назираҳои Ҷомӣ ғалат баҳо додаанд. Алиасғар Ҳикмат асосан аз панҷ навъи шеър—қасоид, маснавиёт ва тарҷеъот, ғазалиёт, муқаттаъот ва рубоиёт иборат будани мундариҷаи девонҳои сегонаи Ҷомиро қайд карда менависад: «Дар ҳеҷ як аз ин фунуни панҷгона наметавон гуфт, ки Ҷомиро бар асотиди дигар монанди қасидагӯёни маъруф чун Анварӣ ва Муиззӣ ва ғазалсароён чун Саъдӣ ва Ҳофиз ва гӯяндагони рубоӣ чун Хоҷа Саъид Абулхайр ва Хайём ва қитъасозон чун Саноӣ ва Ибни Ямин тафаввуқ ва бартарӣ бошад, балки ононро дар бисьёре аз мароҳил бар Ҷомӣ тақаддум аст, лекин ҳар ҷо, ки сухан аз истилоҳот ва таҳқиқоти сӯфиёна ронда, ки ин фан хоси ӯст, доди сухан дода ва низ ҳар ҷо, ки аз мазомин ва ривоёт ва аҳодиси араб матлабе иқтибос шуда, дар тарҷимаи он ба форсӣ ибрози маҳорати бисьёр фармуда ва дар тарҷима риояти амонатро ба ниҳоят расонда ва бо он ки қаломро ба тафсил ва атноб нақл карда аз ҳадди асли мавзӯъ қадаме фаротар наниҳода».[7]

Чунон ки мутаваҷҷеҳ шудед, Алиасғар Ҳикмат на танҳо Ҷомиро шоири муқаллид ва пургӯ ба қалам медиҳад, балки маҳорати ӯро фақат дар истифодаи истилоҳот ва назми афкори сӯфиёна ва тарҷимаи мазмунҳо, ривоёт ва ҳадисҳои арабӣ эътироф мекунаду бас. Ба ин фикри А. Ҳикмат дар ҳеҷ сурат наметавон розӣ шуд. Номитарин саромадони илму адабиёти кишварҳои мухталиф дар тӯли асрҳо эътироф кардаанд, ки дар таърихи тамаддуни ҷаҳон Абдураҳмони Ҷомӣ чун шоир ва мутафаккир мақоми бузурге дорад. Бар замми ин набояд фаромӯш кард, ки Ҷомӣ ба назира ва татаббӯъ чун мусобиқаи эҷодӣ нигариста, кӯшидааст, ки тамоми асарҳои назиравиаш бикр ва нав бошанд. Ин даъворо назираҳои Ҷомӣ ба ғазалҳои Ҳофиз низ собит менамоянд. Дар ин бора муҳаққиқи эронӣ Ҳошим Разӣ изҳор кардааст: «Ҳофиз аз ҷумлаи шоиронест, ки бисьёр тарафи таваҷҷӯҳи Ҷомӣ қарор дошта ва Мавлоно бисьёре аз ғазалҳои Хоҷаро ҷавоб гуфта ва тазмин намудааст, ба вижа дар овардани таркибҳо, қофияҳо ва авзони Хоҷа низ эҳтимом ва-

зида аст».[8] Баъд ин муҳаққиқ чанд порчаи Ҳофиз ва Ҷомиро меорад,[9] ки тазминҳои Ҷомиро ба ғазалҳои Ҳофиз ифода мекунанд ва чанд гуфтори Ҷомиро дар ҳаққи Ҳофиз зикр менамоянд. Вале Ҳошим Разӣ ҳам бо ин қаноат карда, ҳатто кӯшише ҳам накардааст, ки тарзи ҷавобияҳои Ҷомӣ ба Ҳофиз ва моҳияти онҳоро таҳлил намояд.

Дар ғазалҳои Ҷомӣ ду навъ сурат гирифтани таъсири Ҳофиз мушоҳида мешавад: якӯм, дар бисьёр ғазалҳои Ҷомӣ калимаҳои зиёд, ки хоси ғазаланд, баъзе ибораву таъбирҳо (аз қабили «турки ошиқкуш», «зулоли Хизр», «ҷавҳари фард», «кӯи муғон», «масти бода (ё сабӯҳа)-и азал», «аз дида равон шудани хуни дил», «савмаъаи ҳирмон», «шамшоди сояпарвар» ва ғайра) ва мазмунҳои мисраъ ё байтҳои ҷудогонаи Ҳофизро дидан мумкин аст. Лекин чунин ғазалҳои Ҷомӣ на аз ҷиҳати вазну қофия ва на аз рӯи хусусиятҳои дигар ба ашъори Ҳофиз шабоҳат надоранд. Дар чунин мавридҳо муайян кардан душвор аст, ки ин калимаву ибораҳо ва мазмунҳо маҳз ба воситаи ашъори Ҳофиз ба ашъори Ҷомӣ ворид гардида бошад ё аз манбаъи дигаре, онҳоро шоир дидаву дониста истифода карда бошад ё бидуни ихтиёр ва ҳатто мумкин аст, ки ин баробар омаданҳо тасодуфӣ ва ба ҳамдигар беробита бошанд. Вале дар ин ҳолатҳо ҳам гоҳе мешавад, ки аз Ҳофиз гирифта шудани он муайяну равшан аст, мисли ду байти зерин:

**Ҳофиз:**

> **Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад,**
> Як нукта дар ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад.[10]

**Ҷомӣ:**

> Гар шеъри хушат бояд, хуш кун дили Ҷомиро,
> **Хотир, ки ҳазин бошад, кай шеъри хуш ангезад.**[11]

Чунон ки мебинед, байти Ҷомӣ бо байти Ҳофиз ҳамвазн буда, Ҷомӣ мисраъи якӯми байти Ҳофизро ба воситаи пасу пеш овардани ибораҳо, ки қофияи ғазали ӯ талаб мекунад ва иваз кардани калимаи «тар» бо «хуш» таҳрир карда, онро чун бурҳони фикри худ овардааст.

Дуввӯм, Ҷомӣ қариб ба бист ғазали алоҳидаи Ҳофиз бевосита қариб сӣ тазмин баста, ба воситаи пайравӣ ба мав-

зӯъ, тасвири ҳолатҳои мухталифи ишқ, овардани таркибҳо, бораҳо, қофияҳо, радифҳо ва вазнҳои ғазалҳои Ҳофиз, ки ҳамаи ин аз талаботи назира сар мезанад, робитаи худро бо Ҳофиз нишон дода, дар ҳусни баён, таносуби сухан, мутобиқати алфоз бо маъонӣ, равонӣ, ширинӣ, борикандешӣ, хушоҳангӣ, нуктасозӣ, латифапардозӣ, сафои афкор, истифодаи истилоҳоти аҳли тасаввуф ва салосату балоғат бо ӯ мусобиқа мекунад. Вале хусусияти ба назар намоёнтари ғазалҳои ҷавобияи Ҷомӣ ба Ҳофиз он аст, ки Ҷомӣ ғазалҳои Ҳофизро ҳатман дар вазн пайравӣ карда, радиф ва баъза калимаҳои қофияшавандаи онро мегирад. Мавзӯъи умумӣ в мазмунҳои ишқӣ қаробати ин ғазалҳоро бештар мегардо нанд. Дар ғазалҳои поёни Ҳофиз ва Ҷомӣ, ки ҳарду ҳа намунаи олии ғазаланд, ин хусусиятҳоро мушоҳида карда мумкин аст:

**Ҳофиз:**

Соқӣ, ҳадиси сарву гулу лола меравад,
В-ин баҳс бо салосаи ғассола меравад.
Май деҳ, ки наварӯси чаман ҳадди ҳусн ёфт,
Қор ин замон зи санъати даллола меравад.
Шаккаршикан шаванд ҳама тӯтиёни Ҳинд
З-ин қанди порсӣ, ки ба Бангола меравад.
Тайи макон бубину замон дар сулуки шеър,
К-ин тифли якшаба раҳи яксола меравад.
Он чашми ҷодувонаи обидфиреб, бин,
К-аш корвонӣ сеҳр зи дунбола меравад.
Аз раҳ марав ба ишваи дунъё, ки ин аҷуз
Маккора менишинаду мӯҳтола меравад.
Боди баҳор мевазад аз гулситони шоҳ,
В-аз жола бода дар қадаҳи лола меравад.
Ҳофиз, зи шавқи маҷлиси Султон Ғиёсидин
Ғофил машав, ки кори ту аз нола меравад[12].

**Ҷомӣ:**

З-он шустушӯ, ки дар чаман аз жола меравад,
Доғи ҷафои дай зи дили лола меравад.
Соқӣ, биёр бода, ки аз як-ду рӯза айш
Дар фасли гул кудурати яксола меравад.
Майгун лабат зи хотири ман аз се бӯса шуст,

Баҳсе, ки аз салосаи ғассола меравад.
Ҳар сӯ, ки кӯчкардаи мо роҳ баргирифт,
Моро зи дида ашку зи дил нола меравад.
Чатр аз фурӯғи талъати ӯ ғарқи нур шуд,
Моҳи тамом дар тутуқи ҳола меравад.
Ҳар ҷо, ки рафт завраҷи Ҳофиз ба баҳри шеър,
Ҷомӣ, сафинаи ту зи дунбола меравад.
Назми ту меравад зи Хуросон ба шоҳи Форс,
Гар шеъри ӯ зи Форс ба Бангола меравад.[13]

Дар ғазалҳои болоии Ҳофиз ва Ҷомӣ баҳори хуррам тас-
ир шуда, ҳар ду шоир ҳам аз нашъаи он лаззат бурда, ба
оқӣ мурочиат мекунанд, ки бода диҳад, то ки ин дар чунин
урсати ғанимати даргузар, чун воситаи хуррамӣ (Ҳофиз)
а барандаи кудурат (Ҷомӣ) шодии одамонро афзун гардо-
над. Дар ҳар ду шеър ҳам бебақо будани баҳор, ғанимат
онистани фурсати айш ва баҳра гирифтан аз зебоиҳои ҳа-
т ва маъшуқа тарғиб карда мешавад. Вале дар ғазали Ҳо-
из ҳамаи ин дар мақтаъ ба базми мамдӯҳаш Султон Ғиё-
иддин вобаста карда шуда, дар байти шашӯм дунёе ба аҷу-
аи маккора ва ҳилагар ташбеҳ гардида, сареҳан панд дода
ешавад, ки кас ба он набояд фирефта шавад. Дар ғазали
омӣ ҳам фикрҳои асосие, ки дар ғазали Ҳофиз баён ёфта-
нд, бо як тарзи табиӣ ва оҳанги дилнавоз баён гардидааст.
ммо дар ғазали Ҷомӣ накӯҳиши дунёе ва мадҳ вуҷуд на-
ошта, баҳору нигору шароб чун се унсуре, ки худ мояи шо-
иву хуррамӣ ҳастанд, бо суханони ниҳоят зебо, васф кар-
а мешаванд. Ҳофиз дар байти сейӯм шеъри худро маҷо-
ан «қанди порсӣ» номида, бо як ибораи ниҳоят шоирона
ӯҳрати онро таъкид намуда, онро аз ашъори Амир Хисра-
и Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ боло мегузорад, ки ба фик-
и мо, мурод аз «тӯтиёни Ҳинд» ин ду шоир мебошанд. Ҷо-
ӣ бошад дар байти шашӯм аз ин мазмун илҳом гирифта
удро пайрави Ҳофиз медонад ва дар байти охирин ба шӯҳ-
ати ашъори худ ишорат мекунад, инчунин Ҷомӣ ба ғайр
 радифу вазн панҷ калимаи қофияшаванда, чандин кали-
аи дигари ғазали Ҳофизро истифода мекунад. Бо вуҷуди
амаи ин вобастагӣ ва қаробат Ҷомӣ чунон диққатро ба кор
урдааст, ки дар он ягон такрори маҳзро наметавон дарьёфт.
азали ӯ асосан аз масолеҳи ғазали Ҳофиз сохта шуда бо-
ад ҳам, чун ғазали бикр назируфта мешавад ва ҳатто ин

ғазал аз лиҳози фасоҳати сухан ва балоғати гуфтор аз ғазали овардашудаи Ҳофиз на ин ки паст намеистад, балки чунон ки ишора рафт, дар баъзе ҷиҳатҳо аз он боло меистад. Аз рӯи худи ҳамин факт ҳам боз як бори дигар метавон гуфт, ки назира мусобиқаи эҷодии шоири баъдина бо шоирест, ки шеъри ӯ сармашқаш гардидааст ва ин мусобиқа дар офаридани асарҳои тоза ва оригиналӣ як тарзи кор ва услуби эҷодии шоирони моро ифода менамояд, ки барои қувват додани фикри худ боз як ғазали Ҳофиз ва ғазали ҷавобияи Ҷомиро ба он меорем, ки дар ғазали Ҷомӣ дар баробари иқтибоси як мисраъи тамом, вазну қофия ва радифи ғазали Ҳофиз ҷӯшу валвала, латофату малоҳат, салосату равонӣ ва хушоҳангии ба ғазали Ҳофиз монанд мушоҳида мегардад:

**Ҳофиз:**

Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,
Берун кашид бояд аз ин варта рахти хеш.
Азбаски даст мегазаму оҳ мекашам,
Оташ задам чу гул ба тани лахт-лахти хеш.
Дӯшам зи булбуле чи хуш омад, ки месуруд,
Гул гӯш паҳн карда зи шохи дарахти хеш:
Қ-эй дил, ту шод бош, ки он ёри тундхӯ,
Бисьёр тундрӯй нишинад зи бахти хеш.
Хоҳӣ, ки сахту сусти ҷаҳон бар ту бигзарад,
Бигзар зи аҳди сусту суханҳои сахти хеш.
Вақт аст, к-аз фироқи туву сӯзи андарун
Оташ дарафганам ба ҳама рахту пахти хеш,
Эй Ҳофиз, ар мурод муяссар шудӣ мудом,
Ҷамшед низ дур намондӣ зи тахти хеш.[14]

**Ҷомӣ:**

То кай кашам ба савмаъа ҳирмон зи бахти хеш?
Хуррам касе, ки бурд ба майхона рахти хеш.
Бар фарқ гарди дард, ба хоки дарат хушем,
Ҷамшеду тоҷи ӯву Сулаймону тахти хеш.
Гул нест он зи шохи дарахтон, ки оташест,
Қ-аш боғбон зи рашки ту зад бар дарахти хеш.
Дорем бори шишаву хубон ба ҷанги мо
Дар бар гирифта санг зи дилҳои сахти хеш.

Ташрифи хирқа зоҳиди яклахтро диҳед,
Расвои ишқу пираҳани лахт-лахти хеш.
Бинмой лаб, ки соҳиби тасбеҳу тайласон
Дар ваҷҳи нуқлу бода ниҳад рахту пахти хеш.
Ҷомӣ, ба шаҳри ишқ машав раҳнамуни мо,
«Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш».[15]

Дар ғазали Ҳофиз матлаб аз натиҷаи ниҳоии он баён гардида, баъд ба воситаи ташбеҳҳои нозук, ташхис, тазодҳо, калимаҳои ниҳоят ҳамсҳанг ва таъбирҳои халқӣ кайфияти ҳиҷрон тасвир гардида, сабр талқин карда мешавад. Вале дар охир чун қаҳрамони лирикӣ дар фироқ тоқат наоварда, фиғон мебардорад ва ба воситаи санъати талмеҳ мудом муяссар нагардидани муроди одамизодро ба хотир меорад ва бинобар ҳамин чораро дар кашидани рахти худ аз шаҳри худ меҷӯяд, ки ин натиҷа дар матлаъи ғазал сабт гардидаааст. Ҷомӣ дар ғазали худ, ки каме оҳанги сӯфиёна дорад, аз ҳиҷрону фироқ ва сабру чораи халосӣ ҷустуҷӯ кардан сухан намеронад. Балки вай аз ибтидои ғазал савмаъа ва майхонаро чун рамзи аҳли зӯҳд ва аҳли ирфон муқобил гузошта, майхонаро аз савмаъа боло мегузорад ва ба воситаи ташбеҳу тазод, талмеҳу тавсиф, таъбирҳои халқӣ ва калимаҳои ҳамоҳанг ин матлабро то рафт тааммуқ дода, бартарии ишқ бар ибодат ва кайфияти ҷафои дилбарро тасвир намуда, натиҷаи онро бо мисраъи якӯми ғазали Ҳофиз, ки низ натиҷаи ғазал буд, ҷамъбаст менамояд, ки дар натиҷаи он мисраъ мисли калимаҳои зиёди дигари ғазали Ҳофиз, ки дар ин ғазал истифода шудаанд, маънои дигар касб карда, арзиши дигаре пайдо кардаанд. Дар натиҷа ғазали Ҳофиз ва ғазали Ҷомӣ ба назар яке аз дигаре беҳтар ҷилва менамояд.

Ҷомӣ дар баъзе ғазалҳои ҷавобияи худ баъзан як мисраъ, гоҳе ду мисраъи матлаъро оварда, дар баъзе мавридҳо як мисраъро ду тақсим карда дар ду мисраъ низ меорад, ки ин ба ҷараёни фикри ӯ вобастааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ баъзан ба як ғазали Ҳофиз ду-се ҷавоб гуфтааст. Ба ғазали якӯми девони Ҳофиз Ҷомӣ се ғазал дорад, ки яктои он дар девони дуйӯм ва дутоаш дар девони сейӯми ӯ ҷойгир аст. Маълум аст, ки ғазали ифтитоҳияи девони Ҳофиз тобиши сӯфиёна дошта бошад ҳам, дар он моҳияти ишқ чун эҳсоси латиф, илҳомбахш, пур аз ихти-

лофу мушкилиҳо ба қалам дода мешавад. Ҷомӣ низ дар ҳар се ғазали ҷавобияи худ ин нуктаро пайравӣ кардааст. Вале аз ин се ғазал ягонтояш ҳам ба дараҷаи ғазали Ҳофиз нарасидааст.

Ҳофиз ғазале дорад:

Боғи маро чи ҳоҷати сарву санавбар аст,
Шамшоди хонапарвари мо аз кӣ камтар аст.
Эй нозанинписар, ту чӣ мазҳаб гирифтаӣ,
Қ-ат хуни мо ҳалолтар аз шири модар аст.
Чун нақши ғам зи дур бубинӣ, шароб хоҳ,
Ташхис кардаему мудово муқаррар аст.
Аз остони пири муғон сар чаро кашем?
Давлат дар он сарову кушоиш дар он сар аст.
Як қисса беш нест ғами ишқ в-ин аҷаб,
Қ-аз ҳар забон, ки мешунавам номукаррар аст.
Дӣ ваъда дод васламу дар сар шароб дошт,
Имрӯз то чӣ гӯяду бозаш чӣ дар сар аст.
Шерозу оби Рукнию ин боди хушнасим
Айбаш макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст.
Фарқ аст з- оби Хизр, ки Зулмот ҷои ӯст
То оби мо, ки манбаъаш Аллоҳу Акбар аст.
Мо обрӯи фақру қаноат намебарем,
Бо подшаҳ бигӯй, ки рӯзӣ муқаддар аст.
Ҳофиз, чӣ турфа шохи наботест килки ту,
Қ-аш мева дилпазиртар аз шаҳду шаккар аст.[16]

Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин ғазали Ҳофиз ду назира гуфтааст, ки яктои он дар девони якӯмаш «Фотиҳат-уш-шубоб» ҷойгир буда, дигараш дар девони сейӯмаш «Хотимат-ул-ҳаёт» сабт гардидааст. Ғазали девони якӯм ин аст:

Маншӯри давлатам, ки зи ишқат муяссар аст,
Туғрояш он хатест, ки бар даври соғар аст.
Бо ман зи саъду наҳс мазан дам, ки хатти ҷом
Ҳирзи амонам аз хатари чарху ахтар аст.
Будам ба хоби хуш, ки расид аз ҳарими дайр
Пире, ки рашҳаи қадаҳаш рашки кавсар аст.
Гуфт: «Эй писар, дареғ бувад нақди зиндагӣ
Дар дасти он ҳариф, ки маргаш бародар аст.
Бархезу бода хӯр, ки туро хобгоҳи айш

Берун зи маҳди нӯҳ падару чор модар аст.
Соқӣ, биё, ки ишван гетӣ зи раҳ набурд
Онро, ки нашъаи маи лаъли ту дар сар аст.
Дардеҳ зулоли Хизр, ки рафт он кӣ гуфтаме
Зӯҳди маро асос чу садди Сикандар аст.
Ҷомӣ, машав фирефта, к-ин чархи кӯжпушт
Чун ҳалқа аз нишемани иқбол бар дар аст.
Дар зилли он гурез, ки анқои ҳимматаш
Бар бози зарҷиноҳи фалак соягустар аст.[17]

Ғазали девони сейӯм ин аст:

Он шохи гул, ки тозабару сояпарвар аст,
Бар офтоб сунбули ӯ соягустар аст.
Гӯӣ муанбар аст занахдони ӯ зи хат,
Қ-аз вай ҳарими базми ҳарифон муаттар аст.
Ҳар кас ки дид шакли хуши дилрабош, гуфт:
Аз корхонаи қадар ин нақши дигар аст.
Сар бохтан ба хоки дараш давлате қавист,
Хуш муқбиле, ки давлати онаш муяссар аст.
Бе ишқ чун зиям, ки сарои вуҷудро
Девору дар ба сурати хубон мусаввар аст.
Моро мабин ҳақир, ки дарвеши кӯи ишқ
Муфлис ба киса, лек ба ҳиммат тавонгар аст.
Ҷомӣ, макун азимати Шерозу тавфи он,
Қ-он пеши ноқидони Ҳарӣ бас муҳаққар аст.
Аллоҳу Акбараш, ки чу чарх аст сарбаланд,
Аз пуштаҳои дашти Хиёбон фурӯтар аст.
Одина гар ба гашти хиёбон қадам ниҳӣ,
Бинӣ ба ҳар тараф, ки дусад моҳпайкар аст.
В-аз ҷилваи бутону шигифти назорагӣ
Аз чарх баргузашта сад «аллоҳу акбар» аст.

Ғазали Ҳофиз чандин мавзӯъро фаро гирифта, дар байти якӯм гӯё шоир завҷаи худро васф менамояд, дар байти дуйӯм таърифи маъшуқ, дар байти сейӯм тавсифи шароб чун давои ғамбарор, дар байти чаҳорӯм ташвиқи мазҳаби риндӣ, дар байти панҷӯм моҳияти ишқ ва бо ишорае масъалаи ваҳдати вуҷуд ва дар байти шашӯм ваъдаи васл додани маъшуқа ба қалам дода мешавад. Аз ин пай бурдан душвор нест, ки дар таълимоти Ҳофиз маъшуқу маю риндӣ қа-

робат дошта, лаззат гирифтан аз неъматҳои зиндагӣ (гедонизм)-ро тарғиб мекунанд. Байтҳои ҳафтум ва ҳаштум, ки беҳтарин сатрҳои ватандӯстонаи шоиранд, ба васфи ватану мавзеъҳои хуши он бахшида шудааст. Дар байти нуҳум фақру подшоҳӣ муқобил гузошта шуда, Ҳофиз фақрро бар подшоҳӣ тарҷеҳ медиҳад ва дар байти охирин ба тарзи фахрия шеъри худро таъриф мекунад.

Дар ғазали девони якӯми Ҷомӣ ин рангорангӣ дида намешавад. Мавзӯъи он маҳдудтар буда, дар он асосан ишқи ирфонӣ тараннум ёфта, ба тарзи links мармуз дасти пиреро гирифтан талқин мегардад. Аз ин ҷиҳат ғазали Ҷомиро, ки аз ҷиҳати ҳушоҳангӣ аз ғазали Ҳофиз паст намеистад, дар ҳеҷ сурат онро аз ҷиҳати маънӣ бо ғазали Ҳофиз ҳампоя донистан мумкин нест. Аз афти кор инро худи Ҷомӣ ҳам эътироф карда будааст, ки ба ғазали мазкури Ҳофиз дар пиронсолии худ бори дуйӯм ҷавоб навишта, дар он тамоми мазмунҳои ғазали Ҳофизро ахз карда, бо ибораҳо, таъбирҳо ва воситаҳои нав баён кардааст. Махсусан дар таърифи шаҳри Ҳирот, маҳаллаи Хиёбон ва таърифи шеъри худ доди суханро дода, мусобиқаи эҷодиро ба авҷ мерасонад. Вале Ҳофиз дар таърифи Шерозу мавзеъҳои он асосан зебоии табиати онро таъкид менамояд. Ҷомӣ бошад одамон ва моҳпайкарони Ҳиротро зеби он мешуморад. Аз ин рӯ таркиби «Аллоҳу Акбар» дар ғазали Ҳофиз номи мавзеъ аст, аммо дар ғазали Ҷомӣ он нидои таҳсин аст. Ин ғазали ҷавобии Ҷомӣ бо тамоми хусусиятҳо ҳампоя ва баробарарзиши ғазали Ҳофиз аст.

Тазминҳои Ҷомӣ ба ғазалҳои Ҳофиз намунаҳои беҳтарини ашъори ҷавобияи адабиёти тоҷиканд, ки боз як бори дигар моҳияти назираро чун мусобиқаи адабӣ собит менамоянд ва таҳлили ҳартарафаро талаб мекунанд.

---

[1] Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ал-унс. Теҳрон, 1336, саҳ. 611.
[2] Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Душанбе, 1966, саҳ. 107.
[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 102.
[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 108.
[5] Девони комили Ҷомӣ, Теҳрон, 1341, саҳ. 61.
[6] Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҳафт авранг. Тошканд, 1913, саҳ. 280.
[7] Алиасғар Ҳикмат. Ҷомӣ. Теҳрон, 1320, саҳ. 211—212.
[8] Девони комили Ҷомӣ. Муқаддима, саҳ. 250.

[9] Ҳамон ҷо, саҳ. 251—253.

[10] Абдураҳмони Ҷомӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷилди якӯм. Душанбе, 1964, саҳ. 214.

[11] Девони Ҳофиз. Теҳрон, 1320 ҳ., саҳ. 109.

[12] Девони Ҳофиз, саҳ. 152—153.

[13] Девони комили Ҷомӣ, саҳ. 361—362.

[14] Девони Ҳофиз, саҳ. 197—198.

[15] Абдураҳмони Ҷомӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷилди якӯм, саҳ. 393.

[16] Девони Ҳофиз, саҳ. 28—29.

[17] Абдураҳмони Ҷомӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷилди якӯм, саҳ. 198.



Расм аз девони Ҳофиз, чопи Теҳрон

*Т. ШАҲОБОВ*

---

## ҲОФИЗ ДАР „ШАШМАҚОМ"

Чунон ки маълум аст, шеъру ғазалҳои пурмазмуни Ҳофиз ҳанӯз дар замонаш шӯҳрат пайдо карда буд. Лирикаи пур аз эҳсосот, мазмунҳои баланди ишқӣ ва иҷтимоии ғазалҳои ӯ, инчунин салосатбаёнии вай диққати даҳҳо ҳофизону ровиёни халқиро ҷалб карда омадааст. Дар тӯю ҷашнҳои халқӣ, рӯзҳои «Иди саид», «Наврӯзӣ», маҷлису сӯҳбатҳои шоирон, ҳангоми даромади фасли баҳор, умуман дар ҳар гуна рӯзҳои шодию сурур ҳофизони халқӣ ва устодони санъати «Дувоздаҳмақом» ва «Шашмақом» ғазалҳои Ҳофизро мехонданд.

Мазмунҳои бикр ва нозукиҳои ғазалҳои Ҳофиз бештар ба тавассути ҳамин ҳофизон ва ҳунармандони санъати суруд ба дили ҳазорон шунавандагон рафта мерасид ва маъво мегирифт.

Оҳангҳои ғазалҳои Ҳофиз, ки аз тарафи санъаткорон то имрӯз иҷро карда мешавад, хусусиятҳои ба худ хос доранд. Шеърҳои Ҳофиз дар мусиқа ба кас таъсири эстетикӣ мебахшанд ва аксар ӯро ба мардонагию олиҳимматӣ ва фидокорӣ ҳидоят мекунанд. Мақоме, ки ба матни Ҳофиз тасниф шудааст, ба шунаванда қувват ва ғайрат мебахшад. Зиёда аз ин, баъзе матнҳои Ҳофиз дар мусиқии классикии «Шашмақом» ба шунавандагонаш ҳиссиёти шодию хурсандӣ ба вуҷуд меоварад.

Шеърҳои Ҳофиз дар «Шашмақом» чунон таъсирбахш ва хушоҳанганд, ки шунаванда ба завқу тараб меояд. Ин тариқа, оҳангҳои шеъри Ҳофиз, ки асоси тарҳи «Шашмақом»-и тоҷик гардидаанд, таассуроти гуногун, бештар шодиовар

бедор месозанд. Аз ин ҷиҳат ғазалҳои Ҳофиз дар «Шашмақом»-и тоҷик мавқеи муҳим дорад.

Мусиқӣ ҳамагуна шеърро намеписандад. Мусиқӣ ба худ қонуни махсус, чорчӯбаи муайяне дорад, ки бо он мизони шеърро месанҷад. Шеърҳои Ҳофиз дар «Шашмақом» нисбат ба сурудҳои дигар шоирон саҳли мумтанеъ аст. Дар «Шашмақом» хусусиятҳои тақсимоти мисраъҳо, ки мувофиқи баҳри арӯз аст, дар усули доира зарби ҳар як мақомест, ки шеърҳои Ҳофиз ба ҳамин талабот ҷавоб дода метавонад. Ғазалҳои Ҳофиз аз ҷиҳати сохти шеърӣ, таркиби оҳанг ва дигар хусусиятҳои худ бо мақом, бо усули он наздикӣ ва ҳамрангӣ доранд.

Шеърҳои Ҳофиз гӯё барои мусиқӣ, барои ба миён омадани ҳар як мақом офарида шудаанд. Зеро ҳар як ғазали Ҳофиз, ки дар баҳрҳои махсуси классикӣ эҷод шудааст, бо усулҳои мақоми «Шашмақом» рост меояд ва бо он ҳамвазну ҳамоҳанг мебошад. Маълум аст, ки баҳрҳои шеъри тоҷикӣ дар назарияи мусиқаи классикӣ барои муайян намудани вазни матни ҳар як мақом ва усули доира як воситаи муҳимме ба шумор меравад.

Ҳар як ғазали Ҳофиз ба талаботи усули мақоми тоҷикӣ пурра ҷавоб дода метавонад. Бинобар ҳамин ҳам ғазалҳои шоир дар «Шашмақом» хеле ширин ва пурошӯбанд. Равонии мисраъҳо, тақсимоти порчаҳо, вазну оҳанг, хусусияти мусиқии ғазалҳои Ҳофиз ба хусусиятҳои «Шашмақом» хосанд.

Ғазалҳои Ҳофиз дар замони зиндагии ӯ ба оҳангу навои суруду таронаҳои халқӣ гирифта мешуд. Аз эҳтимол дур нест, ки ғазалҳои ӯ дар асари классикии «Дувоздаҳмақом» ҳам истифода гардидааст. Баъди ба «Шашмақом» табдил дода шудани «Дувоздахмақом» шеърҳои Ҳофиз мундариҷаи ин асари классикиро бойтар намудааст. Ҳамин тариқа, аз асри XV ва аз он пештар низ ғазалҳои Ҳофиз мақомро таровати наву тоза бахшидаанд.

Дар системаи «Дувоздаҳмақом» Ҷомӣ шаш тарзи овозро нишон додааст, ки дар асоси ҳамин усул мақом ба амал омадааст. Яъне дар асоси таъсири «Дувоздаҳмақом» шаш намуди асари нави мусиқӣ (яъне «Шашмақом») ба миён омадааст, ки онҳо Наврӯз, Салмак, Гардония, Гавашт (Гувашт ҳам мегӯянд), Моя ва Шаҳноз буда, ҳар яке ба худ

маъноҳои хос дорад. Яке аз шӯъбаҳои муҳимми «Дувоздаҳмақом» мақоми «Сабо» мебошад, ки дар «Шашмақом» бо мақоми «Наврӯз» омезиш ёфта, ба худ мақоми «Наврӯзи Сабо»-ро гирифтааст. Ҳамин мақоми «Наврӯзи Сабо», ки роҳу усули Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандист, бо шеъри Ҳофизи Шерозӣ суруда мешавад, ки дар поёнтар доир ба таркиби ин мақом таваққуф хоҳем кард.

Яке аз рисолаҳои муҳим «Мусиқӣ ва адвор» (ки ба асри XV наздик аст) ном асари Наҷмиддини Қавкабӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои «Шашмақом»-и имрӯза нигоҳ дошта шудааст. Дар ин рисолаи мусиқӣ на ин ки қисмҳои достонии (вокалии) «Шашмақом», балки матни мақомҳое, ки аз тарафи ҳофизони касбӣ иҷро карда мешуд, ифода ёфтааст. Рисола бо ғазал ва рубоиҳои шоирони давраҳои гуногун, аз қабили Абӯалӣ ибни Сино (950 — 1037), Носири Хисрав (1003—1088), Умари Хайём (1040—1123), Саъдӣ (1184—1291), Ҳофиз (ваф. 1389), Камол (ваф. 1390 ё ки 1405), Аҳмади Ҷомӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ (1414—1492), Исмати Бухороӣ ва Навоӣ—Фонӣ зинат ёфтааст. Чи тавре ки мебинем, матни ашъори Ҳофиз аз асри XV сар карда то имрӯз дар «Шашмақом» аз тарафи ҳофизон суруда мешавад.

Мақоми «Ироқ», ки дар асари Қавкабӣ ҷой дода шуда, дар бораи таърихи пайдоиши он маълумоти афсонавӣ оварда мешавад, аз тарафи сарояндагону созандагони оҳангу сурудҳои пешина тағйиру такмил дода шудааст. Тарзҳои гуногуни «Ироқ»-ро дар «Шашмақом» бештар Ҳоҷӣ Абдулазиз ихтироъ ва иҷро кардааст. Баъдтар Шоҳназар Соҳибов аз устоди худ Ҳоҷӣ Абдулазиз тарзҳои иҷрои «Ироқ»-ро омӯхтааст. Аз ҳамин ҷиҳат ҳоло дар мо ду «Ироқ» маълум аст, ки яке бо шеъри Ҳофиз ва дигаре бо шеъри Васлии Самарқандӣ хонда мешавад ва дар байни ин ҳар ду мақом фарқ мавҷуд аст. Мақоми «Ироқ», ки дар шӯъбаи дуюми мақоми «Бузрук»-и «Шашмақом» ҷой дода шудааст, бо ғазали Васлӣ зинат ёфтааст. «Ироқи Бухоро», ки бо ғазали Ҳофизи Шерозӣ аз тарафи ансамбли ҳофизон хонда мешавад, аслан «Ироқ»-и кӯчабоғист. Яъне хондани ин тарзи «Ироқ» дар боғу деҳот, дар ҷойҳои хушманзараю хушбоду ҳаво расм шуда, дар байни аҳолии он ҷойҳо шӯҳрат пайдо карда буд ва ин мақом баъдтар «Ироқи Бухоро» ном гирифт. Дар таркиби «Ироқи Бухоро» авҷҳои «Зебопарӣ» ва «Муҳайяр» роли махсус мебозад. Авҷи «Зебопарӣ» ва «Му-

ҳайяр» пардаи нозуктарин ва мафтункунандаи мақоми «Ироқ» аст, ки дар шеъри Ҳофиз чунин мисраъҳо вазифаи ҳамин таркибро адо мекунанд. Таркиби «Зебопарӣ» ин аст:

Чу дар даст аст руди хуш, бизан мутриб суруди хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.
Сабо хоки вучуди мо ба он оличаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар манзар андозем[1].

«Муҳайяр»-аш:

Биё, чоно, мунаввар кун зи рӯят мачлиси моро,
Ки дар пешат ғазал хонему дар поят сар андозем[2].

«Ироқ»-и дигар, ки бо ғазали Василии Самарқандӣ, хонда мешавад, «Ироқи Самарқанд» ном дорад. Ихтироъкори ин «Ироқ» Ҳочӣ Абдулазизи Самарқандист. Ҳоло «Зебопарӣ» ва «Муҳайяр»-и ин «Ироқ»-ро аз назар мегузаронем.

«Зебопарӣ»:

Ба пирӣ гар зи шароби лаби ту нӯш кунам,
Ҳамон шароб маро қуввати шабоб диҳад.
Қарашмаи ту кунад ишқро ба дил бедор,
Ба чашми наргису бодом бӯи хоб диҳад.

«Муҳайяр»-аш:

Гирифтам аз лаби ту бӯсае ба ҳукми хаёл,
Закотро ба фақир соҳиби нисоб диҳад...

Дар таркиб ва порчаҳои дохилии ин «Ироқ» Ҳочӣ Абдулазиз тағьирот даровардааст. Дар ин «Ироқ». унсурҳои «Ушшоқ», драматизми бадеӣ оҳангҳои халқӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки чозибанокии онро бештар кардаанд. Бо шунидани оғози амали ин «Ироқ» даҳҳо ва садҳо шунаванда мафтун хоҳад шуд.

Шеъри Ҳофиз:

«Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.

ва ғазали Васлӣ:

«Агар ба зулфи ту машшота печу тоб диҳад,
Сазад, ки шона ба офоқ мушки ноб диҳад,

ки ба ҳавои «Ироқ» хонда мешавад, аз ҷиҳати вазн ва рукн аз якдигар фарқ дорад. Шеъри Ҳофиз шонздаҳҳиҷоӣ буда, рукнаш «мафоилун» (ҳазаҷи мусаммани солим) аст. Ғазали Васлӣ бошад, чаҳордаҳу сездаҳҳиҷоӣ буда, дар рукни «мафоилун, фоилотун, мафоилун, фоилун» зикр меёбад ва ин «муҷтаси мусаммани махдуми мақтӯъ» мебошад. Вале ба ин вазн хондани ин шеър дар мақоми «Ироқ» ниҳоят мураккаб аст ва аз хонанда маҳорат металабад. Мо дар ин ҷо ҳунармандӣ ва санъаткории Ҳоҷӣ Абдулазизро мушоҳида хоҳем кард.

Маълум аст, ки шӯъбаҳои мақом аз наср ва таронаҳо иборатанд. Дар мақоми якӯми «Бузрук» — «Насри Уззол» ин ғазали Ҳофиз хонда мешавад:

Сабо, зи манзили ҷонон гузар дареғ мадор,
В-аз ӯ ба ошиқи мискин хабар дареғ мадор.

Баъди ин барои ба «Уфари Уззол» гузаштан (ғазали Саъдӣ) аввал бояд «Супориши аввалин»-ро иҷро кард, ки ин матн ҳам аз Ҳофиз аст:

Қи Ҳофиз чу мастона созад суруд,
Зи чархаш диҳад Зӯҳра овози руд.

Аз мақоми «Бузрук» боз «Соқиномаи муғулчаи бузрук» ба шеъри Ҳофиз суруда мешавад, ки ин аст:

Муғаннӣ, куҷоӣ, ки вақти гул аст,
Зи булбул чаманҳо пур аз ғулғул аст.

Дар мақоми дуйӯми «Шашмақом» ба мақоми «Рост» ба усулҳои зерини мақом, аз қабили мақомҳои «Сарахбори Рост», «Насри Ушшоқ», «Наврӯзи Сабо», «Талқинчаи Сабо», «Талқинчаи Савти Ушшоқ», «Савти Сабо» ва «Соқиномаи Савти Сабо» ашъори Ҳофиз истифода бурда шудааст, ки мо ҳоло таркибҳои ҳар яке аз ин мақомҳоро иҷмолан дида мебароем. Мақоми «Сарахбори Рост» дар байни шӯъбаҳои мақоми «Рост» яке аз калонтарин мақом ба шумор меравад. Ва он баъди «Мушкилот» бо ҳамин ном («Сарахбори Рост») [illegible] меёбад. Яке аз [illegible]

агар ҳофиз усули «Сарахбори Рост»-ро пухта надонад, ба самъи хонанда усули «Сегоҳ» талқин мегардад. Усули доираи «Сарахбори Рост» бо «бум», яъне бо «бум бак» сар мешавад. Дар таркиби мақоми «Сарахбори Рост» таркибҳои «Сарахбор», «Насруллоӣ», «Ушшоқ», «Уззол», «Ироқ» ва «Муҳайяр» низ дида мешавад.

Барои мушоҳида мо аввал ғазали Ҳофизро пурра меоварем:

Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо,
Мутриб, бигӯ, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо.
Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,
Эй, бехабар зи лаззати шурби мудоми мо.
Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.
Эй бод, агар ба гулшани аҳбоб бигзарӣ,
Зинҳор арза деҳ бари ҷонон паёми мо...
Бигрифт ҳамчу лола дилам дар ҳавои сарв,
Эй мурғи бахт, кай шавӣ охир ту роми мо?
Ҳофиз, зи дида донаи ашке ҳамефишон,
Бошад, ки мурғи васл кунад қасди доми мо.

Дар таркиби байти дуйӯми ғазали Ҳофиз, ки «Сарахбори Рост» ном дорад, таркибҳои «Сарахбор» ва «Насруллоӣ», дар байти чорӯм «Уззол», дар байти панҷӯм «Муҳайяр» ва дар байти шашӯми он оҳанге аз «Ушшоқ» ҳис карда мешавад. Чи тавре ки мебинем, мураккабии мақом ҳам аз иҷрои ҳамин таркибҳо иборат аст. Авҷҳое, ки яке ба дигаре омезиш ёфта омадааст, ҳангоми иҷро аз ҳофиз устодӣ металабад.

«Насри Ушшоқ» (аз мақоми «Рост») бо ин ғазали машҳури Ҳофиз таркиб ёфтааст:

«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро»...

Мо ҳоло дар бораи ҳамаи хусусиятҳои ин мақом маълумот намедиҳем, фақат баъзе таркибҳои онро нишон дода мегузарем.

Чунин мисраъҳо «Уззоли» «Насри Ушшоқ» аст:

Бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

«Уззол» ва «Насруллой:»

Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо.

«Супориши Муҳайяр»:

Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,
Қи ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.

«Таркиби Муҳайяр»:

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯстар доранд,
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.

Мақтаи ҳамин ғазали Ҳофиз бошад, дорои унсурҳои ушшоқ мебошад. Мақоми дигаре ки бо ғазали Ҳофиз сурат гирифтааст, «Наврӯзи Сабо» мебошад. Мақоми «Наврӯзи Сабо» яке аз бузургтарин қисми насрии «Шашмақом» аст. Вай чунон таъсирбахшу нозук ва нишотангезест, ки кас гумон мекунад, ки шеъри Ҳофиз ҳам ба ҳамин мақом бахшида эҷод шудааст. Ин мақомро ҳар кас хонда наметавонад. Онро фақат Ҳоҷӣ Абдулазиз хондааст ва баъдтар Шоҳназар Соҳибов тарзи хондани онро аз Ҳоҷӣ омӯхтааст.

Мураккабии ин мақом ҳам дар он аст, ки дар таркиби он аз як мақом ба мақоми дигар гузаштан рост меояд. Инак нигаред ба таркиби як ғазал. «Сегоҳ»:

Ба ҳусну хулқ тавон кард сайди аҳли назар,
Ба дому дона нагиранд мурғи доноро.

«Наво»:

Надонам аз чӣ сабаб ранги ошноӣ нест,
Сиҳиқадони сияҳчашму моҳсиморо.

Навоандак»:

Ҷуз ин қадар натавон ёфт дар ҷамоли ту айб,
Қи холи меҳру вафо нест рӯи зеборо.

«Наврӯзи Сабо» бебозгашт ба «Талқинчаи Сабо» мегузарад. «Талқинчаи Сабо» хеле шӯх ва ҳузновар буда ба кас таъсир мебахшад. Матнаш ин аст:

Рӯзе, ки фироқ аз ту дурам созад,
В-аз ҳаҷри рухи ту носабурам созад,
Гар чашм ба сӯи дигаре боз кунам,
Ҳаққи намаки ҳусни ту кӯрам созад.
Ман бандаи он касам, ки шавқе дорад,
Бар гардани худ зи ишқ тавқе дорад.
Ту лаззати ишқу ошиқӣ кай донӣ,
Ин бода касе хӯрад, ки завқе дорад.

Мақоми «Талқинчаи Сабо» аз намуди «Зебопарӣ» иборат буда, дар он хусусиятҳои «Ироқ»-и Ҳоҷӣ Абдулазиз омезиш ёфтааст. Чунин байти Ҳофиз аз таркиби «Зебопарӣ» иборат аст:

Ман бандаи он касам, ки шавқе дорад,
Бар гардани худ зи ишқ тавқе дорад.

Яке аз мақомҳои хеле аҷоибу форам «Талқинчаи Савти Ушшоқ» аст, ки бо ин шеъри Ҳофиз суруда мешавад:

Соқӣ, биёр бода, омад замони гул,
То бишканем тавба дигар дар миёни гул.
Кӯрии хор наъразанон то чаман равем,
Чун булбулон нузул кунем ошьёни гул.
Дар саҳни бӯстон қадаҳе бода нӯш кун,
Қ-оёти хушдилӣ бирасид аз забони гул.
Гул дар чаман расид, машав эмин аз хазон!
Ёру шароб ҷӯю саро бӯстони гул.
Ҳофиз, висоли гул талабӣ ҳамчу булбулон,
Ҷон кун фидои хоки раҳи боғбони гул.

«Талқинчаи Савти Ушшоқ» ҳам усули Ҳоҷӣ Абдулазиз буда, ин мақомро бештар худи ӯ мехондааст. Зарби усули ин мақом «бум бака, бака-бака—бак бум» мебошад. Вай низ таркибҳои ушшоқи «талқинчаи савти ушшоқ», худи «Ушшоқ» ва «Уззол» дорад. Азбаски дар шеъри Ҳофиз як байт намерасад, «Муҳайяр»-и ин мақом афтода мондааст. Банди ҳамин шеър, ки пеш аз мақтаъ меояд, таркибҳои ҳавои «Ушшоқ»-ро дорад. Мақтаи ғазал бошад, «Уззол» аст. Мақомҳо яке аз дигаре зеботару таъсирбахштаранд ва шунавандаро мафтун сохта, ӯро ба ваҷду ҳаяҷон меоранд.

Мақоми «Савти Сабо» дар ғазали Ҳофиз мазмун ва таъсири бузурге дорад. Худи таркибҳои ғазали Ҳофиз гӯё бо

ин мақом хешӣ дошта бошанд, ки бо он васл ёфтаанд ва аз инҳо якҷоя савти ҳазине шунида мешавад, ки касро ба сайри дуньёи зебой, боғу роғҳои аҷиб, кӯҳу даман раҳнамун месозад. «Савти Сабо» яке аз мақомҳои дилрабоест ва таъсири он пайваста бо ғазали Ҳофиз меафзояд:

Сабо вақти саҳар бӯе зи зулфи ёр меовард,
Дили шӯридаи моро зи нав дар кор меовард.
Зи рашки тори зулфи ёр бар боди саҳар медод,
Сабо ҳар нофаи мушке, ки аз тотор меовард.
Фурӯғи моҳ медидам зи боми қасри ӯ равшан,
Ки рӯй аз шарми ӯ хуршед бар девор меовард...
Ман он шохи санавбарро зи боғи сина баркандам,
Ки ҳар гул, к-аз ғамаш бишкуфта, меҳнат бор меовард...
Ба қавли мутрибу соқӣ бурун рафтам гаҳу бегаҳ,
К-аз он роҳи гарон қосид хабар душвор меовард.
Аҷаб медоштам дишаб зи Ҳофиз ҷому паймона,
Вале манъаш намекардам, ки сӯфивор меовард.

«Зебопарӣ»-и «Савти Сабо» ин аст:

Ман он шохи санавбарро зи боғи сина баркандам,
Ки ҳар гул к-аз ғамаш бишкуфта меҳнат бор мовард...

Шеъри зерини Ҳофизро ба мақоми «Гирья» хондан айни матлаб аст:

Муғаннӣ, навои тараб соз кун!
Ба қавлу ғазал қисса оғоз кун!

Ин ғазали Ҳофиз, ки бо мисраъҳои мазкур сар шудааст, мақоми «Соқиномаи Савти Сабо»-ро зинат медиҳад. Дар ин ҷо «Соқинома»-и «Савти Сабо» бо савт ва сабояш омадааст. Ҳоло авҷи «Зебопарӣ»-и «Соқиномаи Савти Сабо»-ро меоварем ,ки ин аст:

Бидеҳ, то сафои дарун орадам!
Даме аз кудурат бурун орадам.
Биё, соқӣ, он май, ки тезӣ кунад,
Ба боғи дилам мушкбезӣ кунад.

Мақтаи ин ғазали Ҳофиз дар мақоми «Соқиномаи Савти Сабо», «Бозгӯй» ном дорад.

Ҳоло аз мақоми сейӯми «Шашмақом» — «Наво» як ғазали Ҳофизро, ки ба мақоми «Оразн Наво» истифода шудааст, меорем:

Ҳумои авҷи саодат ба доми мо афтад,
Агар туро гузаре бар мақоми мо афтад.
Ҳубобвор барандозам аз нишот кулаҳ,
Агар зи рӯи ту аксе ба ҷоми мо афтад.
Чу ҷон фидои лабат шуд, хаёл мебастам,
Ки қатрае зи зулолат ба коми мо афтад.
Хаёли зулфи ту гуфто, ки ҷон васила масоз,
Қ-аз ин шикор фаровон ба доми мо афтад.
Ба ноумедӣ аз ин дар марав, бизан фоле,
Бувад, ки қуръаи давлат ба номи мо афтад.
Шабе, ки моҳи мурод аз уфуқ тулӯъ кунад,
Бувад, ки партави нуре ба боми мо афтад.
Зи хоки кӯи ту ҳар гаҳ, ки дам занад Ҳофиз,
Насими гулшани ҷон дар машоми мо афтад.

Мақоми «Оразн Наво» аз таркибҳои «Ораз» ва худи «Наво» иборат буда, дар он бозгӯйҳо роли муҳим мебозанд. Авҷи «Ораз» ва «Наво» дар ин мақом ниҳоят шӯрангез аст. Мана нигаред:

Чу ҷон фидои лабат шуд, хаёл мебастам,
Ки қатрае зи зулолат ба коми мо афтад.

Тадқиқи шеърҳои Ҳофиз дар «Шашмақом» ва мувофиқати мазмунию оҳангии онҳо бо мақомҳои он кори муфассалеро мехоҳад, ин мақола танҳо сарахбори он аст.

---

[1] Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон. Нашр. давл. Тоҷикистон, 1957, саҳ. 24. Тартибдиҳанда ва муҳаррир Холиқ Мирзозода.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 25.

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор. Р. Ҳодизода. . . . . . . . . 15
Н. Маъсумӣ. Ганҷинаи фикру ҳис. . . . . 10
Т. Н. Зеҳнӣ. Бадеиёти ашъори Ҳофиз. . . . . . .
А. Қодиров. Баъзе нуктаҳои фалсафӣ дар ашъори Ҳофиз. 41
В. Капранов. Сухани Ҳофиз дар фарҳангҳои форсу тоҷик. 51
А. Абдуллоев. Қасоиди Ҳофиз. . . . . . . 64
А. Бобоев. Тасвири табиат дар ашъори Ҳофиз. . . . 75
И. Ҳидоятов. Асириддини Ахсикатӣ ва Ҳофиз. . . . 84
Қ. Айнӣ. Ҳофиз ва «тарзи сухани Хоҷу» . . . . . 94
А. Афсаҳов. Саъдӣ ва Ҳофиз. . . . . . . 105
Раҳим Ҳошим. Ҳофиз ва Камол. . . . . . 114
Н. Сайфиев. Ҳофиз ва Салмони Соваҷӣ. . . . . 125
А. Афсаҳзод. Ҳофиз ва Ҷомӣ. . . . . . . 137
Т. Шаҳобов. Ҳофиз дар «Шашмақом». . . . . . 151

*Бо қарори Совети*
*таҳририяю нашрияи Академияи фанҳои*
*РСС Тоҷикистон чоп мешавад*

*Ответ. редактор——Аҳмад Абдуллаев*

Сборник, посвященный юбилею Хафиза
(на таджикском языке)

Муҳаррири нашриёт **З. И. Очилова**
Муҳаррири техникӣ **З. П. Маслова**
Рассом **А. К. Разыграева**
Мусаҳҳеҳ **Х. Кароматова**

234

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

87-1

КЛ 02458. Ба матбаа 9/I-1970 супорида шуд. Ба чопаш 17/III-1971 с. имзо карда шуд. Қоғази 60×84 1/16. Ҷузъи чопӣ 10, 125. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,5. Қоғази матбаа № 1. Сифати 1. Адади нашр. 6200. Супориши 67. Нархаш 76 тин. Бо лидерин 96 тин.

Душанбе, 29, Матбааи нашриёти «Дониш», кӯчаи Айнӣ 121, бинои 2.

Нархаш 76 тин.